ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ 891.550
ТКБ 83. 3 Тоҷ.
Р - 88

РУСТОӢ МИРЗО МУҲАММАД

# САЙИД НОДИРШОҲИ КАЁНӢ ВА ЭҶОДИЁТИ Ӯ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ
аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессор
Худойдодов Аъзам Овлододович

ДУШАНБЕ – 2024

МУНДАРИҶА


МУҚАДДИМА ........ 3

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ ........ 6

БОБИ I. РӮЗГОР ВА ОСОРИ САЙИД НОДИРШОҲИ КАЁНӢ

1.1. Зиндагиномаи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ........ 11

1.2. Мероси адабии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ........ 15

1.2.1. Осори манзум ........ 20

1.2.2. Осори мансур ........ 21

1.3. Анвои шеъри Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва мавқеи ғазал дар эҷодиёти ӯ ........ 23

БОБИ II. СОХТ ВА МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ ҒАЗАЛИЁТИ САЙИД НОДИРШОҲИ КАЁНӢ

2.1. Сайри таҳаввули ғазал то замони Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ........ 40

2.2. Сохт ва таркиби ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ. ........ 50

2.3. Мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ........ 57

БОБИ III. ХУСУСИЁТИ УСЛУБӢ ВА БАДЕИИ ҒАЗАЛИЁТИ САЙИД НОДИРШОҲИ КАЁНӢ

3.1. Забон ва тарзи баён ........ 76

3.2. Вазн, қофия ва радиф ........ 88

3.3. Хусусиёти бадеӣ ........ 147

ХУЛОСА ........ 166

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ ........ 170

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ........ 171

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ ........ 181

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Яке аз вазоиф ва масъулиятҳои бузурги нависандагон ва зиёиён дар ҷомеа кор ва пажуҳиш рӯйи корнома ва эҷодиёти аҳли илму донишмандон аст, то ки аз як тараф, дастовардҳои онон эҳё ва муҳофизат гардад ва аз ҷонибе ҳам шахсияти худи олим ва муҳаққиқ ба муаррифӣ гирифта шуда, ба шуҳрат расонида шавад, яъне дар воқеъ ҳар навишта ва пажуҳише дар ҷойи худ бино ва асосест барои ҳифз ва тадовуми дошта ва андухтаҳои ҷамъӣ ва интиқоли он ба наслҳои оянда, то ки хотира, корнома ва дастовардҳои бузургон аз миён наравад ва ба дасти фаромӯши супурда нашавад.

Аз ҷониб дигар, барои шинохт ва муаррифии дақиқ ва ҳамаҷонибаи ҳар шахсият лозим аст, ки паҳлуҳои гуногуни зиндагии ӯ, мероси адабӣ ва хизматҳои шоистааш дар адабиёт мавриди таҳқиқ ва пажуҳиш қарор гирад, зеро пажуҳиш дар бораи муҳити зиндагии фузало ва андешмандон, вазъи ҳокимияти сиёсӣ, эҷтимоӣ ва фарҳангӣ, давраи омӯзиш ва таҳсил, рафтор ва хусусиёти иҷтимоӣ, афкор ва эътиқодот, офариниш ва тавлидот, дастовард ва корнома ва ғайра на танҳо метавонад бахше аз роҳ ва огоҳиҳои лозим, барои шиносоӣ ва корномаҳои худи он олимон ва бузургон бошад, балки қодир аст то чигунагии авзоъ ва шароити мусаллат бар он замонро низ, ба тасвир бикашад, яъне афзун бар шинохти шахси мавриди таҳқиқ (Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ- М.Р.), метавонем чигунагии ҳолоти замони зиндагии ононро низ ба хубӣ дарк намуд!

Ба ибораи дигар, осор ва офаринишҳои ҳар адиб ва донишвар, мусалламан тобеӣ шароит ва муносиботи ҳокими ҷомеаи зиндагиаш буда, он офарида ва сурудаҳо ба таври табиӣ аз вазъияти ҷорӣ дар зиндагии онҳо моя мегирад.

Аз ҳамин ҷиҳат, осори ҳар соҳибқалам ва нависанда ба ҳайси ойинаи тамомнамои авзои ҳокими фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҳамон замон дар воқеъ, мушкили шинохти ҳамаҷонибаи давраи зиндагии ононро саҳл ва осонтар мегардонад.

Яке аз вижагиҳои муҳими кор ва таҳқиқ рӯйи аҳволи донишмандон ва сухансароёни гузашта, шиносонидани осор ва пайванди дидгоҳ ва назариёти

онон ба силсилаҳои баъдӣ аст; ин амал сабаб мешавад, то аз як тараф ришта ва тааллуқоти фикрӣ ва фарҳанги наслҳо бидуни қатъ шудан, устувор ва побарҷо боқӣ бимонад ва аз ҷониби дигар, дошта ва анбоштаҳои илмӣ ва таҷрибаашон ва ҳатто шеваи зиндагонӣ ва одоту суханашон, ба ояндагон мунтақил гардад; чун беҷо нагуфтаанд ки: илму дониш замоне аҳамият пайдо менамояд, ки ба дигарон интиқол ёбад.

Пас таҷассус ва таҳқиқ руйи моя ва сарватҳои дониши аслоф ва гузаштагон, аз аҳамияти фаровоне бархурдор аст, зеро ин сарват ва корномаҳост, ки ба масобаи машъали роҳ, ҳол ва ояндаи ҳамнавъонро назм ва интизом мебахшад.

Бинобар ин, сақфи ҳар таҳқиқе муттакӣ ва устувор бар сутунҳоест, ки нависандагон ва муҳаққиқонро мувazzаф месозад, то барои тақвият ва истеҳкоми асари марбут ҳар яки ин меҳвар ва ё сутунҳоро мавриди воковӣ қарор бидиҳад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба унвони як шахсияти матраҳи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо васфи шуҳрати калони адабиву фарҳангияш боз ҳам миёни шоирон ва нависандагон ношинохта ва камовоза боқӣ мондааст. Он чи ошкор аст, яке аз авомили муҳимми ношинохта мондани ин адибдастрас набудани маҷмуаи осораш ба муҳаққиқон маҳсуб меёбад.

Ду дигар аз авомил, ки шуҳрати вай миёни адибон ва фарҳангиёнро ҳузури табъидгунааш дар Кобул ва зери назар қарор доштанаш аз ҷониби ҳукумати вақт метавон ба шумор овард, ки заминаҳои дурахшиши ӯро дар берун аз муҳити зиндагияш салб намуда буд..

Навиштаҳо ва таҳқиқоти мухтасаре, ки василаи теъдоде аз бузургон, мисли Қадамалии Некпай[1], Муҳаммад Иршоди Маънавӣ[2], Сайид Муҳаммад Иброҳими Бомиёнӣ[3], Фиребо Фарҳат[4], Дуктур Масъуд Миршоҳи, Шуҷоуддини Хуросонӣ ва Наҷибуллоҳи Қайюм, пиромуни доштаҳо ва осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ

[1] Қадамалии Некпай. Аҳвол, шахсият ва осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ.- Кобул, 1388. - 64 с.
[2] Сайид Иршод Маънавӣ. Зиндагиномаи Сайид Нодиршоњ Каёнӣ. – Кобул, 1393. – 37 с.
[3] Сайид Муҳаммад Иброҳими Бомиёнӣ. Каёниён ва хонаводаи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ. -Кобул, 1380.-320 с.
[4] Фиребо Фарҳат. Ирфон дар шеъри Сайид Нодиршоҳ Кайёни.- Кобул, 1394.- 64 с.

сурат гирифта, дар он ҳадде нест, ки бишавад бар он басанда кард, зеро онон ба китобҳо ва осори баҷомонда аз вай ба таври бисёр гузаро ва ба гунае оморӣ пардохта ва дар заминаи таҳлилу муаррифии анвои шеър сохту таркиб, хусусиёти услубӣ ва бадеии осор ва ба вижа дар мавриди авзон ва муҳтавиёти ашъор, ки умқи салобат ва тавонмандии шоирро зоҳир месозад, ҳеҷ таваҷҷуҳе надоштаанд, аз ҳамин сабаб лозим афтод, то рӯйи шахсияти адабии Сайид Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ таҳқиқоти дақиқтар ва васеътаре анҷом ёбад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқи диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тайи солҳои 2018-2021, ки ба пажуҳиш ва нашри осори адибони адабиёти муосир ва классикӣ ва ҳамчунин иртибот ба адабиёти форсизабон ва даризабони Эрону Афғонистон равона шудааст, анҷом ёфтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳамон гуна ки ишора рафт, гурӯҳҳои гуногуни фарҳангӣ ва адабии кишвар бинобар далоиле натавонистаанд тасвири шоистаи аз шахси мавриди баҳс – Сайид Нодиршоҳи Каёниро дар ҷомеа ироа бидиҳанд. Аз ин ҷиҳат, мавзуи мавриди таҳқиқ, комилан тоза ва нав буда, то имрӯз дар бораи он рисола ва мақолаи ҷиддие анҷом нашудааст. Бинобар ин, ҳадафи таҳқиқ ин аст, ки корномаҳои фарҳангӣ ва фаъолияти адабии шоир ба риштаи таҳқиқ кашида шавад. Баробари ба анҷом расидани ин кор ва чопи ин рисола шояд битавон ғубори бебовариро аз вай зудуд ва шахсияти фохири адабии ӯро ба ҷомеа ошно сохт.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои анҷом ёфтани вазоифи таҳқиқ бояд ба мавориди зер таваҷҷуҳ сурат гирад:

- баррасии авзоъ ва ҳолоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи зиндагии шоир бо такя ба сарчашмаҳои муътамади адабӣ, таърихӣ ва таҳқиқоти донишмандони муосир;
- зиндагӣ, кор ва фаъолияту таъсири вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ба ҳаёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бар асоси маохизи адабӣ ва таърихӣ;
- муқоисаи абёти девони чопшудаи феълии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бо девони қаблиаш;
- таҳқиқ ва дақиқ намудани теъдоди ғазалиёти пурра ва нопурраю сохтори маҷмуаи ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ;
- таъини баҳр ва авзону нишон додани он дар ғазалиёти шоир;
- таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи қофия ва радиф дар ғазалиёти шоир бо овардани мисолҳои мушаххас;
- баррасии вижагиҳои забон ва сабки баёни Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ;
- муайян намудани нақш, маҳорат ва истеъдоди фитрии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар истифода аз саноеи бадеӣ.

**Объект ва сарчашмаҳои таҳқиқ.** Ашъор ва осори боқимондаи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва назариёти адибону донишмандони гузаштаю муосир мавзуи баҳси асосии рисолаи диссертатсионӣ мебошад.

**Предмети таҳқиқ.** Баррасии ҳаёт ва эҷодиёт, таҳлили ашъори назмию насрии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ предмети асосии таҳқиқ ба шумор меравад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Дар ҷараёни таҳқиқ ва баррасии мавзуъ аз равобити улуми адабиётшиносӣ, таърихи адабиёт, матншиносӣ, нақд ва назарияи адабӣ, сабкшиносӣ ва сарчашмашиносӣ истифода шудааст, ки ба қалами донишмандоне чун С. Айнӣ, Х. Мирзозода, Б. Ғафуров, З. Раҷабов, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, С. Табаров, М. Шукуров, А. Насриддинов, А. Сайфуллоев, М. Раҷабӣ, А. Маҳмадаминов, А. Қавим, Қадамалии Некпай, Сайид Иршод Маънавӣ, Сайид Муҳаммад Иброҳими Бомиёнӣ, Доктор Фиребо Фарҳат, Шуҷоуддини Хуросонӣ марбут аст**.**

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Диссертатсия дар асоси методҳои таърихӣ, таърихӣ-қиёсӣ, таҳлили сохтории матни бадеӣ, шинохти сохторӣ ва бадеии жанрҳои адабӣ, равишҳои комплексии нақду сарчашмашиносию матншиносӣ, шарҳу таҳлили осори адабӣ таълиф гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Навгонии таҳқиқ аз он иборат аст, ки доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бори аввал кори илмӣ дар шакли рисолаи диссертатсионӣ сурат гирифта, дар он масъалаҳои зиндагиномаи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, мероси адабӣ, осори манзум ва мансур, анвои шеъри Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва мавқеи ғазал дар эҷодиёти ӯ, сайри таҳаввули ғазал то замони адиб, сохт, таркиб, мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти Каёнӣ, забон ва тарзи баён, вазн, қофия ва радиф, хусусиёти бадеии ашъори шоир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ аз назари шоирӣ ва фаъолияти адабию фарҳангӣ як тан аз шоирон ва суханпардозони муътабар, аммо камшинохташудаи давраи муосир аст. Аз ин рӯ, муттакӣ бар мавориди мавҷуд, дараҷаи аҳамияти таҳқиқ

ва пажуҳиш болои осори адабӣ ва фарҳангии вай муайян ва мушаххас гардида, нукоти зерин ба дифоъ пешниҳод мегардад:

1. Муайян намудани ҷойгоҳи иҷтимоӣ ва маънавии шоир дар ҷомеа;

2. Шиносоии хонанда ба зиндагинома ва осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ;

3. Баррасии ғазалиёти шоир ва дар баробари ин муайян кардани мавқеи маснавӣ, қитъа, қасида ва рубоӣ дар эҷодиёти адиб;

4. Муайян кардани ашъори Нодиршоҳи Каёнӣ аз назари забон ва сабк;

5. Мушаххас муайян намудани баҳрҳои ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ;

6. Баррасии қофия ва нақши он дар ашъори шоир;

7. Мавқеи радиф дар ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ

8. Баррасӣ намудани орояҳои ҳунарӣ, анвои фунун ва саноеи бадеӣ дар сурудаҳои Нодиршоҳи Каёнӣ.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он аст, ки хулоса ва андешаҳои илмии марбут ба ҳаёт ва эҷодиёти Сайид Нодиршоҳи Каёниро дар баррасиҳои минбаъдаи олимону унвонҷӯён, ки ба таҳқиқи масоили мушобеҳ бахшида мешавад, муфид арзёбӣ мешавад.

Ҳамчунин, аҳаммияти амалии кор дар он аст, ки нукта ва натиҷаҳои муҳимтарини диссертатсия зимни таълими таърихи адабиёти ҳамҷавори Афғонистон ва муосир муфид буда, усул ва роҳкориҳои онро метавон дар таҳия ва таҳқиқи осори адибони гуногун аз тарафи магистрону унвонҷӯён ва муҳаққиқон истифода кард.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Пажуҳиш дар заминаи маводи таърихи адабиёти тоҷик ва дарии аввали асри XX Тоҷикистону Афғонистон анҷом ёфта, дар он масъалаҳои зиёди ин давраи таърихи адабиёт, аз ҷумла вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, илмию фарҳангии Осиёи Миёна (аз тарафи Россияи подшоҳӣ забт шудани Осиёи Миёна) ва Афғонистон, таъсири давр ба рӯзгори адибон, бахусус Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, афкори адабию эстетикии ӯ таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Мавзуи диссертатсия «Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Муҳаққиқ бори нахуст зиндагинома ва мероси адабӣ ва ба вижа осори ғиноии Сайид Нодиршоҳи Каёниро ба баррасӣ гирифта, рӯйи забону сабки баён, корбурди саноеи бадеӣ ва сохту устухонбандии девони ашъори шоир таҳқиқ ва пажуҳишҳои лозимро анҷом дода, нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои назариро ба шакли мақолаҳои илмӣ манзур намудааст. Ҳамчунин, саҳми шахсии довталаб дар баррасии мавзуъ ва масъалаҳои меҳварӣ ва коркарду тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ зоҳир меёбад.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои диссертатсия дар шакли гузориши маъруза ва мақолаҳо интишор шуда, тавассути маҷмуаҳои дастаҷамъӣ, маҷаллаҳои илмии тақризшавандани КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст. Нуқтаҳои меҳварӣ ва калидии диссертатсия дар маҳфил, семинар ва конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (Конферbegin байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабии халқҳои тоҷику узбек: гузашта, ҳозира ва оянда», дар иртибот ба ифтихори 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 145 – солагии сардафтари адабиёти муосири тоҷику узбек Садриддин Айнӣ, эҳёи нави густариши робитаҳои иқтисодӣ, илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Узбекистон, 27-28.04.2023) ироа шудааст.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз 30-юми апрели соли 2024, суратҷаласаи №10 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст, ки дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва нуҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 182 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад.

# БОБИ I.
# РӮЗГОР ВА ОСОРИ САЙИД НОДИРШОҲИ КАЁНӢ

## 1.1. Зиндагиномаи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дақиқан дар аҳди ҳукмравоии Амир Абдурраҳмонхон чашм ба дунё кушода, тайи 73 соли умри пурбораш, ки умарову подшоҳоне чун Амир Абдураҳмонхон, Амир Ҳабибуллохон, Шоҳ Амонуллохон, Амир Ҳабибуллоҳ (мулаққаб ба ходими дини расулаллоҳ, Муҳаммад Нодирхон ва Муҳаммад Зоҳирхонро дар бар мегирад, озурдагӣ-Р.М.), ноҳинҷорӣ, талхкомӣ ва беадолатиҳои зиёдеро мушоҳида ва ба таҷриба гирифтааст. Ба ин маънӣ, ки корномаи зиндагии ӯ дар воқеъ маншаъёфтаи авзои пурфарозу нишеби он адвор буда, меросҳои катбии эшон инъикосдиҳандаи воқеиятҳои мавҷуд дар он замон мебошад. Илова бар он, мурури осори баҷомондаи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ин нуктаро мерасонад, ки ӯ аз паҳлуҳои мухталиф шахсияти ворастае дошта, дар таърихи муосири ҷойгоҳи сазовортареро ҳойиз аст.

Барои талхис ва танзими фароянди муаррифии шоир лозим аст, дар мавриди зиндагӣ ва осори ба ҷо мондаашон ба таври мутановиб ба баҳс пардохта ва ибтидо аз зиндагиномааш биоғозем.

Сайид Нодиршоҳ фарзанди Сайид Гавҳархон, ки аз зуррияи Сайидшоҳ Солеҳ машҳур ба Абдол аст, дар санаи 1276-и хуршедӣ, дар шаҳри Кулоби Бухорои Шарқӣ, аз тавобеи Ҷумҳурии Тоҷикистони феълӣ ба дунё омад. Хонаводаи Сайид Нодиршоҳ дар он замон нисбати ихтилоф ва носозгорӣ бо Амир Абдураҳмонхон ҳокими вақти Афғонистон, дар Кӯлоб ба сар мебурданд, ӯ як сол умр дошт, ки падараш Сайид Гавҳархон чашм аз ҷаҳон пӯшид ва мутакаффили зиндагии ӯ бародари бузургаш Сайид Фаридун гардид. Сайид Фаридун, ки дар он вақт вазифаи раҳбарии мазҳаби исмоилиёни кишварро бар уҳда дошт, дар 33 солагӣ, санаи 1287-и хуршедӣ, ки Сайид Нодиршоҳ ёздаҳсола буд, вафот ёфт [27, с.10]. Пас аз реҳлати Сайид Фаридун, Сайид Темур – писари

дувуми Сайид Гавҳархон аз ҷониби Султон Муҳаммадшоҳ Оқохони савум ба сифати раҳбари мазҳабии исмоилиёни Афғонистон тавзиф гардид [27, с.11].

Сайид Темур дар давраи ҳокимияти Амир Ҳабибуллохон падари Шоҳ Амонуллохон ба кишвар бозгашт намуд ва муддатеро дар марбутоти вилоёти шимоли шарқӣ (дар Янгиқалъа / Ҷангиқалъа ва Баҳораки вилояти Тахор ва дар Хонободи вилояти Қундуз) сипарӣ кард. Ӯ пас аз як соли зиндагӣ дар ин ҳавза, ба дастури Амир Ҳабибуллохон писари Амир Абдураҳмонхон ба Кобул рафт ва баъд аз гузашти ду сол дар он ҷо ба вилояти Қандаҳор табъид гардид. Хатми табъид ва баргашти муҷаддади Сайид Темурхон ба Кобул низ амре буд, ки ба супориши Султон Муҳаммадшоҳхони савум иртибот дошт ва бар асоси хоҳиши раҳбари исмоилиёни ҷаҳон (хони савум) номбурда озод ва вориди Кобул гардид.

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ пас аз фавти падар, даҳ солро таҳти роҳнамоии Сайид Фаридун – бародари бузургаш ва 17 соли тамомро зери сарпарастии Сайид Темуршоҳ - бародари дувумиаш гузаронида, бо киёсат ва истеъдоди хосе, ки дошт, аз он даврони ноҳинҷор ва пурҳаводис, аз наҳваи бархӯрди бераҳмонаи низом ва аз номулоимоти рӯзгори табъид ва аз ҳамаи абъод ва акнофи зиндагӣ ба хубӣ омӯхт, таҷрибаҳо касб кард, обдида шуд ва асбоби бузургиву бузургманиширо дар худ эҳё намуд. Ҳамон буд, ки бо иртиҳоли бародараш Сайид Темурхон ҷойнишини вай гардид ва аз уҳдаи раҳбарии қавм ва ҳамкешони худ ба хубӣ бадар омад.

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ баъди вафоти бародараш Сайид Темур, ки ба ҳайси як руҳонӣ, раҳбарии фирқаи исмоилияи Афғонистонро бар уҳда гирифт, бо дироят ва тавонмандӣ, ки дошт, фаъолиятҳои чашмгиреро ба рабти таҳаққуқи ҳуқуқи иҷтимоӣ, мазҳабӣ ва фарҳангии ин гурӯҳ ба анҷом расонид. Ӯ бо ҳузур дар саҳнаҳо ва ширкат дар таомилоти болоии ҳокимият ва низом ба пайравонаш ҷони дуборае бахшид ва онҳоро аз инзиво ва гӯшанишинӣ берун кашид, чун қабл аз раҳбарии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ пайравони мазҳаби исмоилӣ нисбат ба ҷавви ҳоким дар ҷомеа худҳоро изҳор ва маросими мазҳабишонро озодона иҷро наметавонистанд [26, с.19].

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бо васфи мувоҷеҳ шудан ба мавонеи мухталифи сиёсӣ ва маҳаллӣ ҳудуди 47 сол дар ҷойгоҳи пуркудрати раҳбарии қавмӣ қарор дошт ва ноҳамвориҳои зиёдеро дар масири зиндагии фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ чунон бо муваффақият паймуд, ки то ҳамин акнун забонзади хосу оми ҷомеа аст.

Яке дигар аз вижагиҳое, ки омили пухтагии шахсияти ӯ шуда, эшонро дар саҳна ва майдони мухталифаи адабӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии мададгор ва дастёр гардид, сатҳи баланди адабиёт ва қароеҳи шеърии ӯ буд. Ӯ саводро ба қудрати заковат ва шӯру шавқи зотии худ омӯхт ва ба мурури замон худро ба қуллаҳои баланде аз сароиш, нависандагиву суханварӣ расонид.

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бодиққат, умқандешӣ ва тасаллут бар мутуни мухталифаи фарҳангӣ ва адабӣ, ки дошт, ашъори қобили таваҷҷуҳе аз хеш ба ёдгор гузошт. Дар канори ин ҳама, аз як пойгоҳи васеъ ва мустаҳками иҷтимоӣ низ бархурдор буд, ки гурӯҳҳои дигари қавмии шомили бузургони манотиқ, фарҳангиён ва вазифадорони давлатӣ мудом назди эшон рафтуомад дошта, ба ӯ иродат доштанд.

Дар ин миён, раъфат, тавозуъ, маърифат, андешмандӣ ва ҷозибаи вай боис гардида буд, ки ӯ бо Маликушшуаро Қорӣ Абдулло, Абдураҳмони Лудин, Салоҳиддини Салҷуқӣ, Устод Бетоб, Мавлоно Холмуҳаммади Хаста, Устод Халилуллоҳи Халилӣ, Ҳабиб Наввобӣ, Шоиқ Ҷамол, Муҳаммад Иброҳими Сафо ва ғайра фарҳангиён, донишмандон ва бузургони кишвар равобити бисёр самимонае дошта бошанд [17, с.23].

Ин мавқеият ва ин вусъати равобити иҷтимоии Каёнӣ бо гузашти замон сабаб гардид, ки зимомдорони он замон, ба вижа подшоҳи вақти мамлакат (Муҳаммад Зоҳирхон-Р.М.) бар вай мазнун ва ӯро табъидан ба Кобул хоста ва зери назорати хонагӣ қарор бидиҳад, то ба ин васила нуфузи мардумияш тазъиф ва омили эҷоди мушкил барои низом нагардад.

Гарчанд подшоҳ ба ин баҳона, ки аз Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба далели дониш ва бузургии иҷтимоияш ба ҳайси мушовир истифода менамояд, гӯё ӯро ба Кобул хостааст, аммо дар ҳақиқат он тавр набуд, балки ӯро ба Кобул

хостанд, то дар чордевори хонае маҳсураш намуда, аз фаолиятҳои касираи иҷтимоӣ, фарҳангӣ миёни мардум маҳрумаш созанд.

Пас, бе ҳеч тардиде, Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ як шахсияти бузурги иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ буд, то он ҳад, ки ҳокимияти бар сари иқтидори он замон, яъне салтанати шоҳии Муҳаммадзоиҳо аз он сахт нигарон буданд ва дар воқеъ ин ҳама беэътиноӣ, сахтгирӣ ва табъидҳои дарозмуддат ӯро ҷуз тарсу воҳимаи низом аз вай, чизи дигаре наметавон таъбир кард.

Ҳамкорӣ, ҷавонмардӣ ва ҳамнавоӣ бо мардум, равия ва ахлоқи ҳамешагии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ буд. Ӯ дар муддати мавҷудияташ дар шаҳри Кобул, вилояти Бағлон ва сойири нуқот ба мушкилот ва таваққуоти мардум ба хубӣ расидагӣ мекард, мунозиотро бо руҳияи бародарона ва хайрхоҳона фурӯ менишонд, фурӯдастонро навозиш, тиҳидастонро таовун ва барои илоҷи беморон мусоидатҳои лозим менамуд.

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ҳамчунон, фаротар аз ин арса, дар масоили калони иҷтимоӣ ва сиёсӣ (чӣ муҳитӣ, вилоятӣ ва миллӣ) низ ҳузур ва саҳми малмус ва барозандаи худро дошт, ки албатта ин ҳузур ва саҳм маҳдуд ба як қавм на, балки соири ақвомро низ дар бар мегирифт.

Баррасии ҷараёни зиндагии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба хубӣ мерасонад, ки ӯ на танҳо як шахсияти қавмӣ ва мардумӣ буд, балки вижагиҳо ва мувосифоти аз ҳад зиёди дигарро низ дар худ дошт, яъне мавсуф аз як тараф як раҳбари боҳуш ва хирадманди мардумӣ, аз тарафи дигар як адиби нуктасанҷ ва шоири хушқареҳа ва аз ҷонибе ҳам як шахсияти матраҳи сиёсиву иҷтимоӣ буд.

Бо чунин вазъияте он чи озордиҳанда ва мояи таассуф аст, он аст, ки Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бо он ҳама мувосифоти баланди инсонӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ нисбати вазъияти ноҳинҷори ҳоким бар ҷомеа то андозае ношинохта мондааст.

Бо ин авсоф, саранҷом вай дар моҳи ҳути соли 1349-и хуршедӣ, ба умри 75-солагӣ дар Кобул падруди ҳаёт гуфт ва ҷанозаи ӯ пас аз интиқол ба вилояти Бағлон, тайи маросими бошукуҳе дар дараи Каёни ноҳияи Душӣ ба хок супурда шуд, ки ҳамакнун турбати ӯ зиёратгоҳи пайравон, иродатмандон ва дӯстдоронаш мебошад [17, с.19].

## 1.2. Мероси адабии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ шахсияте аст, ки аз овони кӯдакӣ дар як хонаводаи матраҳ ва машҳури иҷтимоӣ тарбият ёфта, ва ба рушд расида, аз ҳамон синни сабоват ва кӯдакӣ дорои истеъдоди олӣ ва ҳушу заковати шигарфе буд. Шароити зиндагӣ дар табъид, кӯчиданҳои нохоставу иҷборӣ ва ҳама душвориҳову сахтиҳо ҳарчанд фикру хотири Сайид Нодиршоҳи Каёниро дарҳам кӯбида буд, аммо бо ин ҳол руҳи ҳассос ва ҷустуҷӯгари ӯ ҳеч гоҳе қудрати парвозро аз даст надод, парвозе, ки машқи онро дақиқан аз синни 11-солагӣ бо сурудани шеър оғозида буд [17, с.20].

Ӯ дар ибтидо ба сурудани таронаҳо, дубайтиҳо ва рубоиҳои сода рӯй овард ва пас аз инкишоф ва тақвияти қудрати зеҳнӣ ва вусъати доманаҳои омӯзиш ва донишаш ба сароиши намунаҳои гуногуни шеърӣ, ба вежа ғазал пардохт, ки ҳамакнун ғазалиёташ дар миёни кулли маҷмуаҳои шеърии ӯ ҷойгоҳи хосе дорад [17, с.20].

Ба ҳар васф, он чи маълум аст, офаридаҳои Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ умдатан ба давраи раҳбари иҷтимоии ӯ ва мавҷудияти табъидгунааш дар Кобул марбут мешавад, ки ба рағми ҳамаи сахтгириҳо, қайду бастҳо ва мушкилоти сиёсӣ фаророӯяш аз ҷониби ҳукумати вақт бо андешаи баланд ва қудрати халлоқаи худододаш, тавонист андӯхтаҳои илмӣ, адабӣ ва ҳама дағдағаҳои зеҳнияшро дар қолабҳои назму наср ба тасвир бикашад.

Ба баёни манобеи мухталиф маҷмуи навиштаҳое, ки аз ҷониби Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бар он пардохта шуда, ба 57 асар мерасад, ки аксари ин осор дар чопхонаҳои Эрон, Ҳиндустону Кобул иқболи чоп ёфта, дар хидмати алоқамандону муштоқон қарор гирифтааст.

Феҳристи осори адиб аз асарҳои зерин иборат аст:

1. Осори чопӣ

1. Паёми Шимол. - Бамбай- Ҳиндустон, 1276- 256 с.

2. Девони ашъор. - Бамбай - Ҳиндустон, 1276- 153 с.

3. Неруи ишқ. - Кобул, 1338- 114 с.

4. Таърихи ғариб. - Бамбай (Ҳиндустон), 1359.- 254 с.

5. Андарзҳои Паёмбар шомили шаш дафтар:тарҷумаи манзуми ҳадисҳо. гузидаи Гулистон Мустафавӣ, гулчини Маърифат, Ояти Валаср, мунтахаботи Ҳадиси Набавй ва Далилул Ҳудо.-Теҳрон, 1391.-339 с.

6. Машъали Тур шомили (Маҷмуъаи Рубоиёт ва Дубайтиҳо)-Кобул, 1393- 99 с.

7. Ганҷинаи асрор ва Қувваи воҳима.-Кобул, 1393- 140 с.

8. Ҷомеъ-ул ҳадис.- Ганҷинаи асрор ва Қувваи воҳима.-Кобул, 1393- 140 с.

9. Росих-ул-ақоид.- Кобул, 1394.- 120 с

10. Хамсаи Каёнӣ, шомили панҷ дафтар:( Саодатнома, Кашфул асрор, Куллиёти Саодат, Гули Сурӣ ва Лоҳутӣ).-Кобул, 1394.- 196 с.

11. Баҳр-ул-маонӣ. - Кобул, 1394- 115 с.

2. Дастхатҳо

1. Саду як ҳадис. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ - 142 с.

2. Чароғи ирфон. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ - 104 с.

3. Шаҷараи таййиба.Қарочи. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ - 204 с.

4. Имтиёзи башар. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ - 185 с.

5. Куллиёти сағир. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ -310 с.

6. Хулосат-ул-анвор. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ - 120 с.

7. Мавҷи гулҳо. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ. - 180 с.

8. Ҳабли матин. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ. - 92 с.

9. Нағмаи ҳаёт. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ - 117 с.

10. Қитаот ва рубоиёт. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 162 с.

11. Тафсири манзум. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 78 с.

12. Руҳ-ул-ҳифз. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусравӣ Балхӣ.- 89 с.

13. Дафтари ашъор. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.-107 с.

14. Бериё. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ - 114 с.

15. Раҳнамо ё маълумот-ул-муъминин. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусравӣ Балхӣ - 145 с.

16. Гулшани рози солис. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ - 173 с.

17. Ризвон-ус-сафо. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 180 с.

18. Девони розу румуз. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусравӣ Балхӣ.- 203 с.

19. Навои қудсӣ. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.-88 с.

20. Гулистони Муртазавӣ. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 105 с.

21. Таърихи султонӣ. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 320 с.

22. Лолаи саҳро. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 80 с.

23. Аломати муъмин. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 210 с.

24. Китоби раҳнамо. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 111 с.

25. Ҷомеъ-ул-ҳадис. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 125 с.

26. Руҳ-ул-маонӣ. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 83 с.

27. Асрори Илоҳӣ. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 74 с.

28. Кимиёи саодат. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 118 с.

29. Шаммаи ҳолоти фақир Саййид Нодиршоҳи Каёнӣ. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.-185 с.

30. Зубдат-ул-маонӣ. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 184 с.

31. Зубдат-ул-ҳақоиқ. Карочи. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 248 с.

32. Исломият ва инсоният. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 160 с.

33. Ҷавҳари хаёл. Карочи. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ. - 87 с.

34. Руҳ-ул-баён. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 93 с.

35.Майи ваҳдат. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 58 с.

36. Дебочаи роз. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 82 с.

37. Тариқи ирфон. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 77 с.

38. Андарз. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 69 с.

39. Рафеъ-уд-дараҷот. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 94 с.

40. Ғунчаҳо. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 99 с.

41. Туҳфаи шоир. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 88 с.

42. Армуғони зиндон. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 121 с.

43. Раҳнамо. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусравӣ Балхӣ.- 145 с.

44. Хуни дил. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 120 с.

45. Роҳат ул ақл. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ.- 97 с.

46. Ганҷинаи ишқ. Китобхонаи Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ -143 с.

Ба навиштаи Иршоди Маънавӣ дар ибтидо таҳқиқот ва сурудаҳои Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба дастхати худаш буда, баъдан дар замони ҳаёти эшон ашхосе, чун Мулло Алидод аз минтақаи Шайх Алии вилояти Парвон ва ҳамчунон Алидод аз қарияи Сайёди даҳанаи Ғури вилояти Бағлон ва шахси дигаре ба номи Мулло Яздигурд китобҳо ва осорашонро хушнависӣ намудаанд [97, с.23].

Абдулқаюми Ҳозин – шоири хушқареҳа ва Зикиралӣ Маъзур аз оҳангарони ҳукуматии дӯшӣ низ аз ҷумлаи афроди сахткӯш ва заҳматкаши ҳастанд, ки осору навиштаҳои Сайид Нодиршоҳи Каёниро хаттотӣ ва хушнависӣ кардаанд.

Илова бар завоти фавқулзикр, афроде чун Муҳаммад Авази Окиф, Муҳаммади Боз, Искандар ва ба вежа нависанда, адиб, шоир ва тазкиранависи шаҳири кишвар Мавлоно Холмуҳаммади Хаста, аз ҷумла шахсиятҳое буданд, ки баъдҳо дар амри хушнависӣ ва хаттотии осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ҳиммат гумоштаанд [27, с.14].

Осори ба ҷо монда аз Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ки ҳиссаи қобили таваҷҷуҳи он иқболи чоп ёфта, ва масоили мухталифаро дар бар дорад, ба ду бахш (назму наср) тақсим мегардад.

### 1.2.1. Осори манзум

Такя ба таҳқиқоти анҷомшуда бештар аз бист асари Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ манзум буда, умдатан, қолабҳои ғазал, маснавӣ, рубоӣ, дубайтӣ ва қитъаро дарбар мегирад.

Гарчанде ки манзумаҳои Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ масоили гуногуни адабӣ, ирфонӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ, панду андарз ва ғайраро бозтоб медиҳад, аммо дар маҷмуъ аз ҳама бештар мавзуоти иҷтимоии он барҷастатар аст. Бо баррасии осоре, мисли «Далел-ул-ҳудо», «Мунтахаботи аҳодиси набавӣ», «Гулчини маърифат», «Гулистони Мустафавӣ», «Ояти валъаср», «Саду як ҳадис», «Ганҷинаи асрор», «Қувваи воҳима», «Кашф-ул-асрор», «Саодатнома», «Баҳр-ул-маонӣ», «Калиди саодат» ва ғайра ба хубӣ метавон баён кард, ки қисмати умдаи сурудаҳои шоир ҷанбаи ирфонӣ дорад. Дар ин миён бахши аъзаме аз ашъор сохтори содда ва равон дошта, камтар ороста бо ороёҳои ҳунарӣ ва такаллуфоти суханпардозона аст, аммо он чи машҳун бар мавзуоти иҷтимоӣ ва фалсафист, саноеи бадеӣ ва таркиботи сахти адабиро дар бар дорад [17, с.22].

Эҳёи маънавият, истеҳкоми ақида, таъмини адолат, озодандешӣ, дафъи ноҳинҷорӣ ва нобаробариҳо, инсоннигарӣ ва инсонмеҳварӣ, бартарии ақлу руҳ бар ҷисм ва нафс, беҳбуди вазъияти иҷтимоъ, тавозуъ, фурӯтанӣ ва шикастаҳолӣ ва ғайра маворид, аз ҷумла мухтассотеанд, ки дар ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба мушоҳида мерасад. Ӯ муртабит ба аҳаммияти яқини ҷолиб ва инкисору хоксорӣ боре чунин фармуда буд:

Фақирам, хирқаи пашмина дорам,
Вале меҳри буте дар сина дорам.
Зи пашми меш дорам хирқа дар бар,
Дилам бошад ба нури Ҳақ мунаввар.

Кафи хокам, нагӯям нури покам,

Зи худ огаҳ, фақири дарднокам [25, с.1].

Ва ҳам дар як ҳолате, сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бар фақру бесару сомонӣ ифтихор ва худро овораи кӯҳу дашту биёбони ишқи Илоҳӣ ба муаррифӣ мегирад ва чун Маҷнун чунон хешро ғарқи ин тӯфони муҳаббат медонад, ки мутаяқин аст, ҳеч ки ӯро нахоҳад шинохт:

Марди фақиру бесару сомона Нодир аст,

Танҳо ба кӯҳу дашту ба вайрона Нодир аст.

Ҳар кас ба фикри хеш шиносад, ки Нодирам,

Касро хабар куҷост, ки девона Нодир аст [24, с.39].

Хулоса, осори манзуми Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар шаклу навъҳои рубоӣ, қитъа, қасида, ғазал ва маснавӣ эҷод шудаанд, ки дар мазуъҳои анъанавии адабиёт дар пояи ҳунари хуби шоирӣ баён шудаанд.

### 1.2.2. Осори мансур

Зиндагии пурфарозу фуруди Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ печида дар самароте буда, ки авҷи онро метавон дар меросҳои боқимонда аз вай, ки бештар аз панҷоҳ асар дар риштаҳои мухталифаро дарбар мегирад, ба мушоҳида гирифт.

Аз ҷумла, осори мавҷуди Нодиршоҳи Каёнӣ, ки теъдоди он дар Эрон ва Ҳиндустон ва теъдоде ҳам, ахиран, дар Афғонистон ба зевари чоп даромадааст, бахши аъзами он манзум ва теъдоди андаки он ба наср таҳрир ва ба табъ расидааст [17, с.23].

Дар миёни осори мансури вай китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Таърихи ғариб» зиёдтар матраҳ ва мавриди назари муҳаққиқон ва алоқамандон буда, то ҳанӯз чандин бор ба чоп расидааст.

Аз назари муҳаққиқон, ба вежа Масъуди Миршоҳӣ, бархе аз осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ шомили номаҳо ва асноди таърихиву адабӣ дар хилоли соли 1358-и хуршедӣ мавриди дастбурд қарор гирифта, аз байн бурда шуданд [137].

Китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ», ки ба қалами Мулло Алидод хаттотӣ шудааст, дар соли 1330-и хуршедӣ тасниф гардидааст, китобест камёб, ки умдатан

мавзуоти таърихӣ, ақидатӣ, ирфонӣ ва панду ҳикматро дарбар мегирад. Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бо ҳушмандӣ ва иҳотаи хубе, ки бар масоили мутанаввеъ дошта, қалам бардошта, аз афкори мардум, маргу ҳаёт, авсофи инсонӣ ва дигар матолиб, ки маҷмуан 77 мавридро дарбар гирифта, ба насри салис, сода, равон ва ҳамроҳ бо гусастҳое иншо намудааст. Насри эшон чунон бепироя, дилпазир, гӯёву қобили дарк аст, ки ҳар хонандае метавонад ба қадри ҳол аз мутолиаи он баҳраманд гардад.

Китоби «Таърихи ғариб» асари дигари Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ аст, ки бори аввал дар шаҳри Бамбайи Ҳиндустон ба чоп расидааст.

Китоби «Таърихи ғариб», ки чиҳилу як матлабро дар 328 саҳфа ба баҳс гирифта, аз назари сохторӣ ва навишторӣ ҳамсон ва ҳампоя бо асари «Зубдат-ул-ҳақоиқ» мебошад. Мурури ин китоб мерасонад, ки нависанда дар он сирф ба вақоеи таърихӣ напардохта, балки таълифест, ки дар он аз ақоиди мардум, саргузашт ва ҷараёни зиндагии худи нависанда ва аз дидгоҳи эшон дар баробари ҳукмравоёни вақт ба равшанӣ ёдоварӣ ва сухан рафтааст.

Хулоса, мурури ин ҷумалот ошкоро адами такаллуфи навишториро бар хонанда намоён ва ӯро ба роҳатӣ барои дарёфти мақсуди нависанда ёрӣ мерасонад.

## 1.3. Анвои шеъри Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва мавқеи ғазал дар эҷодиёти ӯ

Дар соҳаи назм то ҳанӯз қолабҳои мухталифе шиносоӣ шуда, ки дар он қолабҳо шоирони зиёде қаламфарсоӣ намудаанд, аз ҷумла Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ як тан аз сарояндагон ва нависандагони муосир низ ба навбати худ дар қолабҳои дубайтӣ, рубоӣ, қитъа, маснавӣ, ғазал, қасида, мухаммас, мустазод ва ғайра сурудаҳое дорад, ки андар он миён ғазалиёти эшон ҷойгоҳи ошкориро ба худ эҳроз намудааст.

Аммо қабл аз пардохтан ба чунин ғазалиёти вай таваҷҷуҳи кутоҳе ба мухтассоти баъзе аз қолабҳои мавриди корбурди эшон назар мекунем:

**Дубайтӣ:**

Дубайтӣ яке аз қолибҳои суннатӣ ва решадори ёздаҳҳиҷоии забони форсӣ – тоҷикӣ, дарӣ аст, ки шомили чаҳор мисраъ дар як вазн (мафоъилун, мафоъилун фаъулун, баҳри ҳазаҷи мусадаси маҳзуф) буда, қофияи мисраи аввалу дуюму чаҳоруми он (ба истиснои мисраи дуюм, ки қофия дар он ихтиёрист) ҳама яксон мебошад.

Дубайтиҳо собиқаи басе тулонӣ дошта, гӯяндагони онро умдатан деҳанишинон ва чупонон ташкил медиҳад. Ба ҳамин иллат сарояндагони аксар дубайтиҳо номаълум аст. Мисли сароянадаи ин дубайтӣ:

Ҷавонӣ ҳам баҳоре буду бигзашт,
Ба мо як эътиборе буду бигзашт,
Миёни мову ту як улфате буд,
Ки он ҳам навбаҳоре буду бигзашт.

Дубайтӣ бо доштани қолиби кӯтоҳ ва дилпазир дар тули замон гӯяндагони зиёде доштааст. Аз ҷумла, Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар ин қолиб ашъори зиёдеро суруда, ки аксаран мавзуъҳои ғаноӣ, ирфонӣ, омӯзишӣ, самимияти инсонӣ, сӯзи дил, ҳиҷрони ёр, дармондагию бечорагии ошиқ, ташбеҳоти зариф ва ҳатто муноҷоти илоҳиро дар бар мегирад.

Ӯ дар бахши ғиноӣ ошиқонаҳои зиёде дорад. Масалан:

Тапи дил дар барам парвонаи кист,

Чароғи маҳфилам дар хонаи кист,

Ду чашмам аз фироқаш чун майи лаъл,

Надонам гардиши паймонаи кист [14, с.77].

Дар ин ду байт санъати ташбеҳ зиёд ба кор бурда шуда, чунон ки дида мешавад дар байти аввал «дил» ба «парвона» ташбеҳ шуда, дил «мушшабаҳ» ва парвона «мушшабаҳ биҳи» асли ташбеҳ буда, бо мавҷудияти калимаи «тапид ё тапидан» дар мисраи аввал ва «ҷароғи маҳфил» дар мисраи дуюм, ба унвони «ваҷҳи шубҳ», ки сифати муштарак миёни мушшабаҳ ва мушшабаҳ биҳӣ аст, дар воқеъ ташбеҳи мутавассит ва ё миёнаро сохтааст. Аммо дар ду мисраи баъдӣ ҳам аркони аслӣ ва ҳам аркони фаръии ташбеҳ дида мешавад. Дар ин ҷо «чашм» ва «май» аркони аслии ташбеҳ буда, «лаъл» ва «гардиши паймона» ба ҳайси ваҷҳи шубҳ ва «чун» ба унвони адоти ташбеҳ ҷойгоҳи аркони фаръии ташбеҳро эҳроз ва ба ин шакл ташбеҳи заиф ва ё адноро ба вуҷуд овардааст.

Агар кулли сохтори мисраъҳои ин дубайтиро аз назари ташбеҳ, ки яке аз муҳимтарин аркони улуми балоғии марбут ба санъати баён аст дар назар гирем, ин дубайтӣ бо доштани ду мушшабаҳ ва ду мушшабаҳ биҳӣ, ҷаҳор ваҷҳи шубҳ ва як маврид адоти ташбеҳ дар воқеъ ташбеҳи адно ва ё заифро сохтааст.

Ҳамон тавре ки дар боло зикр рафт, дубайтиҳои Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ аз мавзуъ ва мазмунҳои мутанавеъ бархурдор аст, ки дар ин ҷо ба чанд байте аз дафтари ашъор иктифо мекунем.

Узр ба даргоҳи илоҳӣ (муноҷот):

Маро девонаи асрори худ кун,

Саропо маҳв аз дидори худ кун,

Маро дар ишқи худ мансур гардон,

Диламро равшан аз анвори худ кун [14, с.107].

Таъкид бар дури гузидан аз аҳмақони ҷомеа (омӯзишӣ ва тарбиятӣ):

Наёмезад ба аҳмақ марди ҳушёр,

Зи ҷоҳил оқили худро нигаҳ дор,

Надонӣ чоҳилон аз қаҳри ӯянд,

Намуда хилқати оқил зи ӯянд [14, с.94].

Ибрози хастагиву ғамгинӣ бар аҳволи мазлумон (интибоҳӣ):

Дили ман хаставу зору ҳазин аст,

Чаро даврон ба мазлумон ба кин аст,

Кашад золим ғарибонро зи тан пуст,

Диҳад аҷраш, ки раббулоламин аст [14, с.73]. Дубайтиҳои Сайид Нодиршоҳи Каёни ҳарчанд умдатан ошиқона буда, ҷанбаҳои ҳунариву хаёланзеронаи бештаре доранд, аммо содагиву равонии сохтор дар он изофатар эҳсос мешавад.

**Рубоӣ:**

Рубоӣ, ки дар луғат ба маънои чаҳоргона ва ё чаҳордона аст, дар адабиёт ба шеъри чаҳормисраӣ итлоқ мешавад, ки дар вазни аслӣ (лоҳавла ва лоқуввата иллоҳ биллоҳ – мафъул мафоъилу мафоъилу фаъл) биёяд.

Рубоӣ дар воқеъ қолиби дилнишине аз шеър аст, ки ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи адибон ва шоирони бузурги пешин ва муосир қарор дошта, дар мазомини мухталифи ошиқона, сӯфиёна ва фалсафӣ, ки мавзуоти аслии рубоӣ аст, шеър сурудаанд. Дар ин миён Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ аз шуарои муосир низ дар ҳамин қолиб ашъори зиёде, ҳатто наздик ба ҳафтсад рубоӣ суруда, ки илова аз рубоиёти ошиқона, орифонаву фалсафӣ, матолиби фаръии чун мадҳ, масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ, марсия, нукоти ҳаҷвомез, талаби ҳоҷот, фасли баҳор, шиква аз чархи рӯзгор ва ғайраро дар рубоиёти худ ғунҷонидааст.

Ӯ чигунагии ҳолати зори худро аз асари дарси фироқ ва ҳиҷрони ёр ин гуна ба муаррифӣ мегирад:

Аз ҳаҷри ту эй шӯх кабоб аст, дили мо,

Аз дарди фироқи ту хароб аст, дили мо,

Аз ғамзаи миҷгони ту чун аст, надонӣ,

Рангинтар аз ҳар бодаи ноб аст, дили мо [14, с.173].

Бо каме диққат мебинем, ки дар ин суруда илова аз ба кор рафтани вожаҳои пайвастаи муносиби ҳол мисли «ҳаҷр», «шух», «кабоб», «дард», «рангин», «дил», «хароб», таркиботи ҳунарии «дарди фироқ» ва «ғамзаи

миҷгон», ки бо касраи изофат ташхис мегарданд низ ба мушоҳида расида, ин рубоиро зиннат бахшидааст.

Ҳамчунон, мавҷудияти ду ду радифу як қофият дар мисраҳои аввал, дувум ва чаҳорум ин сурударо зебо ва оҳангин сохтааст. Дар ин рубоӣ калимоти «кабоб», «хароб» ва «ноб» қофия ва феъли кумакии «аст» ва таркиби «дили мо», ки ҳамшакли якдигаранд, радифро ташкил додааст.

Бо ин ҳисоб ҳар сурудае, ки илова аз муҳтавиёти хубаш муқаффо ва мураддаф буда бошад, аз ҷойгоҳи баланд бархӯрдор аст.

Дар миёни рубоиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ашъори қобили таваҷҷуҳи сӯфиёна ва ирфонӣ низ дида мешавад, ки умдатан ҷанбаи илтимосӣ ва тақозоӣ дорад. Масалан ин абёт:

Ё раб, карамӣ шудам гирифтори гунаҳ,

Лутфи ту куҷост чун кунам бори гунаҳ.

Аз раҳмати хеш гар бубахши гунаҳам,

Шарманда манам ҳузури қаҳҳори гунаҳ [13, с.73].

Шоир дар ин рубоӣ ба хотири раҳоӣ аз зери бори гуноҳ ва маъсияту рафъи шармандагию наҷот ёфтанаш аз азоби Худои қаҳҳор бо тазарруъ ва таманно аз Парвардигораш талаби раҳмату бахшоиш дорад. Ӯ дар ҷойи дигар низ айни истидоъро дорад:

Ё Раб, карамӣ, ки ман парешонҳолам,

Раҳме бинамо ба ҳол бар аҳволам.

Афканда замона бори ғам бар душам,

Аз фазли худат раҳон аз ин ишколам [13, с.73].

Шоир дар бахши рубоиёти суфиёнааш илова аз таманнои бахшоиш, нукоти мухталиферо матраҳ менамояд, ки яке аз он маврид рӯй овардан ба «майу майхона», «машраби ишқ», «соғари саҳбо», «шурби бодаи ҳақиқат», «меҳри бутон», ҳамроҳӣ бо «найу май», буридан аз халоиқ он ҳам ба манзури огоҳӣ аз сирри ҳаққу ҳақиқат ва расидан ба маъшуқ... ӯ дар мисраъҳое ҳар чию ҳар амалеро, ки ҷудоӣ аз «муҳаббати ёр ва сирри ҳақиқаташ» бошад, абас ва бефоида мешуморад. Мисли ин:

Дар дил набувад муҳаббати ёр абас,

Бе рӯйи нигор сайри гулзор абас.

То воқифи сирри ҳақ нагардӣ Нодир,

Тасбеҳу намозу зикри ғаффор абас.

Ҷойе ҳам бори маънoии рубоиёти шоир одамиро ба ҳавзаи фалсафа ворид месозад, ки бо равиши таҷриба наметавон онро баён намуд. Матраҳ кардани нукоту истилоҳоте чун «олами ақл», «ранги адам», «чархи фалак», «халқи вуҷуд», «шаку яқин» ва ғайра дар рубоиёти эшон ошноию фаҳми фалсафии вайро бар масоил нишон медиҳад:

Ту руҳи манию моҳи имонӣ ту,

Дар ҷисми заифи бандаат ҷонӣ ту.

Ҷисмонӣ маро намуд к-он дам одам

Асмои манӣ ҳабиби руҳонии ту.

Ин суруда бар моҳияти асосии ҷисму ҷон ва руҳи одамию мабдаи зуҳури он, ки зоти укдуси кибриёӣ аст, ба гунае ишора мекунад, ин ба он маъност, ки шоир гӯё бар мубоҳиси марбут ба ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд ва ҳам бар ситраи илми фалсафа, ки пойгоҳаш дониши ақлию ҷуввaи таaққул аст, вуқуфу огоҳии лозим дорад.

Санъати такрор, ки яке аз ороя҃ҳои адабӣ дар шеър буда, мусиқию таъсири сухан меафзояд, дар рубоиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ҳузури машҳуде дорад.

Ороя҃ҳои такрор, такрору истеъмоли калимаи ҳамсон дар шеър аст, ба гунае, ки битавонад мусиқии дарунии сурударо ғано бахшидаю зебоию гироии суханро бештар намояд. Мисол:

Дасту дили ман гирифта аз кор мараз,

Гардида маро аҷаб гирифтор мараз

Аз ҳар маразе фузун маризи ишқ аст,

Ағёр мараз муҳаббати ёри мараз [13, с.70].

Ва ё:

Аз худ ғалате надидаам, ёр ғалат,

Гуфтор ғалат, ҳамеша рафтор ғалат.

Нодир зи ту ёри бевафо безор аст,

То дида зи ёри хеш бисёр ғалат [13, с.70].

Дар ду рубоии боло дида мешавад, ки вожаҳои такрории «мараз» ва «ғалат», аз як тараф дар маънои ҳақиқии худ ба кор рафта ва аз ҷониби дигар абётро зебо ва мутантан ва сабаби барҷаста шудани ҳадафу илқои он ба мухотаб қарор гирифтааст. Аз баррасии маҷмуи рубоиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ин натиҷа ба даст меояд, ки ӯ дар сурудаҳои марбуд ба ин санъати шеърӣ, ҳвамчун шуарои матраҳи пешин (Умари Хайём, Иқболи Лоҳурӣ ва дигарон) ҷанбаҳои намоёни интиқодӣ ва эътирозӣ дар рубоиёти худ надоштааст.

**Маснавӣ**

Маснавӣ аз қадимтарин қолибҳои шеъри форсии тоҷикӣ аст, ки ба маънии дугонӣ ё дутоӣ будан омада, иборат аз ашъоре аст, ки дар вазн яке, аммо ҳар байти он қофияи мустақил дошта бошад.

Ба баёни дигар, маснавӣ яке аз роиҷтарин ва осонтарин шаклҳои шеър аст, ки аз оғози адабиёти хаттии форсии дарӣ (қарни сеюм ва чорум) то имрӯз, ҳама шуарои маъруф дар ин қолиб шеър сурудаанд. «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ ва «Офариннома»-и Абӯшакури Балхӣ аз нахустин намунаҳо, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва осори ирфонию ҳамосии Мавлонои Балхӣ зиёдтарин ва муҳимтарин ашъорест, ки дар қолиби маснавӣ суруда шудааст.

Маснавӣ дар забони форсӣ қолиби шеъре боз ва содаест, ки мавзуоте чун достонҳои ҳамосӣ, таърихию ошиқона, андешаҳо ва таълимоти динию ирфонӣ, панду андарзу адабиёти омӯзишию ахлоқиро дар бар дошта, шоир дар он ҳам дар интихоби қавофӣ ва ҳам теъдоди абёт дасти боз доштаву комилан озод мебошад.

Ҳарчанд ин қолиби шеърӣ бо рӯйи кор омадану пешрафти фанни роману достоннависӣ бо гузашти замон камранг гардид, аммо боз ҳам шоироне буданд, ки барои баёни достонҳо, ҳикоёту мазомини ирфонию иҷтимоӣ дар замонаи худ ашъореро дар ин шакл ба ёдгор гузоштаанд.

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ як тан аз ин шоирони хушбаёни муосир аст, ки барои баёни мақосиди таълимӣ, иршодию маърифатӣ, тарҳи ҳикоёти таърихию мазомини иҷтимоӣ, динию фалсафӣ аз қолиби маснавӣ дар авзони мухталиф истифода намудааст.

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар осори чопию хаттии мавҷудааш, аз ҷумла, «Девони ашъор», «Паёми Шимол», «Калиди саодат», «Мунтахаботи ҳадиси набавӣ», «Қувваи воҳима», «Баҳр-ул-маонӣ», «Саду як ҳадис», «Лоҳутӣ» ва «Саодатнома»-аш, ки ҷамъан 7870 байт маснавӣ дар чаҳор вазни арӯз, он ҳам дар мазомини мухталиф сурудааст, ки дар ин ҷо ба таври намуна мисолҳо аз он оварда мешавад. Ин ҳам бахше аз маснавии таълимию омӯзандаи ҳикояти «Сагу гурба» аз китоби «Девони ашъор» –и Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ:

**Ҳикояти «Сагу гурба»**

Гурбаи бечора муше сайд кард,
Саг рабудаш, гуфт, эй марди набард.
Сайди моро аз чи мегирӣ, магир,
Нест дархӯри ту эй нохӯрдасер.
Фораи афсурда моро туъмаест,
Кай туро эй шарза қадри луқмаест.
Саг варо бигзошт, гуфташ они туст,
Гир беҷонаш намо эй корсуст.
Хост то гирад варо беҷон кунад,
Саг рабудаш, хост то ӯ барҷаҳад,
Гуфт моро форае даркор нест,
Туъмаи мо гурба бояд, фора чист?
Гуфташ он дам фора аз вай дур шуд,
Устухони гурба сарфи мур шуд.
Гурбаро бидрид ҳакро кор чист?
Зиндаеро бурд, ин ки мурда зист! [13, с.64].

Омӯзандагию ваҷҳи интибоҳии ин ҳикояти ҳамвазни «Маснавии маънавӣ» (баҳри рамали мусаддаси маҳфуз) дар он аст, ки ҳеҷ вақт касе дар пешомадҳо

ва рӯйдодҳои зиндагӣ аз давру перомуни худ бехабару ғофил набошад, бавижа, бар ононе, ки ба гунае ба онҳо наздику дар тамосанд.... Чун басо иҳонату зарбаҳо аз нишоние бар одам ворид мешавад, ки бештар бо он таомулу эътимод доштааст. Ҳамон гуна, ки гурбаи бечора ба саги наздик ба худаш эътимоду бовар кард!

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар таълифи дигараш ба номи «Паёми Шимол», ки ашъори гуногун, бахусус, ғазалиёти зиёдеро дар худ ҷой додааст, ҳудуди 1200 байти маснавии мухталифулвазн дорад. Масалан, ин абёт:

Биё соқиё гӯши соғар бимол,

Бидеҳ бодаи соф ҳамчун зулол.

Бихӯр бода бо дӯстон шод зӣ,

Ду-се рӯз дар даҳр озод зӣ.

Ғанимат шумор ин замон эй азиз,

Ки дигар наёбӣ мар ин вақт низ.

Чи хуш гулшани тоза фасли баҳор,

Шукуфта гулу ҳар тараф лолазор.

Қадаҳ нуш бо ёри ширинсухан,

Равон об дар сабза шоҳи чаман [13, с.73].

Ин абёт, ки бар вазни кутоҳи «Маснавӣ»-и Мавлавӣ (рамали мусаддаси маҳзуф // фоъилотун, фоъилотун, фоъилун) суруда шуда, паҳлуҳои мухталифе дорад. Ҳарф аз бодаи зулол, шод зистан, озод зистан, ғанимат шумурдани фурсатҳои зиндагӣ ва ҳам ҳарф аз фасли баҳору об равону сабзаю шукуфаҳои он, ин натиҷаро ба даст медиҳад, ки дар ин мисраъҳо нукоти боаҳаммияте мисли адабу андешаҳои ғиноӣ ва ирфонию омӯзишӣ ҷой дода шудааст.

Шоир дар дафтари «Баҳр-ул-маонӣ»-и худ 2100 байт дар қолиби маснавӣ, аммо дар вазнҳои мухталиф сурудааст, мисли вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф // мафоилун, мафоилун, фаулун:

Чунин фармуд халлоқи ҷаҳондор,

Зи хоку об одам шуд падидор.

Зи гил берун намудам хос онро,

Ба чандин ранг пайвастам равонро [27, с.21].

Матраҳ шудани маншаи хилқати одамӣ – обу хоку руҳу равон, ки дар оғози ин маснавӣ омадааст, баҳсро ранги фалсафӣ мебахшад.

Дар маснавии «Лоҳутӣ» ҳам аз ҳамин баҳру вазн (ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф) кор гирифта шудааст. Мисли:

Шиносад ҳар кадоме хештанро,

Ба маъно мешиносад зулмананро.

Каломи ҳазраташ бишнав, ки чун аст,

Ба дунё муъминонро раҳнамун аст,

Алӣ шери Худованди ягона,

Бимонад насли покаш ҷовидона [11, с.3].

Яке аз далоили фаровонии маснавӣ дар китобу рисолаҳои Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ истиқлоли қавофии абёт, вусъати вожагонию дасти бози шоир дар заминаи истифода аз ганҷинаи вожагонӣ дар ҳангоми офаридани мавзуоти доманадори таърихӣ, достонӣ, таълимию ирфонӣ мебошад. Чун шоир бо интихоби ин қолиб дар ҳақиқат худро аз тангноҳои дигар қавофии ҳамсон, ки риояти онҳо дар соири қолабҳои шеъри илзомӣ аст, раҳоӣ додаву бо интихоби қофияву радифҳои мутанаввеъ ба шеъраш таровату гуворой мебахшад. Аз ҳамин ҷиҳат, шоир қолабҳои маъруфи шеъриро, ки дар боло ба қисматҳои кучаки он ишора шуд, мавриди истифода қарор додааст.

**Мустазод:**

Мустазод дар луғат ба маънои «зиёдшуда», «афзуншуда» ва дар истилоҳ гунае аз шеър аст, ки дар охири ҳар мисрае аз рубоӣ, ғазал, қитъа ва ё амсоли он, ҷумлаҳои кутоҳ, мавзуну мусаҷҷаӣ бияфзоянд, ки дар маъно бо он мисраъҳо марбут бошад ва ба навъе маънои онро комилтар кунад, аммо аз вазни аслии шеър зоид бошад ва ба ҳамин ҷиҳат онро мустазод гуфтаанд.

Ин қолиб, ки зоҳиран аз навъи шеъри омиёнаи араб иқтибос шуда, тайи қарнҳо шоирони зиёде дар ин қолиб ба баёни масоили иҷтимоию сиёсӣ, фарҳангӣ, марсияҳои мазҳабӣ ва дигар мавориди ҳаҷвию интиқодӣ пардохтаанд, умдатан ба се қисм аст:

Аввал он аст, ки баъд аз ҳар мисраъе чанд калимаи мусаҷҷаъ оварда мешавад.

Дуввум он аст, ки пас аз як байт порчаи изофӣ шуда, оварда шавад.

Сеюм он аст, ки баъд аз ҳар байт мисраъе ба ҳамон вазн оварда шавад [42, с.275].

Бо васли камкор бурди ин қолиби шеърӣ дар замони муосир Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар ҳарду китоби ғазалиёти худ маҳдуд мустазоде дорад, ки аксар мавзуоти ирфонӣ, таълимию пандомӯз ва таваҷҷуҳдиҳанда ба сӯйи тақво ва раёзату ҳатто масоили ошиқонаро эҳтиво мекунад, ки инак бо овардани ду намуна аз он иктифо мекунем:

Шоҳо, караме ба ҳоли дарвешон кун,
эй шоҳсавор,
Лутфе ба мани шикастадили ҳайрон кун,
аз халқ канор
Ҷуз даргаҳи поки ту умедам набувад,
бо ҳеҷ касе,
Ё раб, назаре ба сӯйи мазлумон кун,
печам чу мор,
Мо рӯсияем хаставу зору забун,
раҳме бинамо,
Дарди мани дилшикастаро дармон кун,
афтода ба нор [14, с.136].

Ин шеър, ки мисраъҳои калонаш ба вазни рубоӣ (ло ҳавла ва ло қувва илло биллоҳ) омада аст, қисми аввали мустазодро нишон медиҳад, ки пас аз ҳар мисрае қитъаи мустазод оварда мешавад. Дар ин мустазоди сӯфиёна шоир саъй кардааст, то бо шарҳи ҳолати зор, дилшикастагиву бечорагиаш пешгоҳи Аллоҳи субҳон назари лутфу раҳматашро ба сӯйи худ ҷалб намояд. Мисоле аз мустазоди ошиқонаи шоир:

Новак занад, ҳар лаҳза ба дил чашми сиёҳаш,
қурбони нигоҳаш,

Бишкаста аҷаб хусрави ман тарфи кулоҳаш,

кардем дуояш.

Гар мекашидам бандаи худро зи татовул,

нақди муҳаққар,

Маҳрам набошам, магар аз орази моҳаш,

мо чашм ба роҳаш.

Дорад дили саргашта зи лаъли ту таманно,

бӯсе диҳӣ аз лутф,

Гардида гадои ту зи хун лаълқабояш,

аз дасти ту шоҳаш [14, с.202].

Ин мустазод, ки бар пояи мисраъҳои як ғазали ошиқона ва ситоиши бино ва дар баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф // мафъулу мафоъилу мафоъилу фаъулун суруда шудааст, вожаҳои нағз ва орояҳои муносиби адабӣ мисли: «чашми сиёҳ», «тарфи кулоҳ», «орази моҳ», «нақди муҳаққар», «дили саргашта» ва ғайраро дар бадани худ ҷой дода ва сабаби истеҳкоми бофти вожаҳои дохилии шеър гардидааст.

Бо мурури сурудаҳои ба сабтрасидаи мустазод (алалақал) дар ду китоб («Девони ашъор» ва «Паёми Шимол») дарёфт гардид, ки мазомину матолиби даруниву авзони мустазодҳо мутафовит, аммо шаклу сохтори он, ки ҳамон шакл ё формаи нахустини он аст, мавриди истифодаи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ қарор доштааст. Ин маҳдудият нишондиҳандаи он аст, ки шоир ё аз рӯйи камолоқагӣ ва ё ба далели адами тасаллути лозим ба сароиши ақсоми мухталифи мустазод танҳо ба офариниши як гунаи он басанда намудааст.

Қобили зикр аст, ин навъи шеърӣ, ки баргирифта аз ғазал буда, илҳомбахши шеъри нав ва қолиби нимойӣ пиндошта мешавад, дар асл аз қарни панҷум, яъне аз давраи Салҷуқиён ба баъд ривоҷ ёфта, нахустин мустазодсарои он вақт Масъуди Саъди Салмон муаррифӣ шудааст.

**Ғазал:**

Ғазал, ки муҳимтарин навъи шеъри ғиноӣ ва ё олитарин шакли шеъри ошиқонаи забони форсӣ аст, ду асари шеъри Сайид Нодиршоҳи Каёниро ба худ ихтисос додааст.

Маҷмуи ғазалиёти ҳарду дафтар («Девони ашъор» ва «Паёми Шимол»)-и шоир ба 8827 байт расида, ки умдатан мавзуоти ошиқона, иҷтимоӣ, маърифатӣ, омӯзишӣ, ахлоқӣ, меҳанпарастона, тавсифи манозири табиӣ, аҳволи шахсӣ, мадҳи бузургон ва дигар масоилро дар бар мегирад. Дар бахши ғазал он чи марбут ба мавзуъ ва муҳтавиёту интихоби қолибҳои вазнии шоир мешавад, ӯ зиёдтар ба шуарое чун ҳазрати Ҳофиз ва ғазалсароёни муосир мисли Ғулом Набии Ашқарӣ, Абдулло Орифи Чоҳобӣ, Халилуллоҳ Халилӣ, Ҳайдарии Вуҷудӣ ва ғайра мушобеҳат ба ҳам мерасонад.

Ин ҳам намунае фақат аз китоби «Паёми Шимол» чун мисолҳо аз «Девони ашъор» дар баҳси муфассали баъдӣ, ки рӯйи ғазал боз шуда омадааст:

Васфи рухсори ту дар анҷумане нест, ки нест,
Маҳви гуфтори ту ширинсухане нест, ки нест.
Мани мотамзада аз ишқи ту девонаву маст,
Оташи ишқи ту дар ҷону тане нест, ки нест.
Ҳар замоне зи фироқи ту кунам ҷома қабо,
Дар барам чок зи ғам пираҳане нест, ки нест.
Ту чи донӣ дили чун хирмани оташ дорам,
Ҳар замон дар бари ман шуълазане нест, ки нест.
Ба гули рӯйи ту булбул ба чаман нолакунон,
Шӯру ғавғо зи паят дар чамане нест, ки нест.
Душ дар хоб ба он зулфи парешон дидам,
Дили савдозада дар ҳар шикане нест, ки нест [14, с.24].

Ғазали фавқ, ки дар воқеъ ситоишномае бар маъшуқ аст, шоир дар он зимни ин ки аз «зебоии рухсор», «ширинии гуфтор», «ишқи оташин», «рӯйи гулгун», «шикани мӯй», «зулфи парешон» ва ғайра маҳосини мамдуҳаш, таърифу тавсиф ба амал меоварад, аз маҳву мотамзадагӣ, мастию девонагӣ,

ҷомадаридагӣ, оташи дил, шӯру наҳвагарӣ, парешониву савдозадагии худ низ парда бармедорад.

Ин ғазал, ки дар баҳри рамали мусаммани махбуни маҳфуз // фаъилотун, фаъилотун, фаъилотун фаълун суруда шуда, зарофатҳои ташбеҳӣ ва латофатҳои адабӣ дар он машҳуд ва намоён аст, шеърест интизомёфта бо қофияву радиф. Радиф, ки пас аз қофия нақши муҳимме дар афзоиши мусиқии шеър, такмили маънои байт ва интиқоли паёми он ба шунаванда дошта ва омили тартибу зебоии сохтори абёт мешавад, дар ғазалиёт ва соири сурудаҳои Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба хубӣ дида мешавад. Аз ҷумла, дар мисоли боло, ки калимоти такрорӣ, якрангу якмаънои «нест, ки нест» радифи дилнишинро дар ин ғазал ташкил додааст.

**Мухаммас:**

Мухаммас дар луғат ба маънои «панҷзилъӣ», «панҷрукнӣ» ва «панҷмисраъӣ» дар истилоҳи адабиёт навъе аз назм аст, ки ба бандҳои мухталиф тақсим шуда, ба гунае, ки ҳар банд аз панҷ мисраи ҳамқофия ташкил ёфта, мисраи охири бандҳои баъдӣ тобеи қофияи банди аввал бошад. Ин гуна шеър дар ҳарду китоби ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ки зиёдтар тахмис бар ашъори дигарон буда, умдатан ҷанбаи ғиноӣ, иҷтимоӣ, адабию ахлоқӣ дорад, дида мешавад.

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ашъори шоирони бузургеро мисли Ҳофизи Шерозӣ, Иқболи Лоҳурӣ, Заҳираддини Форёбӣ ва дигаронро тахмис намуда, мо аз ин ки вай ба аллома Иқбол иродати тамом доштаю бештар мухаммасоти шоир бар иқтифои ашъори ӯ (Иқбол) навишта шудааст, намунае меоварем:

Ба қалби тира кунун дилрабо чи меҷӯйӣ?
Дар ин залом ту нуру зиё чи меҷӯйӣ?
Ба коми нафси маризат шифо чи меҷӯйӣ?
Ба одамӣ нарасидӣ, Худо чи меҷӯйӣ?
Зи худ гурехтаӣ ошно, чи меҷӯйӣ?
Тамоми кӯҳу дару дашт дар назар ояд,
Ба чашми аҳли назар ёр ҷилва бинмояд.

Касе агар зи яқин чашми хеш бикшояд,

Назар зи суҳбати равшандилон бияфзояд,

Зи дарди камбасарӣ тутиё чи меҷӯйӣ? [14, с.167].

Шоир бар ин ду банди тахмиси боло, ки аз як тараф тавсияву таъкидкунанда ба тақвою риёзат, тазкияи нафс ва дурӣ аз қалби тира, нафси бемору зулмоти бебасарист ва аз ҷониби дигар мушаввиқи шифоёбӣ, хештаншиносӣ, дарки суҳбати аҳли назар, кушоиши чашми яқину расидан ба нуру зиё мебошад, ҷанбаи динию ирфонии назарашро барҷаста сохтааст ва қарори мушоҳидоти анҷомшуда иттифоқан ағлаби мухаммасоти вай ҳамчунон мулавван ба ҳамин ранг будааст. Гуфтанием, ки теъдоди мухаммасоти шоир нисбат ба соири анвои шеъриаш маҳдуд аст.

Ҳамон гуна, ки ишора рафт, дар маҷмуи осори шеърии барҷомонда аз Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ашъори ирфонӣ ва ғазалиёташ зиёдтар мавриди таваҷҷуҳ ва муҳосиба будааст. Аз ҷумлаи ғазалиёти эшон, чун аз як тараф дар буҳури мухталифаи арузӣ суруда шуда ва дорои мазомини ҷолиб, зебо ва дилпазир аст ва аз ҷонибе ҳам бахши қобили атферо дар миёни сурудаҳои мавсуф эҳтиво менамояд.

Он чи аз ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба ҷо мондааст, шомили ду дафтар ба номҳои «Паёми Шимол» ва «Девон»-и Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ мебошад, ки мутаассифона то ҳанӯз ба зевари чоп ороста нагардидааст. Гарчанд расидан ба нусхаҳое аз ин дафотир бисёр душвор аст, аммо бар ман яке аз рӯи лутф ин роҳ ҳамвор гардид, то ба ин ду нусхаи хаттӣ даст ёфта, доштаҳояшро аз назар бигзаронам.

«Паёми Шимол», ки зоҳиран бознависӣ шуда, аз рӯйи нусхаи хаттии қадимӣ ба назар мерасад, ҳудуди 336 саҳифаро дарбар гирифта, шомили ҳафт бахш мебошад. Бахши аввали он бо як муноҷот сар шуда, дар 47 саҳифа ба итмом мерасад. Бахши дувум зери номи «Лолаи дилсӯз» умдатан дар қолибҳои дубайтӣ, рубоӣ, чаҳорпора ва қитъа таҷассум ёфта, ҳамчунон ановини «Таъвили бисмиллоҳ», «Асбоби фазоил», «Муфрадот», «Мастурнома» ва «Лолаи дилсӯз»

шомили дубайтиҳо ва рубоиёт ва дигар бахшҳои ин китоб аст, ки аз табъи шоир таровидааст.

Дафтари дувуми ғазалиёти вай – «Девони Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ» ном дорад. Он чи аз мушоҳидаи ин дафтар мустафод мегардад, ин «Девон» ҳини ҳаёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар аввал ба хатти зебои Маҳбуб Рақам навишта шуда, баъд бо эҳтимоми Маҳмуд ва Сайид Ҳусайн ном ашхос дар матбааи Раҳимӣ, дар шаҳри Бамбайи Ҳиндустон, соли 1276 хуршедӣ аккосӣ ва ба чоп расидааст.

«Маҷмуаи ғазалиёти Саййид Нодиршоҳи Каёнӣ» китобест муназзам ва пурмоя, ки дар соли 1330-и хуршедӣ ба чоп расидааст. Ғазалиёти мавҷуд дар ин девон, ки дар буҳури мухталифаи арузӣ суруда шуда, бештарин бахши он марбут ба баҳри вазни ҳазаҷ ва мутафарруоти он ва камтарин қисмати он марбут ба баҳри муқтазаб мешавад, яъне ин шоир бо тавонмандии тамом тавонистааст, дар ин маҷмуа аз сурудаҳояш то ҳудуди 30 вазни арузиро дар таносуб ва ҳамоҳангӣ бо муҳтавои ашъор эҷод ва ба кор бибандад.

Ин китоб 153 сафҳаи зоҳиран муназзамтар аз «Паёми Шимол» аст, чун илова аз мавҷудияти бори маъноии баланд дар сурудҳо – интизоми ашъор ва қарор гирифтани пайиҳамашон бар асоси ҳуруфи алифбо, то ҳудуде риоят гардидааст.

Ин девон, ки қисмати аъзами он (то сафҳаи 118)-ро ғазалиёт ва ашъори нағзу дилпазири ишқӣ ва ғиноӣ ташкил медиҳад, бахши кучак ва маҳдуди поёнии он бо чанд тахмис, авсоф, ҳикоят, маснавӣ, мадоеҳе дар шаъни худи шоир, рубоиёт ва саранҷом бо ду сурудаи қобили таваҷҷуҳе зери номи «қабеҳу малеҳ» ба итмом расидааст.

Гарчанд соддагӣ ва авомфаҳмии бахше аз ашъори ғайрииирфонӣ ва ғайрифалсафии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ қобили дарк аст, аммо ин девони ӯ машҳун аз латоиф, зароиф ва тахайюлоти шоирона буда, қареҳаи баланд ва тавонмандии ӯро дар заминаи сароиши шеър ба исбот мерасонад.

**Ин ҳам як намуна:**

Парирӯе, ки меҷустам варо андар бар аст имшаб,

На Шамсу Зуҳраву Бирҷис, маҳи равшантар аст имшаб.

Азизон сархушам аз ҷоми май андар ҳарими ӯ,

Ки бо ман дар сухан он дилбари симинбар аст имшаб.

Бихӯрдам аз кафи ёри сақовам соғари майро,

Тиҳӣ аз дасти ман паймона, ҷоми соғар аст имшаб.

Камар бастанд сарву шохаи шамшоду гул наздаш,

Ки дар базми шароби лаъл миҷмар миҷмар аст имшаб [23, с.14].

**Ва ин ҳам як намунаи дигар:**

Маёвар, эй насими субҳгаҳ дар шӯр булбулро,

Даме аз хотири мо дур кун фарёду ғулғулро.

Надидам арзи умри хеш ёрон лайлат-ул-бадре,

Парешон карда ояд аз қафо аз ноз кокулро.

Ба чини кокулаш ошуфта мебинам дили худро,

Вале аз орзуҳо бастаам пойи тасалсулро.

Биё, эй соқии маҳрӯ, хуморолудаи ишқам,

Кунун дар фасли найсон бишнавон овози қулқулро.

Маро бегона машморӣ, тариқи дӯстдорӣ нест,

Намо сарфи назар бо хоксоронат таҳаммулро.

Тағофул чанд бо ғавғоиёни гулбун аз шӯхӣ,

Табассум мекунад Нодир кушояд ғунчаи гулро [24, с.2].

Хулоса, бо итминон метавон гуфт, ки пас аз осори баҷомондаи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва ғазалиёти ӯ миёни сойири эҷодиёташ аз мавқеияти барҷаста ва намоёне бархурдор мебошад ва ҳар кӣ метавонад бо мурури ғазалиёти девони мазкур ба ин нукта огоҳӣ ва вуқуф пайдо намояд.

**Хулосаи боби аввал.** Боби аввал, ки се фаслро дар худ ҷой додааст, масоиле чун зиндагинома, мероси адабӣ, анвои шеър, бахусус муаррифии ду ғазалиёти эшон («Паёми Шимол» ва «Девони ашъор») ва шинохти паҳлуҳои мухталифи ин ду асар мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтааст. Мутолиаи ин боб ва фаслҳои марбут ба он ин натиҷаро ба даст медиҳад, ки Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ на танҳо роҳбари хирадманди мардумӣ, балки як адиби

нуктасанҷ ва шоири хушқареҳа ва як чеҳраи неки фарҳангӣ ва сиёсии замони худ будааст.

Дар баррасии осори мансур ва манзуми адиб дида мешавад, ки масоиле чун озодандешӣ, адолатҷӯйӣ, инсонгароӣ, фурутанию тавозуъ, беҳбудии ҷомеа, нигаронӣ ва нобаробариҳои иҷтимоӣ ва ғайра мавриди таваҷҷуҳ ва диққат қарор гирифтааст.

# БОБИ II.
# СОХТ ВА МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ ҒАЗАЛИЁТИ САЙИД НОДИРШОҲИ КАЁНӢ

## 2.1. Сайри таҳаввули ғазал то замони Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ

Ҳар гӯянда, сароянда ва нависанда тобеи шароит ва авзои муҳити зиндагии худ аст, ки дар он ба сар бурда, сухану қаламаш ба гунае инъикосдиҳандаи шароити ҳоким бар иҷтимоашон мебошад.

Рӯзгори зиндагии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ низ мақтае аз таърихи пурошӯби муосири кишвар маҳсуб мешавад, ки вай дар маркази воқеа ва рӯйдодҳои он давра қарор доштааст.

Пеш аз он ки дар бораи сайри таҳаввул ва даврони таърихии ғазал ба баҳс бипардозем, лозим аст, як нигоҳи кутоҳе ба маъно ва мафҳуми ғазал дошта бошем. Ғазалро дар луғат – риштан (ресидан), ресмон, риштан ва тобидани мӯй ва ё пашм ё ришта, ресидан- ресмон ресидан [134, с. 887] ва ё ресмоне, ки бо он ҷонварони ваҳширо мегиранд, маъно кардаанд. Навозиш кардан ва шӯхӣ бо маҳбуб – сухан гуфтан бо занон ва ишқбозӣ кардан бо онон, ҳикоят аз ҷавонӣ ва ҳадису сӯҳбати ишқ ва васфи занон [137, с.1035], ситоиш ва санои касе, гуфтугӯйи духтарон ва писарони ҷавон, дӯст доштани сухан бо занонро низ ғазал гуфтаанд.

Ба сустӣ овардан, муттаҳайир шудан, таваққуф кардан ва ё боз гаштани саги шикорӣ ба сабаби бонги оҳубарра, ҳамчунон ғазал итлоқ мешавад. Яъне вақте саги шикорӣ ба гирифтани сайдаш, ки ҳамон ғизола ё оҳубарра аст, наздик шавад ва ғизола аз тарси ҷонаш овози дармондагӣ сар диҳад, саг ба ногоҳ аз таъқиб ва гирифтанаш боз меистад ва дилаш бар он месӯзад. Ва ба ҳамин ҷиҳат номи оҳуро ғизол ва исми шеърро ғазал гузоштанд, ки ошиқ ба манзури дастёбӣ ва тасхири қалби маъшуқ чун ғизола овози наҳифи дармондагӣ ва бечорагӣ сар диҳад ва ба гунае муҳаббат ва аҳд ва вафоро аз худ буруз дода, ӯро масҳури илтимос ва нолаву зориҳои хеш созад.

Ғазал дар истилоҳи адабӣ ва урфи шуаро, ба каломи мавзун ва муқаффо дар муошиқа ва васфу ҳоли занон ва ё ба шеъре соҳиби матлаъ ва мақтаъ, ки бештар дар мадҳу навозиши маъшуқа ва мағозала ва сухан кардан бо ӯ буда бошад, гуфта мешавад.

Ва ё ба як навъи вижае аз шеър итлоқ мешавад, ки қавофии мисраъи байти аввал бо қавофии охири соири абёти он муттаҳидулвазн ва яксон буда, байни ду то 15-16 ва ило 20 байт суруда шуда бошад, аммо ҳадди маъмул ва мутавассити он 5 то 12 байт мебошад.

Ва ҳамчунон ғазал дар назди шуарои порсигӯй ба шеъре гуфта мешавад, ки кулли абёти он бо мисраи матлаъ ҳамвазн ва ҳамқофия буда бошад ва ин навъи шеър гоҳе ба нудрат ба 19 байт ва баъзан нисбати вусъат ва густурдагии мавзуъ то ҳудуди 26 байт низ мерасад, монанди баъзе аз ғазалиёти Сайидои Насафӣ.

Аммо дар ин миён камтар аз панҷ байтро ғазали нотамом ва камтар аз се байтро ғазал нашояд гӯянд.

Қолаби ғазал, ки мароҳили мухталифе аз ҳаёти худро сипарӣ намудааст, мазомини гуногуне чун аҳволи дарунии шоир, зикри зебоии маъшуқ, мадҳу васфи ҳол ва замон, сӯзу гудози ошиқона ва шикоят аз каммеҳрӣ ва белутфии мамдуҳ, масоили ирфонӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва тарбиятӣ ва ҳатто садои ислоҳгарӣ ва адолатхоҳиро дар худ дорад.

Аммо ба гуфтаи профессор Абдуҷҷаббор Раҳмонов «дар ғазал – ташвиқи ишқи поки инсонӣ, ҳиҷри ёр, шодии васл, дарди ҳиҷрон ва дурӣ аз диёр ва дар як калом васфи маҳбуб ва тасвири таъсироти ошиқона нисбат ба вай бештар намудор аст» [109, 153]. Ин донишманд барои таҳкими дидгоҳи худ, ба манобее такя мекунад, ки мувофиқ ба назарияи худи ӯст. Аз ҷумла, Шамси Қайси Розӣ бар ин бовар аст, ки «ғазал бояд қофиядор, малеҳ ва (дорои) мазмуни мудрак бошад ва калимот ва ибороти дуруштро дар он роҳ набошад» [41, с. 362].

Ӯ ҳамчунон ба соҳиби «Ҳафт иқлим» ишора мекунад, ки дар бораи моҳияти аслии ғазал, ба гунаи ошкортар ҳарфе дорад ва чунин мерасонад, ки: «Ғазал ғолибан зикри ҷамоли маҳбуб ва сифати ҳоли ошиқ бошад ва (бояд)

мавоиз ва насоеҳ дар дигар aқсоми шеър дарҷ гардад, аз ҳар чӣ бунёд кунанд, агар висол бошад ва ё фироқ, ба ҳамон тамом кунанд» [109, с. 44-45].

Бо ин васф, ғазал тавъам бо вижагиҳое чун содагӣ, равонӣ, малоҳат, рангинӣ, зебоӣ, хушоҳангӣ, гуворoӣ, дилнишинӣ, руҳнавозӣ ва шӯрангезиаш яке аз олитарин ва ҷаззобтарин гунаҳои шеърӣ ба ҳисоб меравад, ки бо дурахшидан дар сабкҳои мухталиф – хуросонӣ, ироқӣ ва ҳиндӣ баландтарин ҷойгоҳ ва асаргузортарин нақшро дар руҳ ва равон ва андар қулуби тудаҳо иҳроз ва ифоъ намудааст.

Рӯдакӣ, Дақиқии Балхӣ, Шаҳиди Балхӣ, Саноӣ, Аттор, Мавлавӣ, Фахриддини Ироқӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Хоҷуи Кирмонӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Мирсаид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Носири Бухороӣ, Ҷомӣ, Навоӣ, Биноӣ, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ, Соиби Табрезӣ, Бедил, Саййидои Насафӣ, Толиби Омулӣ, Калими Кошонӣ, Зебуннисо, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Мирзо Содиқи Муншӣ, Аҳмади Дониш, Савдо, Туғрал, Шамсуддини Шоҳин ва ҷамъи касире дигар шахсият ва бузургонеанд, ки ҳар як ба навбати худ дар масири сароиш ва парвариши ғазал қадамҳои устуворе бардошта ва дар роҳи рушд, такомул ва шукӯҳмандии ин шева, заҳамоти қобили таваҷҷуҳе ба анҷом расонидаанд.

Дар бораи маншаи ғазал дидгоҳҳои мутафовите вуҷуд дорад. Муҳаққиқони рус ва тоҷикистонӣ ғазалро зодаи таронаҳои омиёна дониста, мегӯянд, ки ин таронаҳо таҳти таъсири шеъри расмии арабӣ ба сурати ғазал даромадааст [122, с. 35].

Бисёре аз пажуҳишгарони арсаи ғазал бар ин боваранд, ки: «Тағаззул ба масобаи бунёди ғазал, аз пешихони қасида мераҳад ва ба марзи худиродият мерасад, яъне ғазали форсӣ-дарӣ, ки аз ҳамон дерина солҳо дар ҳисори дилгири қасидаҳо дилозурда буд, саранҷом фармон нашнохт ва аз итоат инон бартофт» [122, с.28].

Доктор Сируси Шамисо дар ҳамин замина чунин далеле дорад: «Беҳтарин далел барои исбот ин нукта, ки ғазал идомаи такомули ҳаёти ҳамон тағаззул будааст, масъалаи тахаллус аст. Тахаллус дар қасида дар васати шеър, байни ду

бахш (васф ва мадҳ) қарор дорад, вақте бахши мадҳ аз байн рафт, байти тахаллус байти поёнӣ шуд, мунтаҳо тахаллус дар қасида исм бурдан аз мамдуҳ аст ва дар ғазал овардани исм аз шоир» [129, с.54].

Таърихи шаклгирии шеъри форсӣ низ ҳамин натиҷаро ба даст медиҳад, ки ғазал баъд аз қасида вориди қаламрави адабиёти форсӣ гардида, ба шакли имрӯзии он дар осори баъд аз Саноии Ғазнавӣ даромадааст ва агар қарор мебуд, ки ғазал аз ашъор ва сурудҳои омиёна сарчашма мегирифт, боист дар ҳамон ибтидои зуҳури шеъри порсӣ ин қолаб бинобар ҷаззобият ва инъитофпазириаш корбурди густурда меёфт ва шоирони зиёде дар ин масир қаламфарсоӣ менамуданд. Аммо ба равшанӣ пайдост, ки ғазал дар воқеъ аз пайкари қасида ҷудо шуда ва дар садаҳои пасин ба ҳаёти худ идома додааст.

Бо ин ваҷҳ, ғазал ба унвони як қолаби мушаххас ва муътабар дар канори қасида ва соири гунаҳои шеърӣ аз қарни шашум ба баъд тарвиҷ гардидааст. Сируси Шамисо низ ҳамин иддаро бовар дошта ва менависад: «Оғозиривоҷи ғазал аз қарни шашум аст ва то оғози ин қарн шоире, ки фанни аслии ӯ ғазалсароӣ бошад, суроғ надорем, аммо нуктаи муҳим ин аст, ки дар ин қарн таваҷҷуҳи аслии бархе аз шоирон, монанди Саноӣ ва Аттор ба ғазал будааст» [129, с.73].

Гарчанд аз аҳди Рӯдакӣ то қарни шашум ҳиҷрӣ дар таърих адабиёт як давраи қасидасаройи шинохта мешавад, аммо боз ҳам риштаҳои муайяни ғазалро дар тӯли ҳамин садаҳо (нимаи дувуми асри савум то асри шашум), ки шеъри форсӣ сайри болоравии худро мепаймояд, дар миёни осори адибон ва шоирони қадим метавон мушоҳида намуд, яъне бо васфе, ки асри шашум дар воқеъ оғози пайдоиши ғазал ба мафҳуми дақиқи он мебошад, аммо бо он ҳам гуфта мешавад, ки аввалин хиштбинои ин қолаб, дар замони Рӯдакӣ ва Шаҳиди Балхӣ гузошта шуда, нахустин ғазалро ҳам ҳамроҳ бо тахаллус аз Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммади Рӯдакӣ машҳур ба ворисӣ хунёгарон ва падари шеъри форсӣ медонанд.

Дар ҳамин иртибот, устод Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва Абдулғанӣ Мирзоев низ бо таваҷҷуҳ ба сайри таърихии ғазал ба ин натиҷа

расидаанд, ки устод Рӯдакӣ аввалин касе аст, ки дар такомули ин жанри адабӣ (ғазал) нақши лозим ва сазоворе доштааст.

Пас аз Рӯдакӣ дуюмин шахсе, ки дар фанни ғазалсароӣ пешкисватӣ намуда, Дақиқии Балхист.

Ба ҳар ҳол, он чӣ бориз аст, ғазал ва ғазалнигорӣ дар ҳамин сада (қарни шашуми ҳиҷрӣ) роҳи сууд ва камолро оғоз намуда, баъдҳо шоироне, мисли Саноии Ғазнавӣ, Анварӣ, Заҳириддини Форобӣ, Ҷамолуддин Камоли Исфаҳонӣ ва Саъдии Шерозӣ аз ҷиҳати забонӣ, Аттор, Хоқонӣ, Низомӣ ва Мавлавӣ аз ҷиҳати маъноӣ ғазалро ба сӯйи таолӣ ва боландагӣ бурданд, то ин ки Ҳофизи Шерозӣ, ки куллиёташ мазҳари ҷамол ва камоли шеъри форсӣ аст, ба унвони ғояти ғазал ба вуҷуд меояд. Дар як сухан, ғазали қарни шашум дар мавқеияти ҳадди васат миёни тағаззул ва ғазали садаи ҳафтум низ шинохта мешавад [129, с.73].

Ҳаким Саноии Ғазнавӣ бо сурудани ғазалиёти дилпазираш дар қарни шашум сарчашмае ба ғазалсароёни баъд аз худ мегардад ва метавонад ба ғазал, қолаб, ҳувият ва ранг ва рухи тозае бахшад.

Пас аз Саноӣ шоири дигаре, ки илова аз доштани шуҳрати баланд дар қасидасароӣ, дар дигаргунӣ ва таҳаввули ғазал низ тавонистааст нақшофаринӣ намояд, Анварии Абевардӣ аст. Анварӣ болои забони шеър таваҷҷуҳ намуда, талош варзида, то ба гунае миёни забони шеър ва забони гуфторӣ ва баёни сода ҳамоҳангӣ эҷод намояд.

Заҳириддини Форобӣ ва Ҷамолуддини Исфаҳонӣ низ аз ҷумлаи шуарое ҳастанд, ки ба ғазал таваҷҷуҳи зиёд карданд. Ашъори онон дар ҳақиқат муқаддимае бар мактаб ва сабки ироқианд ва ё марзеро миёни мактаб ва ё сабки хуросонӣ ва ироқӣ шакл медиҳанд.

Лозим ба зикр аст, ки то ҳанӯз забон ва адабиёти форсӣ ба таври умда се сабкро озмуда, осори пурқиматеро дар ин сабкҳо ба ҷой гузоштааст, монанди: хуросонӣ ё туркистонӣ, ироқӣ ва ҳиндӣ.

- сабки хуросонӣ ё туркистонӣ бештар бо ашъори ҳамосӣ, равонии калом ва содагии алфозро дар худ дошта, аз такаллуфот ва саноеи бадеӣ холӣ

мебошад. Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Унсурӣ ва Фаррухӣ аз ҷумлаи шоирони номдор дар ин сабк ба шумор меравconfigure [125, 2]. Ҳамчунон, шоирон дар ин сабк умдатан содагии баён, равшании маънию зебоӣ ва маҳоратро дар тасвирпардозӣ дар назар доштаанд.

Дар сабки ироқӣ, ки руҳияи ошиқона ва орифонаро дар худ дорад, сохтораш пур аз вожаҳои арабӣ буда, шоирони ин арса барои ороиши каломашон, умдатан аз саноеии бадеӣ истифода кардаанд. Ин сабк, ки баъд аз қарни шашум эҷод ва роиҷ гардидааст, Ҷамолуддини Исфаҳонӣ ва Камолуддин Исмоилро метавон аз ҷумла пештозони он арса ба ҳисоб овард [134, с.1162].

Аммо дар ин радиф метавон олитарин ашъорро марбут ба Саъдии Шерозӣ донист. Шахсияте, ки дар сароиш ва таснифи ғазали ошиқона ва орифона, тавонмандӣ, маҳорати вижа ва хоссе дошт.

Аммо дар сабки ҳиндӣ, ба таври умум аз тахайюлоти печида, киноёт, таркибот ва таъбироти дур аз зеҳн ва бисёр муғлақ истифода шудааст, мисли ғазалиёти Соиби Табрезӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Ҳакими Кошонӣ ва Урфии Шерозӣ [134, с.1162]. Вале дар асл поягузори ин сабк Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ гуфта шудааст. Аз шуарои ғайрипорсӣ дар ин сабк метавон аз Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ёд намуд [134, с.1162].

Сабки ҳиндӣ, ки аз имтизоҷ ва рушди сабки хуросонӣ ва ироқӣ ба вуҷуд омада, бистаре офарид, ки бо истифода аз манобеи мухталиф ва ба юмни шеваи рамзпардозӣ, худро аз пояи мавзуи ишқи инсонӣ – заминӣ ба пояи ишқи илоҳӣ – осмонӣ бирасонад.

Садаи ҳафтуми ҳиҷрӣ аз як тараф мусодиф аст бо ҳамлаи муғул дар шарқ ва дур шудани шеър ва шоирон аз дарбор ва аз сӯйи дигар нуфузи тасаввуф, ирфон ва махлут шудани он бо қолаби ғазал, дар маҷмуъ ин авомил боис мегардад, ки аз як тараф сабки хуросонӣ рӯ ба завол ниҳода, шеваи дигаре ба номи сабки ироқӣ шакл бигирад ва дар дили он қолаби ғазал ба шукӯҳ ва эътилои худ бирасад. Намояндаҳои шохиси ин фасл Шайх Саъдӣ, Хоқонӣ, Аттор, Мавлавӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Салмони Соваҷӣ ва Ҳофизи Шерозӣ мебошанд.

Саъдӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки бо сурудани ашъори ноб, минҷумла ғазалиёти нағзи ошиқона, ҳам дар замони худаш ва ҳам баъд аз худаш ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи шоирон қарор гирифта, сармашқи хубе барои давраҳои баъд гардидааст.

Хоқонӣ низ яке аз чеҳраҳои таъсиргузори ин давра аст, ки ҳам аз лиҳози сохтор ва ҳам аз лиҳози муҳтаво, ғазалҳои хубе сурудааст. Аттор ва Мавлавӣ, ки дар ҳақиқат посдорони роҳи Ҳаким Саноианд, бо гунҷонидани масоили ирфонӣ дар ғазал қуллаҳои шомихеро паймудаанд.

Аттор, ирфони Саноӣ ва равонии баёни Анвариро ба наҳви аҳсан даромехт ва асоси сабкеро гузошт, ки дар Хоҷу ва Ҳофиз охирин мароҳили худро паймуд [123, с.90]. Ва Мавлавӣ бо сӯзу гудози қаландаронаи худ тавонист мондагортарин ғазалҳои таърихи адабиёти моро эҷод намояд.

Натиҷа ин ки ғазали ирфонӣ дар воқеъ бо Саноӣ оғоз ёфт, бо Аттор идома пайдо кард ва бо Мавлоно Ҷалолуддини Муҳаммади Балхӣ ба авҷ ва камоли худ расид.

Садаи ҳаштум бар он меболад, ки ҳазрати Ҳофизро дар оғӯш дорад, симои шигифтангезе, ки ғазали порсиро ба меъроҷ ва авҷи шукӯҳмандии худ расонид ва онро мондагор сохт.

Ин шахсияти номдори ғазали порсӣ бо истифода аз гузаштае пурбори адабиёт ва мушоҳидаи таҷрибиёт, ки ба василаи шоирони пеш аз ӯ, монанди Рӯдакӣ, Саноӣ, Аттор, Мавлоно, Саъдӣ, Хоҷу ва дигарон сурат гирифта буд, тавонист камол ва боландагии ғазали форсиро ба номи худаш сабт намояд. Ҳофиз дар ҳақиқат бо пайванд додани ду осори гаронарҷи шеър порсӣ, ки Мавлавӣ дар ғазали орифона ва Саъдӣ дар ғазали ошиқона аз худ бар ҷой гузошта буд, тавонист дарахти ҳамешасабзи дигареро тарбият намояд, ки то дам аз инсону инсоният ва ишқу отифа аст, он дарахт боқӣ хоҳад монд.

Ба қавли доктор Шамисо «Ҳофиз дар асре мезист, ки аввалан, забон ба василаи Саъдӣ ба авҷи худ расида буд ва сониян, тасаввуф дар тамоми завоёи зиндагии мардум нуфуз карда буд ва солисан касоне чун Мавлоно боби тозагӯии маъноиро гушуда буданд. Ҳунари Ҳофиз дар ин аст, ки тавонист

Саъдӣ ва Мавлоноро ба устодонатарин наҳв талфиқ кунад ва дар ин миёна аз худ низ мояҳои бисёр гузорад» [129, с.123].

Таъсири ғазалиёти Ҳофиз рӯйи муосирон ва давраҳои баъд аз ӯ, дар он ҳадде буд, ки ғазали порсӣ, барои муддати 150 соли дигар ҳолати рукудро бар худ гирифт.

Дар қарни нуҳуми ҳиҷрӣ (баъд аз Ҳофиз) шеър ва шоирӣ, алорағми таваҷҷуҳ ва рағбати дарборён ба он, аз асари такрори беравияи мазомин ва навовариҳои шоирони пешин сабки ироқӣ рӯ ба завол ниҳод. Чун дар ин давра таваҷҷуҳ ба мадраса ва таҳсили улум бештар шуд, бинобар он шеър ба дасти авом афтод, ки ин масъала боис гардид, ки авомуннос ба шеъру шоирӣ рӯй биоваранд ва дар айни ҳол аз фунуни балоғат ва шеър ғофил бошанд ва шеърҳои наздик ба ибтизоли адабӣ, ки ба забони кӯча ва бозор наздик аст эҷод намоянд «ва ин наздик шудани шеър ба забони авом муҷиб шуд, ки маонӣ ва афкори бозорӣ ва алфози муҳовира, дар шеър роҳ ёбад ва тадриҷан муқаддамоти сабки маъруф ба ҳиндӣ дар Эрон, Осиёи Марказӣ, Афғонистон ва Ҳинд фароҳам ояд» [122, с.124].

Шеъри ин давра (авохири қарни ҳаштум то авоили қарни даҳуми ҳиҷрӣ), чи аз лиҳози техник ва шигардҳои шеърӣ ва чи ба лиҳози ҳузурдошти андешаҳои баланд, нисбат ба давраҳои қабл мелангад ва номовартарин шоир ин давра Ҳилолии Чағатоӣ мебошад.

Ба бовари Сируси Шамисо «ду сабке, ки баъд аз Ҳофиз дар ғазал маъмул гардид: яке сабкест, ки ба ёдоварандаи каломи Саъдӣ ва Хоҷа Ҳофиз аст, дигар сабки шуароест, ки бештар дар банди маонии борикband ва шӯру лутфи каломашон камтар ва уюби лафзӣ дар шеършон бештар аст.

Аз шоирони сабки аввал мешавад, ки Мағрибии Табрезӣ, Қосими Анвор, Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ ва аз шоирони сабки дувум Камоли Хуҷандӣ, Шайх Озарӣ, Котибии Туршезӣ, Хаёлии Бухороӣ, Бисотии Самарқандӣ, Тӯсӣ ва Амир Ҳумоюни Исфароиниро ном гирифт, ки эшон аксаран пайрави Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Ҳасани Деҳлавӣ ҳастанд» [129, с.149].

Ба ҳар ҳол, шахсиятҳое чун Мавлоно Абдурраҳмон Ҷомӣ бо доштани ғазалҳои орифона ва ошиқона, Бобо Фиғонӣ бо содагии калом ва овардани ташбеҳот ва истиороти тоза дар ғазал ва Ваҳшии Бофқӣ бо вижагии омиёна будани забон, тасреҳи моҷаро ва иғроқ дар мавриди мамдуҳ, аз ҷумла шуарои ҳадди фосили мактаби ироқӣ ва сабки ҳиндӣ ба шумор меравconfigured, аммо дар ин миён Мавлоно Абдурраҳмон Ҷомӣ ба ҳайси намоянда ва давомдиҳандаи устувори роҳи Мавлавӣ, Ҳофиз ва Саъдӣ, хотам-уш-шуарои сабки ироқӣ шинохта шудааст.

Хулоса, содагӣ ва авомзадагии шеър ва шоир, такрори офаридаҳои макотиби хуросонӣ ва ироқӣ, кам таваҷҷуҳӣ ба маъно ва паём, бехосият шудан ва ибтизоли таркибот ва мазомини ашъор ва вуруди он миёни кӯчаву бозор боис гардид, то шеъри форсӣ барои раҳоӣ аз ин вазъият, вориди фасл ва арсаи ҷадиди дигаре ба номи мактаби ҳиндӣ гардад, мактаб ва арсае, ки мавонеъ ва инсидодро напазируфта, офаридаҳои он маъҷуни аз вожаҳои гуфторӣ ва истилоҳоти бадеъ, тасвирпардозиҳо, тахайюл ва мазомини бикр ва орояҳои ҳунарӣ буд.

Сабки ҳиндӣ бо вижагӣ ва навовариҳои марбут ба худаш, ғазали забон ва адабиёти форсиро аз авоили қарни даҳум то авосити садаи дувоздаҳум ба ҷиҳат ва самти дигаре кашонид ва бо мазомини бикр ва тоза, ташбеҳот ва истиороти зариф ва матолиби гиро, сӯзнок, ошиқона ва пурмасал ва шеваи адам истифода аз авзони нодир, бо муваффақият тавонист адабиёти моро ба давраҳои бошукӯҳи гузашта пайванд диҳад.

Аммо ин мактаб (мактаби ҳиндӣ) пас аз сипарӣ намудан як давраи пурҷалол, бинобар печида ва ғайриқобили ҳазм шудани мазомини шуаро, аз як ҷониб ва адами таваҷҷуҳи хукумронони темурӣ дар Ҳинд ва ҳараҷу мараҷи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҷангҳои дохилӣ аз ҷониби дигар сабаб шуд, то рафта-рафта он завқи фарогири сабки ҳиндӣ фурӯкаш намуда, дар ғарби Форс (Эрони имрӯзӣ) шеваи бозгашт ба услуби қудамо, муҷаддадан аҳё гардад ва дигар ғазалсароӣ, он равнақи қаблии худро аз даст бидиҳад. Ғазалсароёни номвари ин давра Ҳотифи Исфаҳонӣ, Озари Бегдилӣ, Кошӣ ва ғайра мебошад.

Сабки ҳиндӣ дар Шарқ (Афғонистон) бархилофи ғарби Форс, муддати зиёде давом овард, аммо нисбат ба ҳолати истибдодии ҳоким бар кишвар, ғазалсароӣ баъд аз қарни дувоздаҳ осеб дид ва шоирон ва адибон ҳар кадом, ба роҳҳои мухталифа рафтанд ва масирҳои ҷудогонае бар худ интихоб намуданд. Масалан, Муҳаммаднабӣ Восили Кобулӣ сарҳалқаи ғазалсароён (дар нимаи дувуми қарни ХП) пайравӣ аз Ҳофизи Шерозӣ менамояд. Маҳмуди Тарзӣ даргири забони муҳовара ва калимоти фарангӣ буда, бисёр тараққихоҳ аст, Мустағнӣ, Абдулҳодии Довӣ, Зиё Қоризода даргир бо масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ, машрутахоҳӣ ва ислоҳталабӣ аст. Абдулҳақи Бетоб, Навид, Анвари Бисмил сароишгарони сабки ҳиндианд ва Ғуломнабӣ Ашқарӣ, Деҳқон, Орифи Чоҳобӣ ва Нодиршоҳи Каёнӣ ошиқона ва пурсӯзтар аз дигарон месароянд.

Дар авоили садаи бистуми мелодӣ, бо шаклгирии ҷараёни машрутахоҳӣ дар кишвар таваҷҷуҳ ба навгароӣ ва гароиш ба таҳаввули маъноӣ дар ғазали форсӣ, қобили дарк ва рӯият аст ва шоироне чун Абдуллоҳ Орифи Чоҳобӣ, Маҳмуди Тарзӣ, Абдулҳодӣ Довии Парешон, Абдулалии Мустағнӣ ва Абдурраҳмони Лудин бо диди вижа ба буъди муҳтавоии шеър, омили барпоии як ҷаҳиши калон дар ғазали Афғонистон гардиданд.

Хулоса, фаъолияти ин шоирон ва амсоли эшон, бо фурӯпошии ҷунбиши машрутахоҳӣ, рӯ ба уфул гузошт, аммо бо он ҳам сароғози хубе барои тағйири масири ғазал дар кишвар гардид.

## 2.2. Сохт ва таркиби ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ

Бо назардошти танаввуъ ва гуногунии осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, сохтор ва нишонаҳои забонии ӯ дар кул метавонад аз завоиёи мухталифе мавриди баррасӣ қарор гирифта, таркиботи хос дар он ба гунаи айнӣ, васеъ ва фарохаш ба муарифӣ гирифта шавад, аммо дар баҳси мо сирф болои сохт ва таркиботи ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнист, ки бояд дар мавридаш ба баҳс ва таҳлил пардохт.

Яке аз тафовут ва тамоизот дар ашъори адибон корбурди гулвожаҳои пайваста, омехта ва таркибӣ ё сода, сохта ва омехта дар сурудҳо ва офаридаҳои онҳоанд, ки ин таркиботи ҳунарӣ ё сохта ва пардохтаи худи онҳоанд ва ё иқтибос аз пешиниён ва гузаштагон аст ва агар чунончи таркиботи ворид шуда, дар ашъор моли худи ҳамон сароишгараш бошад, бидуни шак ба ҳаловат ва узубати он хоҳад афзуд.

Аммо таркибот ва орояҳои ҳунарии мавҷуд дар лобалои гуфтор ва ашъори сарояндагон, бо дар назардошти табиат ва ҳолати руҳӣ, афкор ва андеша ва ҳатто авзои шахсӣ ва иҷтимоии ӯ фарқ мекунад. Яке таркиботи ҳамосӣ ва ғиноӣ дорад, дигаре таркиботи таълимӣ ва тамсилӣ ва он сеюмӣ ҳам таркиботи ирфонӣ ва достонӣ ва ғайра.

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ андар ин миён ва он чи аз осори ғазалии вай ҳосил мешавад, таркиботи мавриди истифодаи эшон умдатан равон, гуворо ва гоҳе ҳам низ неруманду печида аст.

Чун ғазал марбут ба осори ғиноии адабиёт мешавад ва ба вуҷуд овардани ин осор бештар ба андеша, тахаюл, эҳсосот ва ҳаяҷоноти шахси шоир робита мегирад ва бархурдорӣ аз андеша, тахаюл ва эҳсосоти шоирона ҷиҳати зебоӣ ва сайқали сухан он гоҳ муяссар аст, ки бояд дар сухан ва сурудаҳо аз орояҳо, таркиботи ҳунарӣ ва санъатҳои бадеӣ истифода шавад.

Ду маҷмуаи шеърии ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба номҳои «Паёми Шимол» (нашри соли 1276) ва «Девони ашъор» (нашри соли 1276) бидуни шак, матолиб ва мазомини мухталиферо дар бар дорад. Аммо як бахши калони онро

ашъори ғиноӣ ва ишқӣ шакл медиҳад; ба вижа «Девони ашъор»-и эшон мамлу аз масоили ишқӣ ва тавсифӣ аст, ки чун ҳазрати Ҳофиз аз маю маъшуқ ва бодаю соқӣ ҳарфу баён дошта, бо ба кор бастани таркиботи зебое мисли «бодаи гулгун», «лаъли фом», «чашми наргис», «шохи шамшод», «зулфи анбарин», «қади дилҷӯ», «соғари саҳбо», «шӯри ҷунун», «ҳалқаи зулф», «баёзи гардан», «барги лола», «чини кокул», «тири хаданг», «насими субҳгаҳ», «шохи гул», «бозори сунбул», «ҳарими дӯст», «нолаи мастона», «соғари май», «тири нигоҳ», «кунҷи хилват», «занҷири таъаллуқ», «дили ғамгусор», «бори субҳидам», «лаби лаъл», «қиблаи ҳоҷот», «пайки ҷунун», «гулгашти чаман», «гули навруста», «шароби ноб», «дили хаста» ва ғайра вожаҳои таркибӣ ва ташбеҳоти зариф, сурудаҳои ғазалишонро ҷаззоб, дилписанд ва сазовори таваҷҷуҳ гардонида аст.

Чунончи:

Парешон кард боди субҳгаҳ зулфи парирӯро,
Мушавваш кард дар Чин бӯйи зулфаш нофи оҳуро.
Фидои мақдами ӯ бод ин руҳу равони ман,
Хиромад гар ба кӯи ишқбозон қадди дилҷӯро.
Намоён кард, рӯро баҳри ушшоқон на бар воиз,
Ки аъмоён набинад дар ду гетӣ рӯйи некӯро.
Хирадмандон агар бинанд рухаш, шуридасар гардад,
Лабони лаълу чашми масту зулфу холи ҳиндуро.
Магӯ бисёр соғар нӯш Нодир аз кафи соқӣ,
Маранҷон з-ин қадар гуфтор табъи ёри бадхуро [13, с.4].

Сарфи назар аз нишондиҳии вожаҳои пайваста, сохта ва омехта танҳо иборотe чун «боди субҳгаҳ», «зулфи парӣ», «бӯйи зулф», «нофи оҳу», «қади дилҷӯ», «рӯйи некӯ», «лабони лаъл», «чашми маст», «холи ҳинду», «кафи соқӣ», «ёри бад» дар ин ғазал метавонанд сатҳи муносибе аз дид ва дасти бози шоирро дар сохт, ҷобаҷойгузорӣ, радифи калимоту вожаҳо дар қолаби абёти ин шеър нишон бидиҳад.

Дар ин миён, аз ин ки чи гуна парешонӣ ва мунташир шудани бӯйи зулфи парирӯе, нофи оҳуи Чинро нигарон месозад, каме ниёз ба таваҷҷуҳ ва диққат дорад.

Дар билоди Туркистон вилоятест ба номи Хутан, ки миёни Кошғар ва Ёрканд мавқеият дорад. Аммо Хутани имрӯзӣ зери султаи кишвари Чин аз ҷумлаи шаҳрҳои машҳури Туркистони Шарқӣ ё Синкёнг аст, ки дар 300 километрии ҷануби шарқии Ёрканд ва бар канори чапи Хутандарё ба иртифои 370 метр аз сатҳи баҳр қарор дорад.

Аҳолии он минтақа ҳама мусалмон буда, дар фанни бофандагию тиҷорати абрешим ва пунба дасти болое дошта ва доранд.

Муҳимтарин вижагии Хутан, мавҷудияти оҳувони соҳиби мушк дар кӯҳҳову биёбонҳои атрофи он аст, ки судури ин мушк аз қадимулайём аз ин ноҳия муҷиби шуҳрати Хутан дар ҷаҳони қадим гардидааст ва дар адабиёти порсии дарӣ Хутан илова аз мақоми мушкхезиаш ба ҷиҳати доштани шоҳидон ва хубрӯён низ мавриди таваҷҷуҳи зиёде будааст [135, 280].

Аз асари ривояти забонӣ овардаанд, ки оҳувони Хутанзамин дар фасли пойиз, ҳине ки тарашшуҳоти атрогин бо ҳамон ғудаи қисмати нофашон, сахт ва маҳкам мегардад, барои рафъи хоришаш, нофашонро ба санг мемоланд ва афроде, ки шуғли ҷамъоварии гард ва судаҳои хушбӯйии нофи оҳувонро доранд, онро бо зарофат ва диққати хоссе ҷамъоварӣ мекунанд.

Дар ин ҷо шоири хушзавқу қариҳа, хушбӯйии зулфи парешони мамдуҳашро, ки аз асари вазиши бод, пахш ва нашр гардида, бо овардани таркибҳои мулоими «боди субҳгаҳ», «зулфи парӣ» ва «нофи оҳу» чунон меситояд ва менавозад, ки ҳатто атрогинии сар ва зулф ӯро аз атри машҳури нофи оҳуи Хутан низ бартар мешуморад.

Байти зер низ айни мафҳуми болоро бозтоб медиҳад, бад-ин гуна;

Нигорам шона созад тори зулфи анбаринбӯро,

Мушавваш менамояд дар Хутан он нофи оҳуро[13, с.8].

Ҳамчунон, дар ҷойи дигаре аз девони ашъори шоир, боз ҳам аз ташвиш ва нигаронии нофи оҳуи Хутан ёдоварӣ шудааст, бад-ин сон:

Мушавваш менамояд нофи оҳуи хитоиро,

Агар ҳамроз созад бо саҳар холи худоиро [13, с.5].

Гарчанд дар ин ҷо, «холи мушкинранги болои лаб» ва ё «рухсор», ҷуз иштирокаш дар сиёҳрангӣ бо ҳамон нуқтаи мушкини оҳу, дигар кадом атрогинӣ ва бӯйи хосе надорад, ки бо ғуддаи хушбӯй ва мушкбези нофи оҳуи Хутан қобили муқоиса бошад, аммо мавҷудияти холи худоӣ дар чеҳра, як ҷойгоҳ ва мақоми баланд назди хосу ом, ба вижа назди удабо ва шуаро дорад. Ва дар ситоиши он, ҳазорон ҳарф ва сухане аз забон ва қалами нависандагон ва гӯяндагони майдони адабиёт таровидааст.

Шотираббоси Сабуҳии Қумӣ (Исфаҳонӣ, аз шоирони тавонманди давраи Қоҷор) дар ин замина чунин сурудааст:

Зери лаб вақти навиштан ҳама кас нуқта ниҳанд,

Ай аҷаб нуқтаи холи ту ба болои лаб аст.

Ё Раб, ин нуқтаи лаброо, кӣ ба боло биниҳод,

Нуқта ҳар ҷо ғалат афтод, макидан талаб аст [43, с.249].

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар ин ҷо низ бо борикбинӣ ва нозукандешӣ, ҳамоҳанг ва ҳамроз шудани холи худоиро бо саҳар ва насими саҳаргоҳӣ, пешкаш карда, тасаввур менамояд, ки агар ин холи худоӣ ба масобаи нофи оҳуи Хутан, ҳамоғӯши боди субҳгоҳӣ шавад, қатъан сабаби ташвиш, кӯчакӣ, ношодӣ ва камранг шудани аҳаммияти мушки ноф ё худи оҳуи Хутан хоҳад гардид, яъне дар сурати пахш ва нашри ҳарфи зебоӣ ва ё хушбӯӣ холи худоии лаби ёр, мушки нофи оҳуи Хутан, аз назарҳо хоҳад афтид ва афсонаи таърихиаш дар ҳам хоҳад шикаст. Ва аз як зовияи дигар, бо матраҳ шудани гаҳ-гоҳии нофи оҳу, мушки Хутан ё мушки Чин дар ашъор ва гуфтори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ метавон ба маъруф будан ва шуҳрати ҷаҳонии ин падида ва арзишу аҳаммияти он ба назди худи шоир низ пай бурд:

Ҳамроҳи зулфи ёр насими саҳар шавад,

Дар Чин ғизол нофа зи хуни ҷигар шавад [13, с39].

Ва ё :

Мечакад чун жола аз рӯяш арақ дар пираҳан,

Мушк дар Чин з-он арақ ҳар лаҳзае ношод буд [13, с.30].

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба далели шароити хоси сиёсӣ-иҷтимоӣ, ки дар он ба сар мебурд, саъй мекард, то ашъор, таркибот ва ороя̄ҳои он миқдори мағмуз печида ва ибҳомомез бошад. Мисли:

Дило, зи ғуссаву андуҳи рӯзгор бимир,

Дило, зи кашмакаши ҷаври кордор бимир.

Кунун зи вазъи хаёли замона ҳайронам,

Зи бевафоии ин чархи сифлакор бимир.

Зи аҳли даҳр гурезонамаш набигзоранд,

Ки нест аз худу бегона эътибор бимир.

На дӯстӣ, на муҳаббат, на ошноирост,

Ба қалби хаста або чашми ашкбор бимир.

На рангу бӯи муҳаббат дар ин ҷаҳон боқист,

Тағобун аст, ту бо қалби доғдор бимир.

Куҷост фарқ миёни давобу инсонӣ,

Аруси даҳр хазонрост дар канор бимир

Надонамаш дили садпораро чи кунам,

Миёни синаи ман қалби беқарор бимир [14, 35-36].

Ӯ дар ин гуфтори ҳоҷиб пӯшида ва ғайрисареҳ аз ҷавру ғабни замон бегонагӣ ва беэътибории рӯзгор ва аз бевафоию ноошноии аҳли даҳр бо ғаму андуҳ ва ашку оҳ забони шиква сар дода, бо беқарорию қалби доғдор, чунон ноумедона менолад, ки ҳатто идомаи зиндагӣ ва ҳаётро низ дар сояи чунон низому иҷтимоъ лозим ва шоистае нашмурда, дар мисраъи дувуми абёт вожаи таъсирбори «бимир»-ро ба ҳайси радифи шеър мавриди истеъмол қарор медиҳад.

Дило, зи ғуссаю андуҳи рӯзгор бимир,

Дило, зи кашмакаши ҷаври кордор бимир.

Дар ин ҷо бар иловаи мавҷудияти ҳолати пӯшидагӣ бар аҳволи зоҳири шеър, вожаҳои пайвастае чун «хаёл», «тағобун», «даввоб», «чарх», «сифла» ва «даҳр» низ дар ин суруда ворид шудааст, аммо дар ин ҷамъ ду вожаи

«тағобун» ва «даввоб» ҷадид, қобили тавачуҳ, мушкилфаҳм ва камсобиқатар аст.

Вожаҳо аз назари шакл умуман ҳолати сегонае (сода, сохта, омехта) дорад [133, 69], ки бо ҳузурашон пайваст бо орояҳои ҳунарӣ дар шеър каломро оҳангин, дилпазир ва хушоянд месозад.

Вожаҳои «ғусса», «ҷавр», «ҳайрон», «сифла», «хаста», «хазону чора» дар зумраи калимоти содаи пайвастаи мавҷуд дар шеъри болоанд, ки ба танҳоии худ мустақилона маъно ва мафҳумеро ифода медоранд, аммо вожаҳои «кордор», «беқарор», «чи чора» ва «бевафо», ки муташаккил аз як вожагӣ баста ва номустақилу як вожа ё морфемаи мустақиланд, калимоти муштақ ва ё сохта месозанд.

Мураккаботи омехтаи «сифлакор», «садпора» ва таркибҳои ҳунарии «ғуссаи андуҳ» (шикояти ғам), «кашмакаши ҷавр», «хаёли замона», «аҳли даҳр», «қалби хаста», «чашми ашкбор», «бӯйи муҳаббат», «қалби доғдор» ва «арӯси даҳр», ки бо касраи изофат шинохта мешаванд, дар лобалои ин сурудаи шоир чеҳранамоӣ мекунанд ва ба он зебоӣ мебахшанд.

Бо ин ҳол ҳувайдост, ки ҳарчанд аз ҳолати печидагӣ шеър коста шавад ҳам, таркиботу орояҳо сода ва авомфаҳм мегардад. Пас, ба таркиботи фавқуззикр: «ғуссаи андуҳ», «хаёли замона», «чархи сифла», «аҳли дард», «қалби хаста», «бӯйи муҳаббат» ва ғайра метавон таркиботи миёна ва мутавассит хитоб намуд, аммо гоҳе чунин печидагӣ ва пӯшидагӣ, ки дар абёти фавқ ба мушоҳида мерасад ба сароҳат мубаддал мегардад ва боз ҳамон гуна, ки пештар ишора шуд, гуфтори равшану ашъори сареҳ, аксаран, аз тафаннун, тахайюл ва бари ҳунарии камтаре бархурдоранд, мисли:

Нодиро, гар ту ба ин ҳашмату ҷои, афсус,

Ки бад-ин мулк ту бе дасти сахоӣ, афсус.

Ҳокиму қозию маъмур пайи моли фақир,

Соилонро бувадаш навҳасароӣ, афсус.

Гарчи муҳтоҷи касе нестем аз фазли Худо,

Халқ бинам ҳама бо ҳоли табоҳӣ, афсус.

Оламе аз ситаму зулм ба фарёду фиғон,

Ноумед аз дари шоҳанд худоӣ, афсус.

Ришвату зулм зи ҳар вақт фузунтар гардид,

Ҳамаро, кор ба ҷуз дидадароӣ, афсус.

Рӯзу шаб аст раият ҳама дар ранҷу алам,

Дар дари хонаи ҳар фард сипоҳӣ, афсус.

Ҳар ки дар кулбаи вайронаи худ гирякунон,

Сина сӯзон ҳама бо нолаву оҳӣ, афсус,

Бемурувват ҳама хунхору ҷафоҷӯ золим,

Сифлатабъон ҳама дар комравоӣ, афсус.

Кор аз дасти ту н-ояд на ба узру на ба ҷанг,

Хешро мекунӣ ангуштнамоӣ, афсус [14, 37].

Мурури ин абёт мерасонад, ки шоир бо хотира ва интибоҳе, ки аз чигунагии вазъияти ҳокими сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангии кишвар ва ҷомеа дорад, бо радиф қарор додани калимаи «афсус» ва таркиботи нисбатан сода ва мустаъмал, бар ҳама нобасомониҳо чун зулму ситами шоҳ, хунхорӣ ва ҷафоҷӯйӣ ва ришваву фасод ва дуздиу чаповулгарии ҳокиму қозӣ ва соири маъмурони низом, метозад ва бо мавҷудияти камрангии ороя ва саноати адабӣ, мақсуд ва асли ҳадафро, ки ҳамоно тасаллути нозебои шароити ногувори ҳамон вақт аст, ба равшанӣ ва урёнӣ мавриди интиқод қарор медиҳад.

### 2.3. Мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ

Он чи аз мутолиаи ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба даст меояд, мавзуъ ва мундариҷоти ғазалиёта маворид ва масоили гуногун ва мухталиферо бар метобонад.

Танаввуъ ва гуногунии масоил дар офаридаҳои нависандагон ва ба вежа адибону шоирон робитаи мустақим ба шароити ҳокими иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодии замони зиндагии онон дошта, чигунагии шароит ва муносиботи ҳоким бар вазъияти ҳамон вақтро пешкаш медорад.

Биноан, осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ки зери соиқаи бархурди низоми мутлақаи бар сари иқтидор ва сахтгиронаи иҷтимоӣ ва сойири таҳаввулот ва рӯйдодҳои ногувори миллӣ ва байналмилалӣ ба риштаи таҳрир даромада, бо рангорангии худ аз маҷмуи ин муносибот асарпазир будааст.

Аз ҳамин ҷиҳат шоир дар шаклу қолаби ғазал на танҳо сирф ба масоили ишқиву ситоишӣ таваҷҷуҳ намуда, балки ба мавзуоти мухталифи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, миллӣ ва мардумӣ низ пардохтааст.

Барои эҷоз ва ихтисори матлаб, муносиб он хоҳад буд, ки дар доираи ғазалиёти вай ба чанд мавзуи муайян ва маҳдуд, ки зиёдтар мавриди назари шоир буда, тамаркуз намоем:

а) Ишқ ва эҳсосу авотифи ошиқона

Ишқ дар луғат ба маънои «шефтагӣ», «дилдодагӣ» ва «муҳаббати вофир ва беш аз ҳад» ва дар истилоҳ алоқаи шадиди инсон ба як шахс ва ё як шайро гӯянд, ки бо чашмпӯшӣ аз ҳар айб ва нуқси он, ин муҳаббат ба нуқтаи авҷи худ расида, бо тасхир ва фарогирии вуҷуд, роҳнамо ва ҳидоятгари одам гардад.

Ҳамчунон, ишқ маъхуз аз наботе ба номи ашақа (лаблоб / печак) буда, ки агар бар дарахте печад, онро хушк кунад ва ин вазъ ҳамсонии комил бар аҳволи ошиқеро мерасонад, ки агар ишқ бар ӯ ҷойгир шавад, саранҷом ӯро хушк ва рангашро зард гардонад.

Ишқ муҳимтарин отифаи инсонист, ки маънобахш ба зиндагӣ талаққӣ мешавад. Ишқи воқеӣ аз як тараф метавонад, манбаи шодӣ ва ризоият аз

зиндагӣ ва аз ҷониби ҳам аҳаммият додан, муроқиб будан ва ҳамоят аз дӯст, ҳамроҳ ва шарики зиндагӣ ҷомеа ва муъминбиҳӣ буда бошад, чун ишқ дар воқеъ, муҳаррик ва мутазаммини зиндагии гарму шод, барқароркунанда ва нигаҳдорандаи равобити маҳкам ва доимӣ бо мамдуҳ ва устуворкунандаи дарк ва фаҳми мутақобил миёни ҷомеа мебошад:

Халалпазир бувад ҳар бино, ки мебинӣ,

Магар бинои муҳаббат, ки холӣ аз халал аст [58, с.45].

Ё ишқ сӯзест, ки аз қалб сарчашма гирифта ва ба тадриҷ ба тамоми нуқтаҳои бадан интишор меёбад ва ба ҳамин далел гуфта шуда, ки ишқ ободкунандаи дил ва ё дил манзилгаҳи аслии ишқ ва муҳаббату меҳру отифа аст:

Дар диле набвад, муҳаббат он гил аст,

Ишқ дар дил буд, Ҳақро манзил аст.

Дар ҳақиқат манзили Ҳақ аст, дил

Каъба он ҷо ҷӯи оби салсабил [14, с.115 ].

Ба қавли Ҳоқонии Шервонӣ:

Ишқ меҳмони дил асту ҷону дил меҳмони ту,

Ман дилу ҷон пеши меҳмон даркашам ҳар субҳдам [57, с.391].

Ва ё ишқ ҳамчун оташе аст, ки чун ба ушшоқ расид, саросари вуҷуди ӯро беқарор ва шуълавар месозад, чун дар он лаҳза ҳама неруҳои гуногуни ақлонӣ, отифӣ ва ғаризии ӯ ба як неру табдил шуд, ки ӯ неруи ишқ аст. Пас, неруҳои мухталифи мавҷуд ва мутабориз дар вуҷуди инсон ба сони шуъбаҳои як рудхонаи азим аст, ки бар тибқи ниёзмандиҳои сарзаминҳои гуногун дар ҷӯйҳои мухталиф ба роҳ меафтад. Мусалламан, агар тамоми ин шуъабот ва шохаҳоро дар як масир мутароким намуда, савқ диҳем, ҳам аз яктараф замин мехушкад ва ҳам ин яке туғён мекунад. Ба ҳамин хотир Томас Карлойл - нависанда ва файласуфи машҳури шотландӣ, бе парво ба ишқ тозида ва эътиқод дорад, ки ишқ танҳо як навъ ҷунун нест, балки таркибе аз чанд навъи ҷунун аст.

Коперник донишманди маъруфи фалакии Лаҳистонӣ дар таҳқири худ ҷониби ишқро каме нигоҳ дошта ва мегӯяд:»Ишқро агар як навъ ҷунун надонем, лоақал усорае аз мағзҳои нотавон аст».

Ҳамандешони Николас Коперник дар ҳавзаи тафакуроти марбут ба худашон ишқро гунае аз як ҷаҳиши саркаши дарунӣ пиндошта, ки дар масири ҳаракати худ ҳеҷ маҳдудияти қонунӣ, қайд ва қуюд ва масолеҳу арзишҳои иҷтимоӣ ва ахлоқиро намепазирад.

Расвои оламе шудам, аз шӯри ошиқӣ,

Тарсам Худо нахоста расво кунам туро[54, 3].

Аммо донишмандони зиёди дигаре дорем, ки бархилофи Коперник ва амсолашон ишқро меъмори олам, саодати ҷовидон, ҷомеи камолот, охирин пояи муҳаббат, омили тавоноии руҳ, сабаби нишот ва асосу мояи зиндагии башар медонанд ва бовар доранд, ки ишқ бисёр майдони васее дорад.

Ишқ майдони бисёр васее дорад ва фақат алоқа ва дилбастагӣ ба ҷинси мухолифро намерасонад. Дар доираи васеи ишқ метавон ишқ ба Офаридгор, ишқ ба зиндагӣ, ишқ ба мардум, ишқ ба меҳан, ишқ ба озодӣ ва адолат, ишқ ба илму дониш, ишқ ба қудрат ва макнат, ишқ ба молу сарват, ишқ ба зебоиҳои табиату хилқат ва ишқ ба дигар арзиш ва падидаҳоро дошт ва бо ин ишқ ва ҷазаба ба ҷилав рафт:

Ишқ аст, ҳаёти ҷовидонӣ,

Сармояи айшу комронӣ.

Гар ишқ набуд, худ набудӣ,

Ҳаргиз на замин, на осмонӣ [42, с.154-155].

Дар як таъбир гуфта мешавад, ки тамоми ҳаракот ва саканот ҷӯшу хуруши ҷаҳониён ва олами ҳастӣ бар бунёди ишқу алоқаву муҳаббат устувор аст.

Ба гуфтаи Гёте ишқ афсари зиндагӣ ва саодати ҷовидонист ва ин Ибни Синои Балхӣ дар як сатри кӯтоҳ, аммо бисёр бомаъно, нисбат ба ишқ чунин дидгоҳе дорад: «Агар пои ишқ дар миён намебуд, ҳеч падидае ба вуҷуд намеомад ва ҳеч мавҷуде ҳастӣ намеёфт».

Сардафтари олами маонӣ ишқ аст,

Сарбайти қасидаи ҷавонӣ ишқ аст.

Ҳар он ки хабар надорад, аз олами ишқ,

Ин нукта бидон, ки зиндагонӣ ишқ аст [ 55, с. 34].

Гарчанд имрони хонаи дил, сайқали руҳ ва равону гузар ба олами маонӣ, бо як навъ ишқу муҳаббат ва азму иқдоми бартари ошиқона ва эҳсосоти афиф ва пурҳарорат оғоз мегардад, аммо нуқтаи бадвии ин ишқ ҳамвора даргирӣ ва печидан ва дилбастагӣ ба хубӣ ва зебоиҳои олами заминӣ будааст. Нуқтае, ки ҳар одамзоде, бахусус қаламбадастону бузургони арсаҳои илму адаб аз ҳамон нуқта оғоз ва идома намудааст.

Дар ин ҷойгоҳ бовар бар ин буда, ки ишқи маҷозии нафсӣ дар воқеъ ҳамон ишқи афиф ва пок, ба мазоҳири зебоиҳо ва шукуфтаҳои хилқат аст, ки сабаб мешавад, то инсон аз пояи ин ишқ ба пояи ишқи ҳақиқӣ бирасад. Яъне, муттакӣ бар асаре, ки омада аст: «алмаҷозун қантаратул ҳақиқа»-ишқи маҷозиро пули расидан ба ишқи ҳақиқӣ дониста, зебоиҳои табиату хилқатро мазоҳири ҷамолу зебоии Худованди мутаол мепиндоштанд. Ба фармудаи Саъдӣ:

Ба ҷаҳон хуррам аз онам, ки ҷаҳон хуррам аз ӯст,

Ошиқам бар ҳама олам, ки ҳама олам аз ӯст [48, 689].

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ низ шахсияте, ки дар идомаи зиндагиаш низ чунин мароҳилеро паймуда, бар ҳамин поя гом гузоштааст. Ӯ дар ибтидои навҷавониаш аз такбайт, рубоӣ ва дубайтӣ шуруъ ва дар марҳилаи ҷавонӣ ва пас аз он ба гунаи тадриҷӣ гарданаҳои зиёдеро аз таҷриба, озмоиш ва ризоият тай намуда, дар марҳилае дар он ҳудуде аз фаҳм ва дарку биниши баланд мерасад, ки ба таҳлил ва таҷзияи масоили печидаи ирфонӣ мепардозад ва барои шахсе, ки саводи ибтидоиро аз фомилу таҷоруб ва дигар фаровардҳоро аз мактабхонаи зиндагӣ омӯхт, воқеан бояд офарин гуфт, ки чи гуна ӯ тавонистааст, бар ин ҳудуд маълумоти зиёд ва падид овардани осор иҳота ва тавфиқ дошта бошад.

Ба ҳама аҳвол, Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ аз оғози мароҳили навҷавонӣ то давраҳои қавом ва ҷавонӣ дар ҳамсонӣ бо аксари шуаро ва гӯяндагон, бисёр

пурсӯз ва ошиқона сурудааст ва ба ҳамин ҷиҳат аксарияти қариб ба иттифоқи ду маҷмуаи ғазалиёти эшонро ашъори ошиқона ташкил медиҳад.

Сим аст танат, барги гули ёсуман аст, ин,
Ё ғунчаву ё тунги шакар ё даҳан аст, ин.
Рӯят ба ҳақиқат, ки бувад панҷаи байзо,
Чин аст ё зулфи ту мушки Хутан аст, ин.
Абрӯи ту эй шух камон аст ва ё теғ,
Мижгони ту ханҷарзану новакфиган аст, ин.
Чашмони ту ҷодуст на барҳамзани имон,
Ошиққушу бераҳм ва ё роҳзан аст, ин.
Лаъли лабат эй дӯст маро ҷони азиз аст,
Ин чашмаи нур аст на чоҳи зақан аст, ин.
Гардан чи кашӣ дар сафи хубони сухандон,
Алҳақ ба сухан тӯтии шакаршикан аст, ин.
Тубост қадат ар-ару ё шохаи шамшод,
Ё нахли мурод аст, зи сарви чаман аст, ин.
Хуршедӣ ту ё Муштариву ё маҳи Нахшаб[1],
Ё шамъи Тароз аст аруси Адан[2] аст, ин.
Мерафт ба бустон ба манаш дид чунин гуфт,
К-ин дил шуда бал Нодири ширинсухан аст, ин [14, 50].

Яъне ҳамон гуна, ки сурудаҳои Ҳофиз моломол аз «маю соғар», «соқию пири муғон», «лабу дандон», «хату хол», «зулфу кокул», «гулу булбул», «буту бутхона» ва ғайра мебошад, ашъори ғазалии Сайид Нодиршоҳ Каёнӣ низ дар ҳамон масир афтодааст:

Хоҳам шавам эй дӯст ба дидор мушарраф,
Пеши ту шавам хонаи хаммор мушарраф.

---

1. Нахшаб ном шаҳр ҳаст, дар Мовароуннаҳр бисёр мақсуру зебо, ки дар фосилаи серӯза ва ё 15 километрии шаҳри Бухоро қарор дорад. Ташбеҳ бар ҷамъияти бисёр деҳот сафири неъмат ва бо киштu зури фаровон ӯро ба араби Насаф низ гӯянд. Нахшаб дар ин авохир ба Қурайшӣ низ маъруф гардида, чун наҳри Қурайш аз миёни он мегузарад.
2. Адан шаҳри соҳилиест, аз шаҳрҳои машҳур дар остон, ки бар соҳили дарёи Ҳиндустон воқеъ шуд ва вазъи тиҷоратии хубе дорад. Ин шаҳр, ки Сосули умдатан маҳали таҷаммуи тиҷори Ҳинд буду машҳуртарин ақлом содироти ин қаҳва ва марворид мебошад ва бар илова ин ки ба шаҳри Адан- турпарвар, маҳали луълуъ ва маъдани нуқра ва фируза гуфта шуда, ин калима ба ҳашт ҷаннат низ мешавад.

Мо муътакифи масҷиду бутхонаву дайрем,

Ҳар субҳ ба дарвозаи хаммор мушарраф.

Ошиқ ба хату холу ду зулфу камари ту,

Гардида бари оразй гулнор мушарраф.

Мо ҳиндуи холу хату зулфони сиёҳем,

Инак, шуда бо риштаи зуннор мушарраф.

Эй подшаҳи кишвари дилҳои парешон,

Бар даргаҳи лутфи ту парастор мушарраф.

Шоҳо, зи карам бар мани ранҷур назар кун,

Нодир шуда бо дидаи хунбор мушарраф [14, с.41].

Ва дар ҷойи дигар чунин суруда аст:

Суфӣ аз савмаа гӯ, хайма бизан дар гулзор,

Вақти он нест, ки дар хона нишинӣ бекор [14, с.48].

Дар ин ғазал вожаҳои «хаммор», «муътакиф», «масҷид», «бутхона», «дайр», «хату хол», «зулфу камар», «ораз», «холи ҳинду», «зулфи сиёҳ», «зуннор», «подшаҳ» ва ғайра аз маҷмуаи калимотеанд, ки дар девони ашъори Ҳофиз зиёд ба мушоҳида мерасад.

Ҳамчунон, калимоту вожаҳои «новак», «бут», «накҳат», «лаъл», «узор», «шоҳид», «мутриб», «қадаҳ», «майи ноб», «муҳтасиб», «қудс», «ғамза», «пири муғон», «боди сабо», «хилватгаҳ», «яғмо», «саҳаргаҳ» ва ғайра, ки дар лобалои ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ омадааст, вожаҳои чашмошное ҳастанд, ки дар девони он Ҳофизи Шероз ҷойгоҳе муайяне доранд.

Илтифот ва таваҷҷуҳи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ нисбат ба Ҳофиз дар он ҳаддест, ки ҳатто мухаммасе бар ғазали ӯ навиштаст, ин ҳам чанд банди он:

Бастаам дил ба сари зулфи яке раъное,

Дилбари сарвқаду ишвагари зебое.

Ҷуз сари кӯи бутон нест, маро маъвое,

«Дар ҳама дайри муғон нест чу ман шайдое.

Хирқа ҷои дигару бодаву дафтар ҷое»,

Ҷонам аз ҳаҷри бутон бар дари майхона бисӯхт,
Тани мо хоки раҳи қомати он ёр накӯст.
Дили мо банд ба ҳар ҳалқаи он мӯй ба мӯст,
«Киштии бода биёвар, ки маро бе рухи дӯст,
Гашта ҳар гӯшаи чашм аз ғами дил дарёе».

Турки хунрез расидаст сарам теғ ба даст,
Мижааш тир кушояд ба дилам шаст, ба шаст.
Қадаҳи бода биёвар санамо бо мани маст,
«Сухани ғайр магӯ бо мани маъшуқпараст,
К-аз ваю ҷоми маям нест ба кас парвое».

Сунбули зулфи ту морест бувад бар сари ганҷ,
Қотили мост ду абрӯи ту дар дори сипанҷ.
Муҳра мебозаму ояд зи хадангат шашу панҷ,
«Наргис арлоф зад аз шеваи чашми ту маранҷ.
Нараванд аҳли назар в-аз паи нобиное»[13, с.119].

Вожаи сипанҷ ба манзалаи як хонаи муҳаққари ориятӣ, дар байте аз чеҳраи ҷаҳонии ҳамосасаро (Абулқосими Фирдавсӣ) чунин омадааст:

Ки гетӣ сипанҷ асту ҷовид нест,
Фари бартар аз фарри Ҷамшед нест [51].

Сайид Нодиршоҳ Каёнӣ илова аз сароиши ин мухаммас бар ғазали Ҳофиз ҷойе ба гунаи мустақим аз мақоми баланди шеър ва шоирии ӯ ёдоварӣ намудааст:

Хуш аст, шеъри ту ширинтар аз шакар Ҳофиз,
Навишта назми ту ҳар котибе ба зар Ҳофиз.
Насими субҳ ба ман бӯи ёр меорад,
Ки нест мисли каломи ту хушхабар Ҳофиз.
Нагуфта чун ту касе шеъри дилкашу рангин,
Марост ҳар ғазалат беҳтар аз гуҳар Ҳофиз.

Муяссар ар шавадам дар баҳои як мӯят,

Намедиҳам диҳадам чарх сар ба сар Ҳофиз.

Зи бас хуш аст каломи ту Нодир аз шафақат,

Наёбадаш, ки диҳад ҷой дар назар Ҳофиз [13, с.68].

Ашъор ва сурудаҳои ишқии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ки ҳосил ва зодаи ҷилваи шукӯҳ ва ҳадяи шигифтиҳои оламу одам буда, доманаи дарозе дорад, ки мо ба зикри нукоти фавқ дар замина, басанда намудем, аммо таҳлили бахши ирфонии ғазалиёти вай масъалаест, ки бояд ба таври мустақилонае ба он пардохта шавад.

б) Мадҳ дар ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ

Яке аз мавориде, ки ҷузъи мундариҷоти ғазали Каёнӣ ба ҳисоб меояд, ашъори мадҳии эшон аст, ки ҷудо аз ғазалиёти ишқии вай мебошад, гарчанд ба сурудаҳои ишқӣ низ мадҳ гуфта мешавад. Чун дар хилоли он саросар таъриф, ситоиш ва навозиши маъшуқ манзур ва малҳузи назар аст, ки ба он сухан, сухани мадҳӣ ва ба маъшуқ мақоми мамдуҳ дода мешавад.

Бо ин ҳол, мадҳ дар воқеъ аз ду ҳолат берун нест, яке мадҳи ихтиёрӣ ва дигар мадҳи икроҳӣ. Дар мадҳи ихтиёрӣ ҳар соҳибсухане бо майлу рағбат ва бо хости дили худ мамдуҳ ва тарафи муҳаббаташро мавриди ситоиш қарор медиҳад ва он чи дар дилу фикру зеҳн дорад, барои навозиш, тарғиб ва ҷалби таваҷҷуҳи ӯ нисор менамояд. Аммо мадҳи карҳӣ (икроҳӣ) ва ё ҷабрӣ, комилан, ғайриихтиёрӣ аст, чун гӯяндаи он кадом иштиёқу майли даруниву ботинӣ нисбат ба шайъ ва ё шахси тарафи суханаш надорад, вале бинобар зарурат, ҳолоти махсус ва иқтизои шароит, ба ночорӣ ва дилнахоҳӣ даст ба навиштани таориф ва ситоишномаҳо мебаранд.

Пас, ҳамон тавр ки арз кардем, дар ин маҳал ба ашъори ихтиёрии вай, ки муноҷот, наът ва таорифу тавосифи мамдуҳ ва маъшуқаро эҳтиво мекунад, дахолате наменамоем ва фақат ба ғазалиёти тавсифии шоир мепардозем, ки бар пояи зиракӣ ва тадбири сиёсӣ, дар манқабат ва ситоиши теъдоде аз бузургон ва ҳукмравоёни даврони зиндагии худаш сурудааст, мисли мадоеҳе дар мавриди Муҳаммад Зоҳирхон – шоҳи собиқи Афғонистон ва писарашон Аҳмадшоҳҷон,

амир Ҳабибуллохон – падари Амонуллохон, Муҳаммад Нодирхон волиди Муҳаммад Зоҳиршоҳ, вазири ҳарбӣ шоҳ Маҳмудхон амуи Муҳаммад Зоҳиршоҳ, садри аъзам Муҳаммад Ҳошимхон – амуи дигари шоҳ ва ғайра афроде, ки дар радифи ғазалиёташ дар ду маҷмуаи шеърӣ («Паёми Шимол» ва «Девон»)-и вай ба чоп расидааст.

Яке аз арсаҳо ва майдони бузурги имтиҳон, нависандагон, донишмандон, суханварон ва муфаккиронро, ҳифзи руҳияи матонат, устувориву истиқомат дар баробари ҳуккоми золиму ҷаббори замон аст, ки дар қайди як муддати кӯтоҳ бо мурури таърихи адабии муосири кишвар, теъдоди ангуштшуморе аз уҳдаи ин амр комёб баромадааст, мисли шоири фарзона ва мардумии Тахористон Абдуллоҳ Орифи Чоҳобӣ, ки танини садои пои вожагони ашъори интиқодӣ ва инқилобиашон то ҳанӯз қулубу гӯшҳои зиёдеро менавозад:

Бар ҳар тараф, ки ҳокиму кутвол рӯ кунанд,
Аввал ба хуни гарми заифон вузу кунанд.
Ҳар ҷо чу ман фалакзадаро ҷустуҷӯ кунанд,
Бо сад баҳона теғи ситам дар гулу кунанд.
Бар дасти ҳар разил ҳамон гурзи Рустам аст,
Рӯзи Чаёб сахт парешону дарҳам аст.
Сад рӯзи бад ба ҳоли парешон намерасад,
Аз заъф нолаам ба Бадахшон намерасад.
Фарёди мо ба гӯши ҳукмрон намерасад,
Дасти ғариб ба домани султон намерасад.
Нахли умеди мо ҳама ҳамчун камон хам аст,
Рӯзи Чаёб сахт парешону дарҳам аст [59, с.401-402].

Бо васфе, ки Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ аз собиқаи рӯзгори табъиди падараш Сайид Гавҳархон ба Кулоб (аз тавобеи Бухорои Шарқии вақт) медонист, саргардонӣ, парешонӣ ва ҷобаҷоиҳои худ ва хонаводаашон дар дохили кишвар ва аз табъиди муҷаддадашон ба вилояти Қандаҳор ба дасти амир Ҳабибуллохон падари Амонуллохон ва аз маҷмуи мазолим ва бархурдҳои ситамгаронаи ҳуккоми собиқ, дар баробарашон огоҳии комил дошт, чи гуна

метавонад чунин ашъореро дар васф ва таърифи бархе аз он умаро ва ҳукмронон ба иншо дароварад?!

Аммо ба посухи ин ногузирии вай пештар ишорае доштам, ки умед аст, тарафи қаноати хотири дӯстон қарор гирад!

Ӯ дар мадҳи Амир Ҳабибуллохон[1] волиди Амонуллохон чунин сурудааст:

Расид мужда маро дӯш зи иттиқони сурӯш,

Сироҷи миллати динрост давр, бода бинӯш.

Бувад зи умри ҷавону зи бахт бархурдор,

Зи ҷуд, Ҳотами Тайро намуда ҳалқа ба гӯш.

Шаҳи музаффару мансур, одилу хушрой,

Алиму олиму исломро бувад сарпӯш [13, с. 61].

Вуҷуди калимоти ситоишӣ дар ин се байти Сайид на танҳо кадом робитае ба шахсияти зотӣ ва амалии Ҳабибуллохон надорад, балки гоҳе табассумзо буда, хилофи онро бар азҳон талқин менамояд, ту гӯйӣ, ки вай дар ин масореъ баръакс, истеҳзо ва таҳқир гардида бошад.

Шоир дар сафҳаи 118-и «Девон»-и ашъораш, дар мавриди Муҳаммад Нодирхон, падари Муҳаммад Зоҳиршоҳ, ин мадҳияро дорад:

Шоҳи хубонам ба сар дорад ҳавои Нодирӣ,

---

[1] Амир Ҳабибулло – машҳур ба сироҷулмиллат ва дин, фарзанди амир Абдурраҳмон пас аз масмум кардан ва қатли падар (зикршуда дар сафҳаи 699-и китоби «Афғонистон дар масири таърих», навиштаи Ғулом Муҳаммади Ғубор) бар сарири қудрат нишаст. Дар муддати 18 соли салтанати худ, ки бетардид як давраи нимабоз, бекашмакаш ва амне буда, ба ҷуз яке ду боби мактаб ва як ҷилд китоб ва нашрияе дигар ҳеҷ дастоварде надорад!
Ҳабибуллохон ба унвони меросдори қудрат ва ҳокимияти падар чун худро ҳамвора дунболарави сиёсат ва равишҳои падар нишон медод, дар соли 1905 ба таъсир аз муоҳидаи сарҳадии Дюранд мувофиқатномаеро бо инглисҳо имзо ва худро муқайяд ба иҷрои он муоҳида донист.
Амир Ҳабибуллохон пас аз ин ки худро ба ҳайси як зимомдори муқтадир ва фоъили мухтор эҳсос намуд, бо ғурур ва такаббур ҳамчун падар иддиои доштани аҳкоми Худой намуда ва дастур дод, то кутуб ва рисолоте дар заминаи лузуми итоати бечунучаро аз ӯ ба чоп бирасад. Амир дар ҷараёни иҷрои умур худро фақат дар баробари Худо (ҷ.) ҷавобдеҳ медонист ва мегуфт, ки: амиршоҳӣ ва пайғамбарӣ чун ду нигин дар як ангуштариянд ва дасти худро дасти Худо медонист.
Амир Ҳабибулло аксар корҳои мамлакатро ба бародараш сардор Насруллохон ва писараш Иноятуллохон вогузошта ва худ аксаран ба шикор, варзиш ва тафреҳ мепардохт.
Муҳимтарин вежагии амир тарвиҷи фасоди ахлоқиву молӣ буд. Ӯ ба манзури хушгузаронӣ ва айёшии бештар аз яксад зани зебо ва ба ривояте то чаҳорсад зан ва духтарро ба василаи афроди ҳукуматии худ аз Нуристон ва сойири нуқоти кишвар гирдоварӣ ва дар ҳарамсарои худ нигаҳдорӣ менамуд ва аксаран худ низ дар ҳамон ҳарамсаро мегузаронид ва пуле, ки аз бобати вазъи молиёти сангин аз мардуми бечораи он замон ҷамъоварӣ мегардид, аксаран барои мустамарриҳои хонавода, меҳмониҳо ва маҷолиси айёшӣ ба масраф мерасид.
Саранҷом, ин амири айёш, доимулхамр ва мустабид мавриди хашми писараш Амонуллохон ва сойири аъзои ҳизби Сарии миллӣ, ки реша дар ҳастаи машрутахоҳони дарбор дошт, қарор дар натиҷаи иттихози як барномаи муназзам ба таърихи 21.2.1919-и мелодӣ, ҳангоми сафари шикор дар Каллагӯши вилояти Лағмон мавриди ҳамла қарор гирифта ва ба қатл расид.

Шавкату шони шаҳӣ дорад адои Нодирӣ.

Месазад тоҷи камар, эй хусрави даврон туро,

Рост ояд дар барат, ё Раб қабои Нодирӣ.

Ин ғазал дар мадҳи Нодиршоҳи ислом асту бас,

Бо ғарибон мекунад лутфу атои Нодирӣ.

Ҳар куҷо бошад фақиру муфлису афтодаро,

Дастгирӣ мекунад дасти расои Нодирӣ.

Соҳиби хулқу диёнат дар шуҷоат нодир аст,

Ғозии кишварситон дорад ливои Нодирӣ.

Давлати ислом қоим аз дами шамшери ӯст,

Карда дар Афғонситон бас корҳое Нодирӣ.

Аз Худо мехоҳам, эй шоҳ давлатат поянда бод,

Бо ту мезебад мар-ин тоҷу кулоҳи Нодирӣ.

Дар Каён Нодир зи ҷону дил дуогӯӣ кунад,

Бар давоми давлату умру бақои Нодирӣ [13, с.118].

Дар ин мадҳия дида мешавад, ки Муҳаммад Нодирхон машҳур ба Нодири Ғаддор, ҷаллод, қуръонхӯр ва тааҳҳудшикан, ба калимоту таркиботе чун «шоҳи хубон», «шавкату шон», «хусрави даврон», «Нодиршоҳи ислом», «дасти расо», «соҳиби хулқу диёнат», «ғозии кишварситон» ва ғайра, ки ба ҳеч ваҷҳи миналвуҷуҳ сазовораш набуда, эъзозу икром гардидааст.

Ҳамин гуна, дар шеъре Муҳаммад Зоҳирхон1 – шоҳи собиқи Афғонистон чунин тавсиф гардидааст:

Шаҳо, кушоиши бахти ту рӯзафзун бод,

Ҳумои шаъну ҷалоли ту маймун бод.

Бувад, ки хусрави иқбол дар рикоб кашӣ,

Дароварида ба ақди ту духти гардун бод.

Ҳамеша кавкаби бахти ту шуд ҳумоюнфол,

Адуи ҷони ту ҳар к-ӯст, ғарқа дар хун бод.

Ситода тавсани нусрат ба зери зини мурод,

Зи зарби суми сутурат хамида омун бод.

Гадои кӯҳи туро нест рӯзи ҳашр ҳисоб,

Ҳар он ки хасми ту бошад, зи хулд берун бод.

Надида чашми ҷаҳон чун туаш муборакпай,

Рухат зи соғари тавфиқи адл гулгун бод.

Ба кишвари ту гадоён зи адл мамнун аст,

Кунун зи молу маноли замона мамнун бод.

Назар кунӣ ба ғарибони шаҳр мустағнист,

Зиёда бод варо молу давлат афзун бод.

Басо ба қуръаи тавфиқи шоҳ менигарам,

Сикандар аст, хушо толеаш ҳумоюн бод.

Ба васфи рӯи туам, тавсани сухан ланг аст,

Ғуломи ҳиматат, эй шоҳ сад Фаридун бод [13, с.31-32].

Аммо, бархилофи он чи дар ин тавсифнома омадааст:

Муҳаммад Зоирхон на хусрави иқболеро дар рикоб мекашонид ва на духти гардунро ба акд. На кавкаби бахти ӯ ҳумоюнфол буд, на адуи ӯ ғарқа ба хун, на тавсани нусрати ӯ ба зери дини мурод буд, на зи зарби суми сутураш хамида омӯн. На гадои дари ӯ рӯзи ҳашр беҳисоб аст ва на душмани ӯ аз биҳишт берун, на ӯ муборакнасаби надида чашми ҷаҳон аст ва на ба сони соғари тавфиқи адл, рухаш гулгун, на гадоёни кишвараш мамнуни ад ласт ва на мамнуни молу манол. На ғарибони шаҳраш аз набард кардани шоҳ мустағнист ва на молу давлаташон афзун. Ва ҳамчунон на тавсани сухан ба васфи рӯи ӯ ланг мешавад ва на сад Фаридун ғуломи ҳиммати вай…Балки Муҳаммад Зоирхон кӯчактар аз он аст, ки дар ин сурудаи зебо ба таърих ва ситоиш гирифта шудааст.

Ҳамин тавр, гуфторҳое дар ситоиши Шоҳ Маҳмудхон – вазири ҳарбӣ, Муҳаммад Ҳошимхон-садри аъзам, Аҳмадшоҳҷон – писари аршади Муҳаммад Зоҳирхон ва ҳам дар васфи Муҳаммад Ғафсхони ноибсолор дар маҷмуаҳои ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба чоп расида, ки аз нақли онҳо ба далели татвили навиштор сарфи назар менамоем.

Бо ин ваҷҳ, боз ҳам пурсише ба миён меояд, ки Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бо вуҷуди доштани дараҷаи раҳбарӣ, киёсату сиёсат ва он ҳама маълумоту

огоҳиҳои лозим, чӣ гуна ҳозир шуд ва ба худ иҷоза дод, то бо таҳрир ва тадвини чунин ашъоре шаъни худро ба дараҷаи таҳаммул, тамкин ва сукут назди он ҳукмронон таназзул бахшад?

Аз назари мо ду омил сабаби таназзул ва кӯтоҳ омадани шоир дар заминаи сурудани мадҳия унвонии ин ҳукком гардидааст: яке мавҷудияти шароити душвор ва хафақонолуди ҳамон вақт ва сохтану вифқ додани худ ба ҳамон шароит ва дуюм нишон додани бехатарӣ ва безарарӣ ба ҳукком аз нишонии худ, ки гӯё онҳо аз ин ҷойгоҳ ҳаргиз мутазарар нахоҳанд шуд. Масалан, ин мақтаъ, ки дар зайли мадҳияи вазири дарбор Аҳмадшоҳхон омада, гӯёи ҳамин манзурамон аст:

Манам, ки ҳар ду ҷаҳонамро ба гӯшае надиҳам,

Набинӣ ҳамчу мане ҳеч гӯшагири дигаре [14, с.34].

Афзун бар ин тақия ва махфӣ кардани мақсуд ва маром аз ағёр ва номаҳрамон низ яке аз усули ақоиди ташайюъ мебошад, аз ин рӯ, метавон сароиши ин қумош ашъори мадҳии ғайридилхоҳро ҳамчунон дар зумраи асбоби тақия ба ҳисоб овард.

в) Шикоят аз ҷабри замон

Шоирон, дар маҷмуъ ва ба вежа шоирони ҳадафманд ва мардумӣ руҳи ҳассос ва асарпазире доранд ва ҳамвора дар баробари кӯчактарин бархӯрд ва рӯйдоде аз худ вокуниш нишон медиҳанд.

Даврони зиндагии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ низ чунон пурвақоеъ ва пурҳаводис ва дорои пастиҳову баландиҳост, ки бо васфи тасомуҳ ва хомӯшӣ ва ҳатто сурудани ашъори мадҳӣ, ки пештар ба он ишора рафт, боз ҳам ӯ натавонистааст, дар баробари ноҳинҷорӣ ва номулоимоти ҳамон рӯзгор хомӯшӣ ихтиёр кунад. Аз ин ҷиҳат, мавзеъгириҳои ҳаҷвӣ, интиқодӣ ва шикваии вай аз ҷавру ситами замон, фасоди дафтарӣ, беадолатӣ ва ҳақталафӣ, ки дар ашъораш ошкор ва мутабориз аст, қобили дид ва таваҷҷуҳ ба назар мерасад.

Ҷое аз ҷавру истибдод ва аз бемурувватӣ, бешафқатӣ ва аз белутфӣ ва бераҳмии золимон ва хоинони замон забони шиква ва шикоят боз намуда, дар як калима ба онон «сагони даҳр» хитоб менамояд:

Оҳ, аз ҷаври замон, бингар, ки чунам кардаанд,

Бемурувват, золими хоин забунам кардаанд.

Шафқату лутфу вафову раҳм ин ҷо расм нест,

Беқарор, ошуфта бесабру сукунам кардаанд.

Чун кунам бо ин сагони даҳр, ё Раб лутф кун,

Ончунон ошуфтаам, дил пур зи хунам кардаанд [14, с. 34].

Замони зиндагии шоир, ки бештар давраи зимомдории Муҳаммад Зоҳирхон – шоҳи собиқи кишварро дар бар мегирад, мо аз як тараф як миллати бечораву фақир дорему аз ҷонибе як низому идораи фосид. Шоир дар сурудае бо дардмандӣ ва хунҷигарии хосе, парешониву мустамандии раият, бемуболотии шоҳ ва хунхории ҳокимонро ингуна ба тасвир мекашад:

Дили дар хун тапидае дорам,

Қади аз ғам хамидае дорам.

Мебарад сели ашк мардумро,

Ҷони бар лаб расидае дорам.

Шоҳро чашм бо раият нест,

Аз шикоят ҷаридае дорам.

Ҳокимон аждаҳои хунхоранд,

Хабари наврасидае дорам.

Ашки хунин равон бувад аз халқ,

Гарчи домони чидае дорам [14, с. 45].

Бо васфи мавҷудияти як ҳолати зоҳиран орому амн дар он замон, ҷабру истибдоди низоми ҳоким дар он ҳадде буда, ки шоир ҳатто ҳини таҳрири суруди ошиқона, эҳсоси баланди мардумиашро идора карда натавониста, дар зимни он чунин овардааст:

Занам ҳол аз тағобун даст бар даст,

Ду чашмам баста хун чун шохи марҷон.

Набигзорад кунун кунҷе ғунудан,

Раису ҳокиму ин қавми шайтон.

Наосоям замоне бо дили шод,

Ба чашмам рӯзи равшан чун шабистон.

Харон фармонравоӣ мекунандам,

Дарад з-ин ғам хирадмандон гиребон [14, с. 52-53].

Авзои дарҳаму барҳам, ҳолати зору муҳтоҷиву дарду алами мардум, бехабариву бетафовутии шоҳ, ғадру хиёнату чаповули амволи халқ ва комравоии иддае аз ҳукуматиён ё ҳукуматчиёни он вақт шоирро ончунон озор ва азият кардааст, ки ӯ бетаҳаммул аз ин саҳна ҳозир аст, ҷон диҳад, вале зинда набошад. Ӯ дар баёни шево, ки пештар таҳти унвони «Сохту таркиботи ғазалиёт» низ ба баҳс кашида шудааст, ин гуна мефармояд:

Дило, зи ғуссаву андуҳи рӯзгор бимир,

Дило, зи кашмакаши ҷаври кордор бимир [14, с. 35].

Миёни осори адибон, шоирон ва сухансароён дар таърихи муосир он чи зиёдтар мавриди таваҷҷуҳ ва тарафи алоқаи мардум қарор мегирад, ки ваҷҳи интиқодӣ ва ҳаҷвӣ дошта бошад, пас фишурдаи тавзеҳоти боло ҳавли мувоқифи интиқодии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар баробари нобасомонӣ ва мазолими он вақт, бетардид таваҷҷуҳоти ом, ба хусус таваҷҷуҳи муҳиббон ва ошиқони Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва мутолиакунандагони ин асарро дарбар хоҳад гирифт.

г) Тавозуъ ва фурутанӣ

Яке аз сифоти бузурги одамизод, ба вежа ононе ки муъмин ва баҳрамандӣ аз илму дониш доранд, тавозуъ ва фурӯтанист.

Фурӯтан бувад ҳушманди гузин,

Ниҳад шохи пурмева сар бар замин [48, с.249].

Ва ё ба қавли Соиби Табрезӣ:

Фурӯтанист далели расидагони камол,

Ки чун савора ба манзил расад, пиёда шавад [50, с. 698].

Фурӯтанӣ, шикастанафсӣ ва хоксории ҳамвора ба гарданфарозон зебандаву некӯст ва сабаб мешавад, то иззату ваҷоҳат бор оварад ва одамро ба анзори дигарон гиромӣ ва муаззаз гардонад.

Тавозуъ зи гарданфарозон накӯст,

Гадо гар тавозуъ кунад, хӯйи ӯст [48, с.159].

Гоҳе ҳам таҳаммулу бурдборӣ ва гузашту афв ба мақулаи фурӯтанӣ ва шикастаҳолӣ бисёр қарин ва наздик аст, шоири гумноме фармудааст:

Таҳаммул пеша кун, эй дил зи пастӣ рифъате ёбӣ,

Замин дорад шараф бар Осмон аз бурдбориҳо [48, с.160].

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба ҳайси як шахсияти бузурги адабӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ чеҳраест аз ҳамин силк, ӯ сулук ва равиши фақиронаву дарвешонаро нисбат ба ҳар шева ва сулуки дигаре тарҷеҳ медиҳад:

Фақирам, хирқаи пашмина дорам,

Вале меҳри буте дар сина дорам.

Зи пашми меш дорам хирқа дар бар,

Дилам бошад ба нури Ҳақ мунаввар.

Кафи хокам, нагӯям нури покам,

Зи худ огаҳ фақири дарднокам [25, с.2].

Шикастаҳолӣ, хоксорӣ ва фақирии шоир дар гуфтори маънавиву ирфонии зер ба хубӣ ҳувайдост. Ӯ дар ин шеър худро «ошнои хуб», «бедил», «мутаваккил», «фидоӣ», «фақир», «бериё», «гунаҳкор», «шармандаи лутф» ва «рӯсиёҳ» муаррифӣ намуда, бо изҳори ин вожаҳои дӯстона мерасонад, ки ӯ як фақири динудонишбохтаи роҳи ишқ ва як фидоии даргоҳи Холиқи ҳастӣ аст:

Бибозидаам дину дониш ба ишқат,

Ба ушшоқ чун ман фидоӣ наёбӣ.

Фақирам, на динору дину на машраб,

Зи ман ҷуз ҳақиқат риёе наёбӣ.

Гунаҳкору шармандаи лутфи Ҳаққам,

Ба олам чу ман рӯсиёҳе наёбӣ.

Ба чашми дилам гар зи таҳқиқ бинӣ,

Бути ман ба ҷуз худ, Худое наёбӣ [14, с. 58].

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар ғазали дигаре кисвати фақрашро бар тоҷи шоҳӣ арҷаъ шумурда ва бо муддао қарор додани висоли дӯсти ҳақиқӣ, бо як инкисори аҷиб бар ҳама моддиёт ва молу матои дунёӣ пушти по зада ва

парвариши девонагунаи ишқи мамдуҳашро чун ҳазрати Ҳофиз, дар доманаи як кӯҳсоре сазовор медонад. Ӯ мегӯяд:

Тоҷи шаҳе ба кисвати фақрам намедиҳам,

Исломи майфурӯшаму зуннор боядам.

Мо ҷуз висоли ёр надорем муддао,

Дарде кашему хонаи хаммор боядам.

Мо ошнои дирҳаму динор нестем,

Девонаему домани кӯҳсор боядам [14, с.49].

Ҳофизи Шерозӣ ҳамчунон фармуда буд:

Аз дари хеш Худоё ба биҳиштам мафирист,

Ки сари кӯҳи ту аз кавну макон моро бас [58, с. 269].

Гирифторӣ ва таваҷҷуҳи бештар ба умури дунявӣ, ки одамро аз умури динӣ ва ухравӣ боз бидорад, аз назари Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ гуноҳ шумурда мешавад:

Гар дар замона сахт гирифтор будаме,

Дорам басе гуноҳ, чи мурдор будаме [14, с.58].

Ҳамчунон бовар дорад, ки агар дар ишқи мамдуҳаш бо ду дидаи хунбор ва аз бодаи ҷоми ишқаш саршор буда бошад, аз мавҷи баҳри гуноҳ ва маъсият ҳеч боке надорад:

Фардо зи баҳри маъсиятам ҳеч бок нест,

Дар ишқ гар ду дидаи хунбор будаме.

Он рӯз баҳри маъсиятам мавҷзан шавад,

Хоҳам зи ҷоми ишқи ту саршор будаме [14, с.58].

Шоир бо табъ ва хусусияти дарвешона ва қаландаронае, ки дорад, молу мулку имконотро орзу мекунад, ки кош, сабукбор мебудам. Чун ӯ эҳсос мекунад, ки молу давлату ҳастӣ аз як тараф гирифторӣ ва машғулият бор оварда, одамро то ҳудуде аз масири убудият ва бандагӣ боз медорад ва аз ҷонибе ҳар гоҳе имконоти кофӣ ва фаровонӣ кибр ва ғурур меофаринад ва хислати мардумӣ ва ангезаи хизматгузориро дар вуҷуди афроди ҷомеа заиф

месозад. Ба ҳамин манзур ӯ сабукборӣ ва камҷанҷолиро нисбат ба сангинбориву пурзарқу барқӣ бартар шумурдааст:

Бо молу мулку давлати худ кай кунам ғурур,

Лутфи Худост, кош сабукбор будаме [14, с.59].

Пас, ба сабаби мавҷудияти ҷавҳари тавозуъ ва фурӯтанӣ, аҷзу инкисор, сабру бурдборӣ, ҳилму гузашт, мардумдӯстиву хидматгузорӣ, муҳаббат ва меҳрварзиву ахлоқу муошираи хуб ва некӯ буд, ки Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба шуҳрат ва бузургӣ расид ва ба қулуби дӯстону иродатмандонаш русух ва нуфуз намуд:

Ҷаҳд дар тасхири дилҳо парди дилҳо ҷустан аст,

Зӯру зарро рабт маҳдуд аст бо жарфои дил [14, с.59].

**Хулосаи боби дуюм.** Боби дуюм, ки бо тавзеҳи сохт ва мундариҷоти ғоявии ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ оғоз мешавад, ҷамъан се фаслро фаро мегирад. Дар ин фаслҳо масоили сайри таҳаввули ғазал, сохту таркиб ва мавзуъу мундариҷоти ғазалиёти шоир мавриди баҳс қарор гирифтааст.

Дар фасли сайри таҳаввули ғазал, шиносоии ғазал, маншаи эҷод, соли эҷод ва таҳаввули тадриҷии он, муаррифии ғазалсароёни асрҳои мухталиф; дар фасли дуюм сохтору нишонаҳои забонӣ, орояҳо ва таркиботи ҳунарӣ дар осори шоир, ба вижа дар лобалои ду таълифи ғазалиёти эшон, бо зикри мисолҳо аз он таълифот нишон дода шудааст.

Фасли сеюм, ки дар мавриди мазуъ ва мундариҷаи ғазалиёти шоир баҳс мекунад, масоили гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дар он бозтоб ёфтааст, ба мисли ишқ ва авотифи инсонӣ, мадҳу ситоиш, шикоят аз ҷабри замон ва тавозуъу фурӯтанӣ бо овардани мисолҳо баррасӣ ёфтааст. Мурури боби дуюм ин натиҷаро ба даст медиҳад, ки оғози ривоҷи ғазал қарни шашум буда, ки тайи чандин аср шуарои бузурги ҳавзаи адабии форсӣ дар ин санъати шеърӣ табъозмоӣ кардаанд.

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ки дар замони худ низ дар радифи шоирони ғазалсарои Афғонистон қарор мегирад, ғазалиёт ва сурудаҳояш бархурдор аз андеша, тахайюл ва мазомини олӣ буда ва орояҳо, таркиботи ҳунарӣ ва анвои

саноеъи бадеӣ дар он ба мушоҳида мерасад ва ҳамин тавр рангорангии мавзуот, ба вижа ҳузури масоили ғиноӣ, ичтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ дар ғазалиёти вай ҷойгоҳи ӯро дар арсаи адабӣ ва сароиши шеър баланд бурдааст.

# БОБИ III.
# ХУСУСИЁТИ УСЛУБӢ ВА БАДЕИИ ҒАЗАЛИЁТИ САЙИД НОДИРШОҲИ КАЁНӢ

## 3.1. Забон ва тарзи баён

Дар боби қаблӣ дар ҳадди лозими баҳс ва таҳлил сурат гирифт, аммо акнун барои басту идомаи таҳқиқ бояд вежагиҳои услубӣ ва бадеии ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ мавриди мутолиа ва баррасӣ қарор гирад.

Услуб, ки дар луғатномаҳо, фарҳангҳо ва манобеи мухталиф маонии зиёде чун «роҳ», «равиш», «шева», «гуна», «сабк», «тарз», «тариқа», «сиёқ», «наҳва», «вазъ», «равия», «метод», «тавр», «минвол», «ҳинҷор», «манҳаҷ», «поя», «асос», «фан», «мақом», «дастгоҳ», «назм», «тартиб», «ришта», «роҳ», «унвон», «навъ», «раванд» ва ғайраро барметобонад, худ мерасонад, ки корбурди ин вожа густардагии зиёде дорад. Аз ҳамин нигоҳ адибон, шоирон ва сухансароён ҳар як дар осор ва офаринишҳояшон мутобиқ ба табоеъ, салиқа, ҷаҳонбинӣ ва тарзи диди хеш услуб ва шеваи хосаи худро ба кор бастаанд.

Истифода аз услуби ситоишӣ, таълимӣ, тамсилӣ, хитобӣ, эътирозӣ, интиқодӣ, истеҳзоӣ ва фаннӣ баҳрагирӣ аз фунуни адабӣ, санооти бадеӣ ва сойири аносири маънавӣ, ба шумули авотиф, хаёл, маонӣ ва андеша, аз ҷумла равиш ва равияҳоеанд, ки дар осори шуаро ва нависандагон ба зуҳур пайвастааст. Касе дар халқи осор, шеваи эҷоз ва кутоҳиву фишурдагиро меписандад ва дигаре шеваи татвил ва машруҳнигориро, баъзеҳо шеваи салосат, равонӣ ва вазоҳатнависиро дӯст доранд ва гурӯҳе бетахайюл ва отифаву андеша ва устураву самбул аслан ҳарфе надоранд.

Ба ҳама аҳвол, дар миёни ҳама услубҳо, услубулҳаким ва услуби муодила бештар корбурд дорад.

Услубулҳаким, яъне он чи бархилофи дид ва назари мухотаб аз ҷониби мутакаллим гуфта шавад. Услубулҳаким дар истилоҳи бадеъ ба гунаест, ки

мухотаб сухани мутакаллимро амдан хилофи манзур ва муроди ӯ таъбир кунад, монанди ин байти Саъдӣ:

Гуфтӣ зи хок бештаранд аҳли ишқи ман,

Аз хок бештар на, ки аз хок камтарем [48, с.481]

Ва аммо услуби муодила ба ду мисрои байти як шоир далолат мекунад, ки онро тавре ҳунармандона суруда бошад, ки дар зоҳири ҳар мисраи байт ҳеч гуна иртиботе дида нашавад, аммо бо диққат дарёфт гардад, ки мисраи дувум дар воқеъ тарҷумон ва ё мисдоқи мисраи аввал аст, масалан:

Айби покон зуд бар мардум ҳувайдо мешавад,

Мӯй андар шири холис зуд пайдо мешавад [50, с. 833].

Дар ин ҷо бо васфе, ки дар шакли зоҳирии ин ду мисраъ кадом наздикӣ мушоҳида намешавад, аммо ҳузури як ташбеҳи зариф мафҳуми мисраи дувумиро ба мисраи аввалӣ пайваст медиҳад.

Дар мисраи дувум шири холис ба одами поку беолоиш ва мӯйи афтода дар шир ба айб ташбеҳ шуда, шоир иддао дорад, ҳамин гуна, ки сурати муйи сиёҳ дар шири холис ба роҳатӣ ошкор мешавад, айбу нуқси мардумони пок ҳамчунон ба суръат ба мардум ва ҷомеа зоҳир ва намоён мегардад.

Гоҳе ҳам мумкин аст, абёте пайдо шавад, ки ҳар ду мисраи он аз ҳам мустақил буда, миёни мисраъҳои он ҳеч робитаи маъноӣ барқарор набошад, масалан, дар ин байти Мавлонои Балхӣ мебинем:

Фузуд оташи ман обро хабар бибаред,

Асир мебарадам ғам зи кофарам бихаред [4, с.347].

Аммо, бо баррасӣ, ки дар ашъору осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба амал омадааст, ин натиҷаро ба даст медиҳад, ки сабку қолаби сароишҳои мавсуф чун шуарои гузашта бештар қасида, ғазал, маснавиву қитъаву рубоӣ буда ва анвои адабиро дар ҳар сурату шакл ва услубе, ки худ хоста, ба кор бастааст, яъне барои ирояи паём ва манзураш ҳар шаклу қолабу вазнеро пазируфта ва ба кор бастааст.

Шеъри ӯ аз назари тасвирофаринӣ ва зебоишинохтӣ суннатитар, такроритар ва камороятар, аммо аз ҷиҳати дигаре чун мавҷудияти авотифи

рақиқ, баёни бетакаллуф, зебоиписандӣ ва ҳамчунон аз назари бериёӣ ва самимияти поки мардумӣ ва иҷтимоӣ аз мавқеияти баланде бархурдор мебошад.

Ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бо васфе, ки гунагуниву мазомини мухталифи иҷтимоиро дар худ дорад, вале руҳи диниву арзишҳои исломиву ахлоқӣ дар осорашон бештар аст, ба гунае, ки ин мафоҳими маънавӣ ва ахлоқӣ гоҳе ҳам аз ҳузури арзишҳои зебои бадеӣ ва ҳунарии шеъри шоир болотар ва фаротар меравад ва дар хилоли ҳамин буъди динӣ ва мазҳабӣ ашъор аст, ки гоҳе фунуни ҳунарӣ ва санооти бадеӣ гом пеш мениҳанд ва вожаҳову иборот дар назму наср сангинии маънавии худро ба намоиш мегузоранд.

Дар ин маҳал ҷо дорад, ки басту тафсили ин ароизро дар хилоли фусули баъдӣ ба баҳс бигирем ва осору ашъори шоир, ба вежа ғазалиёти эшонро аз назари забон ва тарзи баёну аз назари авзони шеърӣ, қофияву радиф ва хусусиёти бадеӣ ба баррасӣ ва таҳлил бигирем.

Яке аз мавориде, ки мунҷар ба ташхис ва шинохти дараҷа ва ҷойгоҳи асари як шоир ва нависанда мешавад, чигунагии гузиниш ва корбурди ӯ аз дастгоҳи вожагонии як забон ва роҳу шеваи баён ва истифода аз он забон аст, васила ва дастовези ки як гӯянда ва ё нависанда бо тасаллут бар он метавонад даст ба тасвирофаринӣ ва халқи осори адабӣ бизанад, аммо ин забон, ки дар воқеъ василаи ифҳому тафҳим ва ё расонандаи паём ва ҳадаф аст, умдатан се ҳолат дорад: забони илмӣ, забони ом – мардумӣ ва забони адабӣ.

Забони илмӣ, ки вежагиҳое, чун шаффофу сода будан, беҳошия ва бетакаллуф буданро дар худ дошта, аз таъкиду печидагӣ ва ибҳому орояҳои адабӣ ва ҳунарӣ дур мебошад, забонест, ки дар интиқоли мафоҳими илмӣ, дар навиштани китобу мақола, осори илмӣ ва таҳқиқӣ аз он истифода ба амал меояд.

Дар забони илмӣ, ки доираи вожагони хосе дорад, ҳам чиз бар пояи истидлол устувор буда ва дидгоҳу назараш мубтанӣ бар сидқу эътибор мебошад ва ҳар гоҳ бихоҳад ҳарфу назареро матраҳ намояд, бояд пеш аз он марҳилаи таҷриба ва озмоишро гузаронида бошад.

Забони ом (мардум) ба забоне итлоқ мешавад, ки мавриди истифодаи умумӣ буда, забони кӯчаву бозорро ташкил бидиҳад. Забони муҳовараи мардумӣ, ки ҳолати равшан будан ва вузуҳ, саррост будан, умумият доштан ва ҳам танзу зарбулмасалро дар доираи худ дорад, равзанаест барои шинохти ҳар ҷомеа ва меросҳои таърихиву фарҳангиаш, ки бо вуруд ва таҳқиқоти лозим метавон иттилооти лозим ва қобили таваҷҷуҳеро аз дошта ва фарҳангҳои ҳар як ҷавомеъ ба даст овард.

Ва аммо дар боби забони адабӣ – ин забон бархилофи забони илмӣ ва забони муҳоварай як забони ноҳамвор, печида, рамзолуд ва мухайял буда, аз он барои эҷоди осори адабӣ, мисли шеър, достон, қитъаоти адабӣ, намоишнома ва филмнома истифода сурат мегирад.

Забони адабӣ, ки мисли забони илм доираи вожагони хос дорад, дар коркардҳои адабӣ худ ҳамвора аз устура, самбул, саноеи бадеӣ, таърих ва ибдоот ва ибтикороти забонӣ баҳра мегирад.

Алии Ҳасан Пурҷонӣ дар мавриди нақши забони адабӣ дар амри тасвирофаринӣ ва таъину ташхиси сабк ва шеваи нигориши фардӣ чунин изҳори назар намудааст: «Яке аз таорифи сабк, навъи гузиниши вожаҳо ва иборот аст ва ин гузиниш мумкин аст дар (меҳвари ҷойнишинӣ) сурат гирад ё дар меҳвари ҳамнишинӣ» [107, с.115].

Бидуни шак, вожа ва иборот дар сохтмони як забон ҳайсияти хиштҳои девори як иморатро доранд, ки бо қарор гирифтан рӯйи ҳам, бинои он сохтмонро устувор, қавӣ ва пойдор нигаҳ медорад. Ҳамин тавр, пайваст шудан ва бофту талфиқи фаннии вожаҳо рӯйи ҳам омили шевоӣ, зебоӣ ва расоии сухани адабӣ мегардад.

Ин сифот ва вежагиҳое, ки аз забони адабӣ ва мардумӣ баршумурдем, дар кутуб ва осори манзуму мансури ба ҷо монда, Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ҳузури муайян дошта ва ба гунаи муносибаш аз он баҳрабардорӣ шудааст.

Бо ин васф, метавонем бигӯем, ки корбурди калимот ва вожаҳо дар осори шоир мутанаввеъ аст, яъне дар таркиби абёти бахши манзум ва ҷумалоту сутури осори мансури вай ҳам вожа, таркиб ва истилоҳоти гуфтории мардумӣ

дида мешавад, ҳам вожа ва таркиботи сараи адабӣ ва ҳамчунон вожаҳои ғайрипорсӣ.

Масалан, ин ҷумалот ва сутури нависанда мундариҷ дар китоби «Таърихи ғариб»-и ӯ, ки дар зайли унвон (Дар баёни шарҳи ҳолоти оқоёни марҳум) омадааст: «… Имрӯз ҳазрати Оғохон мисли Офтоб ба олам ошкор аст ва аз ҳар тоифаву ҳар қавму ҳар гурӯҳу ҳар қисми мардум бар онҳо иродат ва ақида доранд, чи аз мусулмон ва ҳинду инглис ва чиниву ҷопонӣ. Мумкин аз ҳар мазҳабу миллат панҷ хона ва даҳ хонаворӣ ё сад ё ҳазор кам ё зиёд барои саркор Оғохон ақида ва иродат доранд ва мурид мебошанд, чунон ба мисли онҳое, ки аз араб, турк ва ҳабашу зангиву румиву этониву афғонӣ ва тоҷику ҳазора мурид мебошанд. Ҳол, ки ин банда аз ҷониби онҳо болои мардум ба мансабии мукигарӣ (шайхиву бузургӣ) муқаррарам, ҳар тоифа ва ҳар қавм барои ман иродат доранд, чи афғону тоҷик ва ҳазораву узбек ва ҳиндуву туркман ва ҳар фирқа мебошанд. Ва ба Ҷалолобод афғонҳое ҳастанд, ки забони форсиро намедонанд, ба ғайр аз афғонӣ (пашту) лафзи дигаре аз худ доранд, ки ҳеч кас забони онҳоро намедонад, ҳеч ҷое нест, ки аз муридони саркор Оғохон набошад.... « [12, с.4-5].

Агар ба бофту сохтори ин ҷумалот ва вожаҳои ба коррафта дар матолиби боло нигоҳ намоем, мебинем, ки навиштори ҳозо бо вуҷуди доштани мафоҳим ва масоили сазовори дархур, орӣ аз аломоти ихтисорӣ буда ва рангу назму сохтори содае дорад, чунон сода ва салис, ки ҳар хонанда ва шунавандае ба роҳатӣ метавонад онро дарк кунад ва манзури худро аз он ба даст оварад.

Вожа ва калимоте чун: «ҳазрат», «оқо», «мисл», «ҷониб», «олам», «офтоб», «ошкор», «тоифа», «қавм», «гурӯҳ», «қисм», «мардум», «иродат», «мумкин», «ақида», «мазҳаб», «миллат», «хона», «хонавор», «сад», «мурид», «банда», «мансаб», «мукӣ», «муқаррар», «забон», «фирқа», «воҷибӣ», «тараф», «вақт», «фориғ», «таслим», «қарор», «фармудан», «шунидан», «нафар», «ҳеч», «баъзе», «лафз», «дарё», «мол», «тирамоҳ», «фасл», «муайян», «ҳосил», «касб», «назр», «пеша», «кор», «халифа», «доъӣ», «остон», «мавъид», ки баидтар аз забони гуфтории мардум аст, аз он ҷумла мустасно мешаванд, аммо соири вожаҳо ва

иборот ва ҷумалот, зеҳношно парту афтодае ҳастанд, ки ҳамвора вирди забони мардуми ом буда, дар гуфтугӯҳои рӯзмарраи афроди ҷомеа ба таври умумӣ ва ҳамагонӣ истеъмол мешавад. Пас, мушаххасан дар насри Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ саҷъу оҳанг, румузи балоғат, тасаннуъ ва тафаннун ва алфозу таркиботи ҳунарӣ камтар дида мешавад.

Бинобар ин, гуфта метавонем, ки насри Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ аз назари шеваи нигориш ва баён, корбурди калимот, алфозу таркибот ва ҳам аз назари сиёқу сохтор ва тарзи ҷумлабандӣ умдатан бофт, сохтор ва ҷумлабандии содае дошта, қарин ва мувофиқ ба сатҳу бардошту забони гуфтории мардум мебошад, магар дар ҳолоте, ки матолиби мавриди баҳсашон шакли фалсафӣ, динӣ ва ирфониро бар худ бигирад, он гоҳ сохтори мутафовуте падид меояд.

Ҳарчанд мавзуи мавриди назари ин матни муъҷаз, маътуф ба баҳси мо нест, аммо дида мешавад, ки дар ин сутури андак матолиби муҳиме, чун: муаррифии шаҳзода Оқохон ва иродатмандону ҳавохоҳони ӯ, уҳдадории масъулияти мукигарии нависандаи матн, иродат ва алоқамандии ақвоми гуногуни сокин дар кишвар бо тафкики нажодҳои он, молу мавоҷиби мардумӣ ва пардохтани он ба халифа ва доиён, мувоҷибот ва ё андохтани он ба дарё, аз ҷумла масоили қобили таваҷҷуҳест, ки қатъан ҷанбаи маълумотӣ, омӯзишӣ ва таълимӣ дорад. Масалан, ӯ ним қарн қабл, ҳини тазаккур аз номи ақвом, афғонро ба маънои дақиқи калима – афғон ё ҳамон паштун медонад ва тоҷикро тоҷик ва ҳазораро ҳазора ва ҳамин тавр, узбеку дигаронро, мавзуе, ки имрӯз бо таҷоҳули аҷиб дар маҳофилу мароҷеи калони давлатӣ бисёр баҳсангез ва ба як ҷанҷолу чолиши бузург мубаддал гардидааст вагарна, ба қавли маъруф: кӯр ҳам медонад, ки далда шӯр аст!!

Агар мо забон ва тарзи баёну қудрати пардозиши Сайид Нодиршоҳи Каёниро дар истифода аз дастгоҳи вожагонӣ дар ҳамин сатҳе аз беибҳомӣ бедушворӣ ва салосат арзёбӣ намоем, ин худ як тавҷеҳи дигареро низ ба ҳамроҳ дорад ва он ҳам вобаста ба ҳолати умдатан ҳамешагии ваҷҳи иршодӣ, даъватгарона ва омӯзишии осори ӯст. Чун ӯ на фақат як адиб, шоир суханвар ва бузурги қавм аст, балки ӯ мақоми раҳбарии иҷтимоии мардумиро низ бар уҳда

дорад. Аз он ҷо, ки раҳбарии як кутлаи калони мардумӣ вазифаест бас бузургу душвор, он ҳам бар тӯдае аз мардуми пошон ва парокандаву мубтало ба фақри фарҳангӣ ва фақри моддӣ ва бисёр дарддидаву ранҷкашида, лизо ӯ мукаллаф аст, то ҳар чи мегӯяд ва меофаринад ба ҳар шаклу сурате дар танвири афкор, издиёди огоҳӣ, инсиҷоми суфуф ва самт ёфтану қаввом гирифтани муридон ва ҳаводоронаш муфид ва мумид воқеъ шавад.

Биноан, бо дар назардошти сатҳи поёни огоҳии фарҳангӣ ва тасаллути хатти сифрии савод дар ҷомеа, гуфтор ва навиштори як муршид ва раҳбар бояд мутобиқ ба ҳадди бардошт ва қувваи гирифти афроди ҳамон ҷомеа танзим ва иёр гардад, чун он чи собит аст, ироаи паём аз тариқи душворсуханиву печидагӯӣ ба интиқоли асли паём осеб расонида, аз таъсиргузории он мекоҳад.

Паёмбари ислом дар ҳамин ҷойгоҳ сирф забону гуфтореро таҷвиз медорад, ки баробар ба қудрат ва сатҳи тавоноии дарк ва фаҳми мардум иброз гардад:

Калиманноса ало қадри уқулиҳим [93, с.23]

Тарҷума: бо мардум ба андозаи фаҳмашон сухан бигӯед.

Мавлавӣ ҳам бо ишора ба ҳамин ҳадиси шариф мегӯяд:

Паст мегӯям ба андозаи уқул,

Айб набвад, ин бувад кори Расул [4, с.186].

Лизо ҳар сухани шаффоф ва қобили фаҳму пироста аз ибҳом ва печидагӣ, аз ҷумла, забони шевои мардумии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ сазовори таъйид аст.

Аммо бояд мултафит буд, ки мухотаби маҷмуи осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ танҳо мардуми ом нест, ки нозукии фаҳми мардумӣ дар он риоят гардад, балки бахши калоне аз осор ва офаридаҳои ӯ омехта бо калимот, иборот, таркибот ва ороязҳои адабиву ҳунарӣ ва тасвиру арзишҳои зебоишинохтӣ буда, сувари хаёлу саноеи бадеӣ ба вежа дар бахши ғазалиёти вай ба вузӯҳ ба мушоҳида мерасад. Яъне дар баёни адабии вай содатарин ҳолати суханороӣ ва тасвирофаринӣ то муғлақтарин ҳолати он ҳузур дошта ва аз назари аҳамияти зебоишинохтӣ қобили таваҷҷуҳ ва арзиш мебошад.

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ барои ғарси танаввуи мафоҳими забонӣ ва зебоиҳову латофатҳои адабӣ дар шеъраш, ба сони сойири шоирони арсаи адабиёти пурбори порсии дарӣ дар канори унсури вазну қофия унсури тахайюлро муҳим ангошта, боварманд будааст, ки вуҷуди сувари хаёл ва пирояҳои адабӣ дар шеър як рукни асосии унсури шеър ба ҳисоб меравад.

Шафеии Кадканӣ бо малҳуздошти арзиши хаёл ва нақши он дар шаклгирии шеър ва адабиёт чунин дидгоҳе дорад: «Агар аз аносири фаннӣ ва зоҳирии шеър бигзарем, заминаи маънавии шеърро метавон бад-ин гуна мавриди баҳс қарор дод, ки ҳар таҷрибаи шеърӣ ҳосили отифа, андеша ва ё хаёл аст ва бе хаёлу неруи он ҳеч кадом аз он ду унсури қаблӣ наметавонад созандаи шеър ба маънои воқеии калима бошад, яъне усулан ҳунар вақте ҷилва мекунад, ки хаёлу баёни ҳунарӣ дар кор бошад» [90, 679].

Бар ҳамин мабност, ки шуаро ва адибон тасвирофаринӣ ва адабпардозиро унсури асосии созандаи шеър дониста, нақши вазну қофияро дар набуди он заиф ва камранг талаққӣ менамоянд.

Бо як чашмандоз дар ашъор ва офаридаҳои Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ низ дармеёбем, ки ӯ ҳам бо такя бар истеъдод ва қариҳаи баланди адабӣ ва шеърияш ба хубӣ тавониста, хостҳо ва орзуҳову аҳдофашро дар ҳама абъод, динӣ, ирфонӣ ва ғиноӣ дар қолабҳо ва шаклҳои гуногуни шеърӣ ба тасвир бикашад ва ба намоиш бигзорад.

Аҳли завқ ва нуктадонон ва шеърсароён метавонанд дар абёти зер ба роҳатӣ сатҳи тавонмандӣ ва сурати баёни шоир дар истифода аз алфоз, таркибот, орояҳо ва латофатҳои адабӣ ва сойири саноотро дар ҳадди эътидол ба мушоҳида гиранд.Чунончи:

Бахшой оби оташин, равшантар аз оҳуи Чин,

Оҳуи симин ҳар замон мерез май дар сотгин.

Бини арӯсони чаман ҳар сӯ кашида шоху барг,

Аз мева бор овардаанд, аз сурху зарду ёсамин.

Гӯӣ биҳишти аднро, оварда аз қудрат Илоҳ,

Хубон хиромон ҳар тараф, гӯйи хиромад ҳуриин.

Бигрифта Зуҳра чангро, хонад аруси арғунун

Ҷоми арӯси ховарӣ, нӯшида аҳли орифин.

Аз тӯтии саҳро замин чун гунбади хазро кабуд,

Ҳар сӯ нигар шоҳи чаман, дар ҳар тараф мои маин.

Лаъли хушоби ёрро, дар ханда мебинам, хушам,

Лаъли шакарбораш бувад, бӯсидаам чун ангубин.

Лаъли қабоям об шуд, аз оташи рухсори ӯ,

Ҳамчун яди байзо бувад, лаъли фалак дар остин.

Ойина бандад осмон, аз сафҳаи пушти хатат,

Кас дид оҳуи Хутан, ояд бирун аз моитин [14, с.53].

Дар чеҳраи баёни фаннӣ ва маънавии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ гоҳе вожаҳо ва истилоҳоти муфарраси (форсишудаи) арабӣ низ ҳузури барҷастае доранд. Масалан, дар сохтмони ҳамин ғазал метавон ба вожаҳо ва калимоте чун: «адан», «қудрат», «тараф», «ҳур», «аҳл», «ориф», «хазро», «моъ», «маин», «қабо», «яд», «байзо», «фалак», «сафҳа», «хат» ва «тин» ишора карда, ки агар вожаҳои: «қудрат», «тараф», «ҳур», «аҳл», «ориф», «қабо», «фалак», «сафҳа» ва «хат» муфаррас ва дар забони форсии дарӣ пуркорбурданд, аммо вожаҳои «адан», «хазро», «моъ», «маин», «яд», «байзо», «тин», ҷуз дар қолаби алфози расмӣ ва навиштории забони порсии дарӣ дигар кадом корбурде надорад. Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар ғазале ҳатто аз ҳарфи ҷарр ва замири ман «лано» инчунин истифода намудааст:

Бахш, эй соқӣ май аз мино лано,

Аз сурохӣ соғари саҳбо лано.

Гулшани ҷонҳо бувад рухсори ту,

Баҳравар кун в-аз қади зебо лано [13, с.70].

Ё ин байти ӯ, ки вожаи «анф» дар он комилан ғариб ва бегона ба назар мерасад:

Ба анфам мерасад ҳар дам, чу аз бӯйи диловезаш,

Ба коми ҷон бирезад аз лаби лаъли шакаррезаш [13, с.62].

Дар ин ҷо мумкин аст, суоле пайдо шавад, ки ба чӣ далеле ашъор ва сурудаҳои ин шоир (Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ) дар ҳам омехта, бо калимот ва ибороти арабист, дар ҳоле, ки рӯзгори кӯдакӣ ва зиндагии вай умдатан дар манотиқи Бухорои Шарқӣ (Тоҷикистони феълӣ) ва сафаҳоти Шимоли кишвар сипарӣ шудааст, чун аз назари муҳаққиқон ва пажуҳишгарони арсаи адабиёт он бахш аз сарзаминҳое, ки дар ҳулу ҳуши манотиқи арабӣ ва марокизи қудрату хилофат қарор доштанд, бештар аз забон ва адабиёти арабӣ таъсир пазируфтааст ва ҳамин тавр, баръакси он. Биноан, гуфта метавонем, ки илова аз далели қурбу буъди соҳот ва сарзаминҳо ба марокизи ҳокимият ва хилофат, асармандии забони арабӣ, ба навъи омӯзиш ва машоғили афрод ҳам метавонад муртабит шавад, мисли туллоби мадорис, уламову устодони улуми динӣ ва мазҳабӣ, ки бештар бо мутуни арабӣ сарукор доранд ва медонем, ки олитарин манҳаҷи динии мо низ Қуръон ва суннат аст ва он ҳам ба забони фасеҳи арабӣ, лизо осори нависандагон ва сарояндагони тарбиятёфтаи ҳавзаҳои диниву мазҳабӣ лоҷарам машҳун бо вожа ва истилоҳоти арабӣ мебошад.

Бо ин васф, ҳузури вожа ва калимоти муфаррас аз манобеи арабӣ ва ё вожаҳои камкорбурди арабӣ дар насру назми шоирони порсигӯйи кишварамон ба муқоисаи нависандагон ва гӯяндагони эронӣ камтар ва ба таносуби суханварону шоирони ҳавзаи Осиёи Марказӣ бештар аст ва ин тафовутро бо андаке тааммул метавонем дар осори бузургони адаб ва нависандагону фарҳангиёни ин се ҷуғрофиё, ё дар воқеъ ҳамон як ҳавзаи муштараку воҳиди фарҳангӣ ва тамаддунӣ ламс ва мушоҳида намоем.

Барои исботи ин муддао, бе ҷо нахоҳад буд, мисолҳои зер оварда шавад:

Муъмин Қаноат дар ситоиши забони модарӣ чунин сароидааст:

…Баҳри ман танҳо забони модарист,
Ҳамчу шири модар аст.
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,
Чунки меҳри модар аст.
З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам,
Дӯст медорам варо,

Чун навозишҳои гарми модарам,

Дӯст медорам варо [29, с.157].

Ва ҳам абёте аз Абдуллоҳ Орифи Чоҳобӣ – шоири мунтақид ва инқилобии ҳавзаи Тахористони қадим (Қатаған/ Қадған ё Шимолу Шарқ)-и кишвар:

Он сари зулфи сияҳранг, ки чин дар чин аст,

Ҳамчунин чин, на дар Чину на дар Мочин аст.

Мушки тотору абиру гули насрину суман,

Ҳама дар турраи гесуи шумо чарчин аст.

Лаъл имрӯз чаро хун нахурад дар дили санг,

Хол аз гӯшаи лаъли лаби ту гулчин аст [59, с.49]

Ва ҳамчунон намунае аз сурудаҳои шоири эронӣ Фаридуни Муширӣ:

…Бо ту гуфтам ҳазар аз ишқ? – Надонам,

Сафар аз пеши ту ҳаргиз натавонам, натавонам!

Рӯзи аввал, ки дили ман ба таманнои ту пар зад,

Чун кабӯтар лаби боми ту нишастам [122, с.172].

Ҳоло, агар ба се намунае аз сурудаҳои ин се сароишгари олиқадр, ҳар як Муъмин Қаноат аз Тоҷикистон, Абдуллоҳ Орифи Чоҳобӣ аз Афғонистон ва Фаридуни Муширӣ аз сарзамини Эрон диққат намоем, мебинем, ки дар ҷамъи абёти Муъмин Қаноат як луғат, яъне «ташбеҳ», дар гуфтори Абдуллоҳ Орифи Чоҳобӣ сирф ду калима, яке «абир» ва дигараш «турра» ва дар масореи Фаридуни Муширӣ вожаҳои бештари арабӣ, мисли: «ҳазар», «ишқ», «сафар», «аввал» ва «таманно» ҳузур дорад, ба ин маъно, ки дар ваҳалаи аввал Ироқи Аҷам ва ё дар маҷмуъ Эрони феълӣ ва ба тадриҷ ҳамсоягонаш то навоҳии Осиёи Марказӣ дастхуши таъсирпазирӣ аз забони арабӣ гардидаанд ва аммо дар ин миён раванди омезиши забони сокинони Хуросон ва Мовароуннаҳр бо забони арабӣ бисёр кунд муаррифӣ шудааст. Абдулқаюми Қавим дар як асараш зери унвони «Таърихи адабиёти дарӣ» чунин менависад: «Забони дарӣ, ки дар кӯҳпояҳо ва шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр забони гуфтори мардум буд, муддатҳо аз омезиш бо забони арабӣ барканор монд ва фасоҳати худро ҳифз кард ва ба он шоҳкорҳои адабӣ ҷовид падид омад» [94, с.58].

Бо инсироф аз баъзе истисноот, мисли забон ва қалами устод Восифи Бохтарӣ, Салоҳиддини Салҷуқӣ ва дигарон, ба ҳар ҳол метавон изъон кард, ки тафовути ҳузури калимот ва истилоҳоти забони арабӣ дар осори нависандагон ва гӯяндагони Осиёи Марказӣ, Афғонистон ва Эрони феълӣ комилан мавҷуд ва қобили ламс аст.

Ва аммо ёдамон наравад, ки мавҷудияти вожаи туркии «сотгин» дар пои мисраи дувуми байти дувуми ғазали Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ки зикраш пештар рафт, низ қобили диққат ва таваҷҷуҳ аст. Вожаи «сотгин», ки дар қобусномаҳои забони порсии дарӣ «ҷом» ва «пиёлаи шароб», «маҳбуб» ва «маъшуқ» ва «бисоти майгусорӣ»- ро маъно медиҳад, аксаран, дар сухан ва ашъори адибон ва шоирони пешин мавриди истеъмол буд, аммо дар ин ҷо низ аз назари ин шоири тезбин дур наафтодааст.

## 3.2. Вазн, қофия ва радиф

**Вазн.** Барои мизон, сара кардан ва ё заиф ташхис намудани осор ва ашъори шуаро қоида бар ин аст, то сурудаҳояшон аз як зовияи калон, яъне аз назари вазн, қофия ва радиф ба таҳлил ва баррасӣ гирифта шаванд, аз ҳамин рӯ, пеш аз пардохтан ба қофия ва радиф мавҷудияти чигунагии авзон ва буҳури мухталифа ва даст доштану тасаллути шоир дар истифода аз онро мавриди назар ва ҷустуҷӯ қарор додем, то бибинем, ки вай дар ҷавлонгоҳи марбут ба худ то чи маҳдудаҳое ба пеш рафтаанд.

Яке аз завоёи муҳим ва қобили баррасӣ дар девони Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ вазни арузӣ ва пайванди он бо муҳтавост. Бо мутолиа дар девони шеъри ӯ метавон дарёфт, ки ӯ дар баҳрҳои басит, мадид, тавил, вофир, комил, қариб, ҷадид ва мушокил ҳеч шеър насуруда, аммо аз 8 баҳри аруз: ҳазаҷ, рамал, музореъ, муҷтас, мутақориб, хафиф, раҷаз ва муқтазаб ва дар маҷмуъ 30 вазни арузӣ баҳра гирифта, ки худ нишон аз танаввуи вазнӣ дар девони ӯст. Вай ҳар як аз авзонро дар хидмати мафоҳим ва мазомини дархур ва шоистаи он вазн ба кор гирифта, тавонистааст пайванди хуб миёни вазн ва муҳтавои ашъор эҷод кунад.

Аз дигар вежагиҳои муҳими арузӣ дар шеъри Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба кор рафтани зиҳофоти фаровон аст, ки на танҳо мояи заъфи мусиқоии шеъри ӯ нашуда, балки мусиқии суханашро пурсалобаттар ва сангинтар низ сохтааст.

Авзони арузӣ ва мусиқии ба кор рафта дар китоби ғазалиёти ӯ зери номи «Девон»-и Нодиршоҳи Каёнӣ» ва баррасии ин ки ӯ бештар чи буҳуреро мавриди назар қарор дода, бо таваҷҷуҳ ба зиндагии пурҳаводис, сайру сафар ва таҷоруби вофири ӯ ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Зимни ин ки бо тааммуле дар вазну мазмуни ғазалиёти шоир метавон дарёфт, ки ӯ бо огоҳӣ ва шинохте, ки аз мусиқии шеър ва буҳури арузи форсии дарӣ дошта, барои ҳар мазмун ва мавзуе баҳри муносиб бо ҳамон мавзуъро интихоб карда, то бар таъсири сухани хеш биафзояд. Дар воқеъ, ҳарчанд ғарази арзи аслии ӯ баёни матолиб ва мафоҳими баланд аст, то битавонад хонандаро ба мақсади мавриди назари худ раҳнамун

гардонад, аммо дар ин роҳ тавониста пайванде нисбатан устувор миёни мазомин ва авзони ашъор барқарор созад.

Гуфтанист, ки пеш аз ин таҳқиқҳои мухтасаре ба василаи Қадамалии Некпай, Муҳаммад Иршоди Маънавӣ, доктор Сайид Муҳаммад Иброҳими Бомиёнӣ ва хонуми Фиребо устоди Донишгоҳи Кобул перомуни ашъори Нодиршоҳи Каёнӣ сурат гирифта, аммо ин муҳаққиқони муҳтарам танҳо бо нигоҳи оморӣ дар мавриди китобҳои шеър ва насри ӯ ва ҷанбаҳои иҷтимоиву мазҳабии шахсияти ӯ пардохтаанд ва дар заминаи анвоъ, сохту таркиб, хусусиёти услубиву бадеӣ ва ба вежа дар мавриди ҳамоҳангии вазн ва муҳтаво, ки рамзи салобат ва устувории сухани шоир пас аз гузашти солҳост, таваҷҷуҳе надоштаанд. Бинобар ин, таҳқиқи ҳозир бо нигоҳе нав ба ин мавзуъ пардохта ва даричаи тозаеро пеши рӯйи хонандагони азиз мекушояд, яъне дар ин навиштор ҳар як аз буҳури арузӣ ва мизони баҳрагирӣ аз ҳар вазн дар ашъори шоир баррасӣ шуда, он гоҳ пуркорбурдтарин вазни арузӣ ва сипас ҳалқаи иртиботи вазну муҳтаво дар ашъори ӯ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Дар ин росто, нахуст назаре меафканем, ба ҳар як аз буҳури арузии китоби «Девон»-и шоир, алабатта гуфтанист, ки нусхаи асос дар ин бора нусхаи тасҳеҳ ва хаттотишудаи Маҳмуд ва Саййид Ҳусайн ном мебошанд, ки дар соли 1330-и хуршедӣ дар матбааи «Раҳимӣ»-и шаҳри Бамбайи Ҳиндустон ба чоп расонидааст, ки шомили ғазалиёт, маснавиҳо, мухаммас, рубоӣ ва дубайтӣ мебошад.

Дар таҳқиқи ҳозир танҳо авзони тамоми ин қолабҳои шеърии мавҷуд дар девони шоир мавриди таваҷҷуҳи нигоранда аст.

а) Баҳри ҳазаҷ

Аз маҷмуи 389 шеъри мавҷуд дар китоби «Девон»-и Саййид Нодиршоҳи Каёнӣ 199 шеър аз ғазал, маснавӣ, рубоиву дубайтӣ дар гурӯҳи вазнии баҳри ҳазаҷ ва мутафарруоти он суруда шудааст.

1. Баҳри ҳазаҷи мусаммани солим:

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

Ин баҳри арузӣ 23 ғазали шоирро ба худ ихтисос дода, ки матлаи ҳар яки он чунин аст:

1. Ба мактаб дод тифли бодахӯе рубъи байзоро,

Ба абрӯ дод пушти чархи хам барбаст дарёро [13, с.2]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

2. Маёвар, эй насими субҳгаҳ дар шӯр булбулро,

Даме аз хотири мо дур кун фарёду ғулғулро [13, с.3]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

3. Парешон кард боди субҳгаҳ зулфи парирӯро,

Мушавваш кард дар Чин бӯи зулфаш нофи оҳуро [13, с.4]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

4. Мушавваш менамояд нофи оҳуи хитоиро,

Агар ҳамроз созад бо саҳар холи худоиро [13, с. 5]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

5. Манеҳ Нодир зи дасти хеш ҷоми арғувониро,

Зи бун бармеканад анҷом тахти зиндагониро [13, с. 6]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

6. Нигорам шона созад тори зулфи анбаринбӯро,

Мушавваш менамояд дар Хутан он нофи оҳуро 13, с. 8]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

7. Бирезон бодае чун рӯи доно дар қадаҳ моро,

Гиребон чок гардонад зи мастӣ сад Масеҳоро [13, с. 8)

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

8. Ба раъно гӯй, кам кун Хусрави ман меҳрубониро,

Зи Ширин ёд бояд дошт тарзи дилситониро [13, с. 12]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

9. Парирӯе, ки меҷустам варо андар бар аст имшаб,

Зи Шамсу Зуҳраву Бирҷису Маҳ равшантар аст имшаб [13, с.14]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

10. Машомамро муаттар менамояд нози гесӯят,

Маро саршор медорад аёғи чашми ҷодуят [13, с. 24]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

11. Заҳр шуд, ғунча шуд, рух шуд, чаман шуд, боғу бӯстон шуд,

Қамар шуд, Зуҳра шуд, Бирҷис шуду Хуршеди тобон шуд [13, с.36]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

12. Надидам чанд рӯзе рӯят, эй маҳ дӯстӣ кам шуд,

Маро васли ту иду фурқатат моҳи муҳаррам шуд [13, с.37]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

13. Баҳор омад, баҳор омад, нигори гулизор омад,

Гул омад, сабза омад, сарв омад, лолазор омад [13, с.39]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

14. Рухат гул шуд, чаман шуд, боғ шуд, гулзор шуд хуб шуд,

Ду зулфини ту шаб шуд, ришта шуд, зуннор шуд хуб шуд [13, с. 40]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

15. Ба анфам мерасад ҳар дам чу аз бӯи диловезаш,

Ба коми ҷон бирезад аз лаби лаъли шакаррезаш [13, с. 62]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

16. Дарахти ин гули садбарги ман шуд зери бори гул,

Дилам афсурда месозад, вале ин хор хори гул [13, с.73]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

17. Чу Маҷнун аз паи чашмат паи нахчир мегардам,

Набинам рӯи гулро лаҳзае дилгир мегардам [13, с.78]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

18. Маро ид аст, бо рӯи туаш паймона менӯшам,

Ба куфри хати мушкини ту ман саҷҷода бифрӯшам [13, с. 80]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

19. Бидеҳ соқӣ ба рӯзи васл, маи паймона, паймона,

Зи дастат бахш моро, эй санам мастона, мастона [13, с.102]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

20. Ду чашмонат бигӯям наргиси ҷодуст, меранҷӣ,

Ҳилоли ид гӯям мар туро абрӯст, меранҷӣ [13, с.109]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

21. Ба ёдам мерасад зулфи гиреҳгири дилорое,

Фиғон хезад зи дил ҳар лаҳза моро аз шакархое [13, с.110]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

22. Ба дил теғи шаҳодат хӯрдаам, аз чини абрӯе,

Гирифторам ба дасти шӯхи симин тифли бадхӯе [13, с.112]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

23. Лабони дилбарам гӯӣ, ки лаъли маъдан аст имшаб,

Сари зулфаш маро чун чанбаре дар гардан аст имшаб [13, с. 121]

**У– – – / У– – – / У – – – / У – – –**

мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун

Мазмуни ин ашъор ба таври куллӣ ҳамон мазомини машҳури Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ аст, яъне, накӯҳиши ҷаҳону таъликот, сарзаниши дунёпарастон, таваҷҷуҳ ба фазилат ва аҳамияти хирадварзиву хирад ва таваҷҷуҳ додани хирадманд ба бозичаҳои чархи фитнагар, ки дар танини сангини ин вазни арузӣ ва дирангҳои аркони ҳиҷоӣ ва ҳамроҳии қавофии пурмусиқӣ бо мусаввитҳои баланд, устуворӣ ва салобати хос ёфта ва аз ҳамин рӯ пайвандҳои маҳкам миёни вазн ва муҳтавои ин ашъор барқарор шудааст.

2. Баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (мақсур):

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

Аз миёни ашъори китоби «Девон»-и Саййид Нодиршоҳи Каёнӣ 29 ғазал ва дубайтӣ дар ин баҳр суруда шудааст. Матлаи онҳо:

1. Шаробе бахш ҳамчун рӯи доно,

Бирезон дар қадаҳ аз ҷаҳди мино [13, 6]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил**)**

2. Дилам, эй дӯст бар дастат асир аст,

Ду зулфонат каманди шергир аст [13, с.21]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

3. Сазад гирӣ бути ман аз бутон боҷ,

Туӣ бар фарқи хубони ҷаҳон тоҷ [13, с.26]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

4. Зи ғам афсурда гардидам парирух,

Биё, бинмой, эй кабки дарӣ рух [13, с. 28]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

5. Бути ман равнақи даври Қамар шуд,

Ба ҳар бурҷе варо ҷову мақар шуд [13, с. 48]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

6. Нависад дилбари дилдор коғаз,

Фиристад бо парирухсор коғаз [13, с.49]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

7. Ба олам матлабам рухсори Қодир,

Муяссар кай шавад дидори Қодир [13, с. 52]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

8. Лабат лаъл, оразат Хуршед, Носир,

Илоҳӣ, умри ту ҷовид, Носир [13, с.53]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

9. Мухаттат, кокулат монандаи қир,

Ба нӯки ғамза мехоҳӣ занӣ тир [13, с.53]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

10. Мариз афтодаам дар бистар имрӯз,

Илоҷамро намо, эй дилбар имрӯз [13, с. 58]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

11. Рухи ёрам гулистон аст имрӯз,

Лабонаш шакаристон аст имрӯз [13, с. 59]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

12. Нигорам бурд сабр аз дил, зи сар ҳуш,

Ниҳодаш ҳалқаи тадбир дар гӯш [13, с. 64]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

13. Навис, эй дил ба ёри меҳрубон хат,

Зи хуни дида бо оҳу фиғон хат [13, с. 67]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

14. Хаёли васли ҷонон мекунад дил,

Ба пояш хеш қурбон мекунад дил [13, с. 74]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

15. Бути чинӣ ба зулфат бурдаи дил,

Ду чашми пурфусунат карда бисмил [13, с.75]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

16. Туӣ маҳҷур, ман ранҷури ишқам,

Туӣ ранҷур, ман махмури ишқам [13, с. 78]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

17. Хумори чашми мастатро хуморам,

Нигоҳе боз сӯям, дилшикорам [13, с. 84]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

18. Зи хубони ҷаҳон то дил гирифтам,

Шудам софӣ, дил аз ботил гирифтам [13, с. 88]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

19. Ду соқи ёри ман бошад булӯрин,

Забонаш шаккару лаб шаккарогин [13, с. 92]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

20. Намудам ман бад-он зулфи ту маскан,

Хаёламро гузору зуд машкан [13, с. 94]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

21. Шудам ошиқ ба чашмонат Нафасҷон,

Илоҳӣ, ман ба қурбонат Нафасҷон [13, с. 99]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

22. Гирифтори буте гардидаам чун,

Шудам аз ишқи ӯ ошуфта Маҷнун [13, с. 99]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

23. Буто, то зулфи мушкин шона кардӣ,

Ҳазорон ҳамчу ман девона кардӣ [13, с. 113]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

24. Қиёмат кардаӣ ёри шикорӣ,

Ки ман ағёр, бо ағёр ёрӣ [13, с.116]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

25. Бинозам, эй санам рӯят бинозам,

Ду чашми масти ҷодуят бинозам [13, с.140]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

26. Ба шамъи оразат парвона гаштам,

Зи чашми масти ту девона гаштам [13, с. 140]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

27. Назар дорӣ ба мо, ҷонона ё на?

Гузар кардӣ, ту дар майхона ё на? [13, с.144]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

28. Фитода ҳар тараф аз ишқ шӯре,

Ки ёрам бӯсаафшон аст имрӯз [13, с. 60]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

29. Ду чашмаш наргиси ҷодуст моро,

Ҳилолаш бандаи абрӯст моро [13, с.11]

**У– – – / У– – – / У – – (У – – )**

мафоилун мафоилун фаъулун (мафоил)

Ин ашъор бештар дар бораи тааммул дар кори дунё ва бозиҳои рӯзгор ва низ ошиқонаҳо, ки авзони дилнишин ва оромишбахш аст, суруда шуда, ки воқеан муносиби достонҳои базмиву ошиқона аст ва шоир тавонистааст, ки мафоҳими мавриди назарро дар зеҳн ва замири хонанда беҳтар ҷой диҳад.

3).Баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (мақсур):

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

Ин ашъори сурудашуда дар ин баҳр ва вазн шомили 21 ғазал ва дубайтиҳо бо ин матлаъҳост:

1. Хубони ҷаҳон то ки барафрӯхт аламро,

Бигрифт ба як лаҳза мар ин қалби дижамро [13, с.10]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

2. Маъшуқи ман он сурхқабо рахти фаранг аст,

Май нӯшу тараб ҷӯй, ки ин даври шаранг аст [13, с.121]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

3. Ҷон бастаи гесӯи сиёҳ шуд, чи баҷо шуд,

Ҷон хастаи он дасти расо шуд, чи баҷо шуд [13, с.29]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

4. Бо дилшуда он шӯх назар дошта бошад?

Аз ҳоли дили хаста хабар дошта бошад? [13, с. 43]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

5. Эй гул, зи ту ин булбули бедил гила дорад,

Аз ҷавру ҷафоҳои ту мушкил гила дорад [13, с.44]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

6. Хуршед чи маҳ кард туро гашт сазовор,

Шуд қомати болои туро сарви парастор [13, с.55]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

7. Ман аз ғами ишқи ту ба ҷон мурдаам имрӯз,

Ман тире аз он новаки ту хӯрдаам имрӯз [13, с.59]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

8. Ғам кард сияҳрӯзаму афканд ба сари хок,

Аз ёр хабар нестам, аз мост хабар хок [13, с.72]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

9. Эй шух туро ҷомаи гулнор муборак,

Дорӣ сафаре ҷониби ағёр муборак [13, с. 73]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

10. Соқӣ зи кафат бахш, ки бишкаста хуморам,

З-он лаъли лаби хеш қадаҳ бахш нигорам [13, с. 79]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

11. Сим аст танат, барги гулу ёсуман аст ин,

Ё ғунчаву ё тунги шакар ё даҳан аст ин? [13, с. 96]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

12. Эй шӯх, зи кӯи мани дилхаста гузар кун,

Аз баҳри Худо сӯи ман аз лутф назар кун [13, с. 98]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

13. Гуфтам зи чаман ор гулу меваи чида,

Гул наргису ё настарану мева расида [13, с.103]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

14. Эй дӯст, қадаҳ бахш аз он лаъли макида,

З-ин чор табиат ба ту гӯё нарасида [13, с.106]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

15. Нозам рухи он шамъи шабистони фарангӣ,

Хун мехурам аз ғамзаи мижгони фарангӣ [13, с.108]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

16. Бурдӣ дилам, эй мӯймиён, духтари русӣ,

Кам гӯ сухан, эй нимзабон духтари русӣ [13, с.108]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

17. То чанд кунӣ дида ту дидори тиллоӣ,

Дил аз бари мо рафта шуда ёри тиллоӣ [13, с.113]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

18. Кардӣ назар, ёр шакарханда накардӣ,

Аз ханда чаро ошиқи худ банда накард [13, с.114]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

19. Нӯкаш кашам, эй дӯст кунам боз сараш тар,

Дар васфи ту ин хома ба девот зи ҷавҳар [13, с.152]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

20. Додӣ ҳамаро, эй санами шӯхи ситамкор,

Дастору куло, кафш яке хилъати зартор [13, с.152]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

21. Зулфи сияҳаш чин, чину пуршикан асташ,

Барҳам зани дил, наргиси пурмакру фан асташ [13, с.63]

**– – У / У– – У / У– – У / У– –**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъулун (мафоил)

Ин вазни арузӣ вазни зарбӣ ва шод аст. Ашъоре, ки ҷанбаи мусибат ва панду андарз дорад, камтар дар ин баҳри аруз суруда шуда, дарунмоя ва мафоҳими матраҳ дар ин ғазалиёт мерасонад, ки Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба таносуби вазн ва муҳтавои ашъор вуқуфи комил доштааст, ки тавониста чунин шеърҳои зебои шодибахш ва фарҳатоварро дар баҳру вазне шод сурудааст. Вақте шоире, монанди Виқории Шерозӣ дар зикри масоиби ношӣ аз зилзилаи вайронгар, ки ҳазорон нафарро ба хоку хун кашонида буд, ингуна мастона месарояд:

Дил дар хаму хотир ба ғаму сина ба тоб аст,

Шаҳре ба хурӯш асту ҷаҳоне ба азоб аст [8, с. 100]

ба осонӣ мушаххас мегардад, ки ин шоир (Виқории Шерозӣ) бар таносуби робитаи вазну муҳтаво аслан вуқуфе надошта, ноҳамоҳангии ин сурудаашро ба иртиботи ҳодисаи ғамангези зилзила ҳеч дарк накардааст.

4). Баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб:

мафъулу мафоилу мафоилу фаъал (вазни рубоӣ)

1. То чархи фалак аз ту ҷудо кард маро,

Ман шиква чи созам, ки чиҳо кард маро [13, с. 127]

**– – У / У– – У / У– – У / У–**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъал (вазни рубоӣ)

2. Дар сар ҳаваси кӯйи бутон аст маро,

Ҷон аз бадани хаста равон аст маро [13, с. 127]

**– – У / У– – У / У– – У / У–**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъал (вазни рубоӣ)

3. Эй бод, ҳамерасон ба ман бӯйи варо,

Аз бӯй магар бибинамаш рӯй варо [13, с.128]

**– – У / У– – У / У– – У / У–**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъал (вазни рубоӣ)

4. Омад саҳарам нидо, зи ҷононаи мо,

Баргир қадаҳ зи дасти девонаи мо [13, с. 128]

**– – У / У– – У / У– – У / У–**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъал (вазни рубоӣ)

5. Холе, ки ба зери чашми дилдори ман аст,

Дил мебарад аз боиси озори ман аст [13, с. 130]

**– – У / У– – У / У– – У / У–**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъал (вазни рубоӣ)

6. Дар дайр чи ҷоми ҷамнамо мебинам,

Дар ойина рӯйи кибриё мебинам [13, с. 90]

**– – У / У– – У / У– – У / У–**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъал (вазни рубоӣ)

7. Дил мебариам, дил аз ту бармеояд,

Ёри дигаре ба чашми зар меояд [13, с. 37]

**– – У / У– – У / У– – У / У–**

мафъулу мафоилу мафоилу фаъал (вазни рубоӣ)

Аз ашъори мавҷуд дар «Девон»-и Саййид Нодири Каёнӣ 105 рубоӣ дар ин авзон, ки хоси рубоист, суруда шудааст, ки мо дар ин ҷо ба ҳамин 7 намуна иктифо менамоем.

б) Баҳри рамал

Аз миёни ашъори «Девон»-и шоир, албатта ҳеч шеъре дар баҳри аслии рамал (фоилотун фоилотун фоилотун фоилотун) суруда нашуда, аммо ба таври куллӣ 80 шеър (ғазалу маснавӣ ба мутафарруоти баҳри рамал ихтисос ёфтааст, ки ба баррасии онҳо мепардозем.

------

1). Баҳри рамали мусаммани маҳзуф (мақсур):

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

Дар миёни ашъори «Девон»-и шоир 19 ғазал дар ин вазн суруда шудааст. Пайванди мусиқоии калом ва вазни арузӣ бо мазомине чун фазилати илму дониш ва ҳикмат, накӯҳиши нодонӣ ва мардуми нодон, бар ҳазар доштани одамӣ аз эътимод ва дил бастан ба рӯзгор, бедор сохтани одамӣ аз хоби ғафлат, вазъу андарз ва таваҷҷуҳ додани одамӣ ба порсоӣ, шиква аз рӯзгор ва номулоимотии фалаки гардон ва… бо лаҳне нарм ва орому афтону танини ҳиҷоҳо ва вовулҳои баланд, таъсире нек дар хонанда гузошта ва ашъори сурудашуда дар ин баҳрро саропо ҳакимона сохтааст. Матлаи ин ашъор чунин аст:

1. Дар сафи риндон маро деҳ бодаи мастонаро,

То зи май бинам дамодам орази ҷононаро [13, с. 3]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

2. Соқиё, мастем дар деҳ аз кафат паймонаро,

Мешунав аз синаи ман нолаи мастонаро [13, с. 5]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

3. Мекашад моро зи шӯхӣ тифли махмурам, чаро?

Аз нигоҳи чашми масташ сахт ранҷурам, чаро? [13, с. 9]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

4. Аз сари бемағз савдо дур кун, эй беадаб,

Ҳарфи пири маърифат манзур кун, эй беадаб [13, с. 15]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

5. Майпарастон бода менӯшанд, дар гулзори субҳ,

Барҳаман маст аст, аз май бар дари хаммори субҳ [13, с.28]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

6. Тифли махмурам зи мастӣ соғари мул бишканад,

Рӯйи ошиқ сурх созад, қимат аз гул бишканад [13, с. 30]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

7. Маҳваше дидам, қадаш чун шохаи шамшод буд,

Мижааш хунрез ҳамчун ханҷари ҷаллод буд [13, с.30]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

8. То забонамро ба васфаш шакарогин кардаанд,

Оразам аз кимиёи рӯш рангин кардаанд [13, с.35]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

9. Сурати маъшуқи ман дар ҷоми мино уфтад,

Аксе аз рухсори ӯ бар Тури Сино уфтад [13, с. 42]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

10. Ёри мастурам маро аз хеш розӣ мекунад,

Бо сияҳкорон ба пинҳон корсозӣ мекунад [13, с. 47]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

11. Дар замири мо набошад доимо ҷуз ёр кас,

Аз Худо меҷӯядам ин чашмам рухи дилдор бас [13, с. 60]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

12. Дар шабе сад доғ бар дил мениҳад дилдор ҳайф,

Сӯхтам аз пардабозиҳои он айёр ҳайф [13, с.70]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

13. Меравам аз хеш ҳар дам бар сари бозори ишқ,

Ҳамчу Мансурам аналҳақ мезанам бар дори ишқ [13, с.71]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

14. Соқиё, ид аст акнун, бодаро дар ҷом кун,

З-он ду зулфи анбарин дар гардани мо дом кун [13, с. 92]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

15. Ман ба қурбони ту, эй шакарлаби ширинсухан,

Ошиқи рӯи ту гардидаст яксар марду зан [13, с. 97]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

16. Нодиро, хоки раҳи майхона шав, майхона шав,

Бандаи ҷоми маю паймона шав, паймона шав [13, с. 101]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

17. Мо чаро гардем саргардон ба дунболи касе,

Ин дили мо ройгон гардид помоли касе [13, с.113]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

18. Шоҳи хубонам ба сар дорад ҳавои Нодирӣ,

Шавкату шони шаҳӣ дорад, адои Нодирӣ [13, с.118]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

19. Соҳиби хулқу каромат сарвари некӯзамир,

Маъданӣ дар илму дониш, шуд каломат дилпазир [13, с.148]

**– У – – / –У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

2. Баҳри рамали мусаддаси маҳзуф (мақсур):

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон**)**

Ин баҳри арузӣ баҳрест муносиби мазомини ирфонӣ, ҳакимона ва панду андарз, чунонки шоҳкорҳои адаби ирфонӣ ва таълимӣ, чун «Маснавии маънавӣ» ва «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор дар ин вазн ва баҳр аст. Бинобар ин, дур аз зеҳн нест, ки андешаварзе чун Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ки шефтаи панду андарз ва мабоҳиси ҳакимона аст, мусиқии пуртаъсир ва комилан санҷида ва муносиби ин баҳрро дар хидмати панду андарз ва мавъизаву танбеҳи одамӣ ва ғайра қарор диҳад, ҳамчунон ки 21 ғазал ва маснавиро дар ин баҳру вазн бо ин матлаъҳо сурудааст:

1. Бахш, эй соқӣ май аз мино лано,

Аз сурохӣ соғари саҳбо лано [13, с. 7]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

2. Ошнои чашми фаттонем мо,

Баҳри дилбар ҷон гаравгонем мо [13, с. 7]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

3. Чун баирон мастаму дар каф шароб,

Зулфи ёрам дошт бӯ аз мушки ноб [13, с. 15]

**– У – – / –У – – / –У**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

4. Муддаову мақсади мо Носир аст,

Бандаи Оқо Алишоҳ Носир аст [13, с.16]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

5. Дилбаре дорам, ки моро раҳбар аст,

Ҳақшиносу поку олиманзар аст [13, с.23]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

6. Дилбари болобаландам хушнамост,

Дилкаши шакарлаби соҳибҳаёст [13, с. 25]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

7. Бастаи корам бад-он зулфайни доҷ,

В-аз лабонат деҳ ривоҷам, деҳ ривоҷ [13, с.27]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

8. Резиш аз чашмони шӯхат дур бод,

Чашми бад афтад ба рӯят, кӯр бод [13, с. 45]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

9. Ҷон фидоят, эй нигори гулизор,

Оразат аз холи мушкин мушкбор [13, с. 52]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

10. Эй рухат ҳуру кафат абри баҳор,

Офтоб аз баҳри рӯят шармсор [13, с. 56]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

11. Бош бо мо маҳрами дил як нафас,

Ҷуз ту моро нест дигар ёр кас [13, с.60]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

12. Мансаби дилхоҳ намехоҳам зи кас,

Ҳар чи аз Ҳақ мерасад моро бас аст [13, с. 61]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

13. Пеши қаддат сарвро қад шуд сақат,

Шуд табаҳ сунбул кашидӣ ҳусни хат [13, с.66]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

14. Бевафоӣ мекунад ҷонона ҳайф,

Мехурам аз хуни дил паймона ҳайф [13, с.71]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

15. Аз самими дил нигоре доштам,

Боиси ғам, ғамгусоре доштам [13, с. 73]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

16. Ишқро аз меҳри Ҳайдар ёфтам,

Ганҷи маъниро саросар ёфтам [13, с.87]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

17. Меравӣ аз ноз қурбонат шавам,

Як нигоҳе, боз қурбонат шавам [13, с.90]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

18. Тасри тойир шуд уқоби Осмон,

Оташ аст товуси улвиошён [13, с.98]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

19. Ақлро бишнос, то ёбӣ наҷот,

То абад набвад ҳаётатро мамот [13, с.122]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

20. Оқилонро кор набвад бо риё,

Ҷоҳилон доранд шӯру моҷаро [13, с.124]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

21. Гурбаи бечора муше сайд кард,

Саг рабудаш, гуфт, эй марди набард [13, с.126]

**– У – – / –У – – / –У –**

фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)

3). Баҳри рамали мусаммани махбуни маҳзуф (мақсур, аслам):

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

Дар «Девон»-и шоир танҳо 25 ғазал дар ин баҳр суруда шуда, ки матлаи онҳо чунин аст:

1. Мо куҷоему куҷо хотири бишкастаи мо,

Маҳраме, к-ӯ шунавад рози дили хастаи мо [13, с. 9]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

2. Хатти он хиттаи райҳони ту бе чизе нест,

Чашм барҳамзани имони ту бе чизе нест [13, с.22]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

3. Дилбарам дар бари ман омаду ханҷар заду рафт,

Ба ҳарифон ба чунин шуъбада соғар заду рафт [13, с.23]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан**)**

4. Воизу муҳтасибам сахт на човида бувад,

Аз ҳамоқат яке бар риши дигар рида бувад [13, с.с.36]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

5. Хирмани оҳи маро шуъла ба кошона заданд,

Сарфи хокам зи азал дар раҳи майхона заданд [4, с.36]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

6. Васфи рӯи ту намудам, ғазалам рангин кард,

Гарчи чун ман ба ту ҷон сарфи басе бедин кард [13, с.38]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

7. Гар нигорам ба чаман як-ду-се соғар шиканад,

Табъам аз нутқи хушаш қимати гавҳар шиканад [13, с.42]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

8. Менависад бути ман бо қалами зар коғаз,

Мефиристад ба ситамдида масатар коғаз [13, с. 49]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

9. Меҳрубоно, зи фироқат шудаам хуни ҷигар,

Хастаро васл ва ё бода хурад шому саҳар [13, с. 50]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

10. Эй балопеша туро фитна ба дунбол чи қадар,

Фитна меборӣ ту аз ҳар сари мижгон чи қадар [13, с.51]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

11. Эй бути лабшакар аз лутф бирав, бода биёр,

Илтифоти ту зи ман бурда ба як бор қарор [13, с.54]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

12. Рӯзи ид асту нигорам ба дусад ишваву ноз,

Омада ҷилвакунон дар бари ман бо дафу соз [13, с.58]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

13. Дили ман бурд нигорам ба ду чашми сияҳаш,

Дилу дин ҳар ду раҳо соз, ба дасташ бидиҳаш [13, с. 63]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан**)**

14. Мерасад бар мани майхора шаб аз ғайб сурӯш,

Саъй кун, ҳосили имрӯза ба фардо мафурӯш. [13, с.65]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

15. Кай кунам дил зи хами турраи шабгир халос,

Ки мабод ошиқи девона зи занҷир халос [234, с. 65]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

16. Чун баромад маҳи ман бар сари қасри ибдоъ,

На чунон шамъи тирозам фиканад боз шуоъ [13, с.69]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

17. Соҳиби шавкату шони ту, аё хубхисол,

Дархури тоҷу кулоҳиву туро иззу ҷалол. [13, с.74]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

18. Бода менӯшаму аз шавқи ту соғар шиканам,

Сархушам, айб макун маст зи ҳусни суханам [13, с. 80]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

19. Умри худ сарфи абас дар раҳи хубон кардам,

Муфт худро ба ғами ишқ парешон кардам. [13, с.82]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

20. Умри худ сарф ба ҳар ёвасарой накунам,

Бесабаб гӯш ба овоздарой накунам. [13, с.75]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

21. Ба сари хаста биё, зуд фидои ту шавам,

Ошиқам, бандаи дуздида нигоҳи ту шавам [13, с.86]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

22. Рӯз то рӯз маро дард фузун гардида,

Дил ба бар гӯӣ маро қатраи хун гардида [13, с.104]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

23. Руҳи ман тойири қудс асту вуҷудам доме,

Кай бидонад сухани тӯтии мо ҳар хоме [13, с.107]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

24. Лолагун соғаре аз ёр ба ман боястӣ,

Рухи дилдори маро ҳамчу даман боястӣ [13, с.109]

**У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

25. Бастаам дил ба сари зулфи яке раъное,

Дилбаре, сарвқаде, ишвагаре, зебое [13, с.118]

**– У – – / У У – – / У У – – / У У –**

фоилотун фаилотун фаилотун фаълун (фаилон, фаълан)

Ин ғазалҳо, ки бештар ҳолати тавсифӣ доранд, дар накӯҳиши нодониву афроди нодон ва дар муқобил ёдоварии аҳамият ва арҷи донишу ҳикмату хираду хирадмандон аст, ки бо лаҳни газандаву талх ва мусиқии муносиб дар хонанда муассир меафтад.

Мазмуни ғолиб дар ин ашъор панду мавъиза ҳамроҳ бо мазомини арзишманди дигарест, ки боиста ва шоистаи андешаи волои одамӣ, чун Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ аст, чунонки чандин шеър дар қолаби ғазал дар хитоб ба одамӣ ва дар заминаи барҳазар доштани ӯ аз чокарии даргоҳ ва олуда шудан ба ҷаҳони моддиёту нодониву хобу хур ва низ дар мавриди танбеҳ ва ҳушёр

сохтани ӯст. Зимни ин ки лаҳни пандгуна ва мусиқиафтони ҳиҷоҳо дар пайванд бо мазомини ёдшуда бар ҳусни таъсири ғазалҳо афзудааст.

в) Баҳри музореъ

Ин баҳри арузӣ каму беш дар девони шоирони гуногун ва аз ҷумлаи, авзони пуркорбурд ба шумор меравад. Дар «Девон»-и Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ низ ба теъдоди 38 шеър, шомили ғазалу қитъа дар мутафарруоти ин баҳр суруда шуда, ки ба тартиби зайл ба онҳо ишора мекунем:

1. Баҳри музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (мақсур):

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

Ин баҳр аз ҷумлаи буҳури мумтад ва густарда ва пуртанини арӯзи форсист ва шоир 37 шеърро дар ин баҳру вазн суруда, ки матлаи онҳо чунин аст:

1.Соқӣ ба гардиш ор, майи лаълфомро,

Бе бода магзарон нафасе субҳу шомро [13, с.4]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон

2. Эй дил, каромате ту зи мардони раҳ махоҳ,

Дар сар бараҳнаги бирабуда зи Ҷам кулоҳ [13, с.11]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

3. Ид аст, соқӣ ор ба гардиш пиёларо,

Ошиқ зи чеҳра ранг диҳад барги лоларо [13, с.12]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

4. Чашмаш чу наргисест, пур азоби нимхоҳ,

Зулфаш чу сунбулест сияҳ пур зи печу тоб [13, с.15]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

5. Имрӯз лаъли дилбари ман пур зи шаккар аст,

Ҳар тори зулф тӯдае аз мушку анбар аст [13, с.16]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

6. Наврӯз шуд, ҷаҳон ҳама пуршӯру ғулғул аст,

Эй шоҳи ҳусн, кори ту рӯ дар тазалзул ас [13, с.17]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

7. Эй дӯст, гул зи рашки рухат пардадар шудаст,

Наргис зи чашми масти ту афкандасар шудаст [13, с.18]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

8. Ин бодаи сурх аз рухи зебои Марям аст,

Тӯбо хамида аз қади раънои Марям аст [13, с.18]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

9. Корам зи даври чарх ба охир расиданист,

Руҳи маро зи қолаби хунин кашиданист [13, с. 23]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

10. Омад фироқ боз дигар бор алғиёс,

Дидам зи ёр заҳмати бисёр алғиёс [13, с.26]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

11. Бишнав зи ҷоми бода чи тақрир мекунад,

В-аз зоҳидон шикояти тазвир мекунад [13, с.31]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

12. Соқӣ пиёла бахш, ки дилро сафо кунад,

Ошиқ зи шавқ ҷома чу бар тан қабо кунад [13, с.32]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

13. Хобам рабудаӣ ту ба чашмони масти худ,

Дилро фасурдаӣ ту бад-он тири дасти худ [13, с.33]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

14. Соқӣ чаро нишаставу сар бар намекунад,

Ёдам чаро ба гардиши соғар намекунад [13, с.35]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

15. Дидам узори моҳи туро, дил зи даст шуд,

Аз қомати ту тӯбиву шамшод паст шуд [13, с. 36]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

16. Ҳамрози зулфи ёр насими саҳар шавад,

Дар чини ғизол нофа зи хуни ҷигар шавад [13, с. 39]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

17. Резон ба ком з-он лаби лаълат шакар, шакар,

Сархуш шудам зи соғари шакар магар, магар [13, с.49]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

18. Эй хушхабар, биёр шамиме зи зулфи ёр,

Ин накди ҷону дил ба қудумаш кунам нисор [13, с.50]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

19. Соқӣ биёр бодаи худ дар миёна бош,

Дар роҳи ишқ сархушу масту ягона бош [13, с. 62]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

20. Соқи биё, ки гашта дил аз дасти ёр доғ,

Бар дил ниҳода меравад он гулизор доғ[13, с.69]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

21. Дар ишқи ёр шикваи дунёст нанг, нанг,

Дорад камони абруяш оҳанги ҷанг, ҷанг [13, с.72)

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

22. Мани бодахор аз лаби дилбар шудам, шудам,

Маст аз аёғи бодаи аҳмар шудам, шудам [13, с. 76]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

23. Умри ту бод ҷовиду айшат бувад мудом,

Аз соғари мурод рухат бод лаълфом [13, с.77]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон

24. Аз дасти дӯст ҷайби ҳаёро даридаам,

Азбаски ранҷ дида дароро кашидаам [13, с. 79]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

25. Дорам ҳавас, ки бар сари кӯят гузар кунам,

Бо рӯи хубат, эй шаҳи хубон назар кунам [13, с. 87]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

26. Мастем, соқиё майи гулнор боядам,

Мансури вақти хешаму бар дор боядам [13, с. 88]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

27. Имрӯз карда сурх ба бар дилрабои ман,

Симинбаре, ситамгаре, оҳунигоҳи ман [13, 91]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

28. Шӯхи қашанги сангдили хушхумори ман,

Симинбаре, ситамгаре, зайғамшикори ман [13, с. 91]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

29. Зулфи нигори ман ба ҳазорон шикан, шикан,

Чини шикан ҳазор гиреҳ, ҳар гиреҳ расан [13, с.92]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

30. Ҷоми шакаршикан зи кафи маҳ даҳан, даҳан,

Нӯшам баранд ёди ватан, чун ватан, ватан [13, с. 93)

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

31. Болобаланд, дилбари ширинкаломи ман,

Гардида остони ту ҷоҳу мақоми ман [13, с.95]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

32. Эй Офтоби бахт, ба даври сарои ту,

Иқболу фатҳашон ҳама дархурди рои ту [13, с. 100]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

33. Туркам зи шаҳри ишқ кунун сар кашидаӣ,

Дар базми майкашон ду-се соғар кашидаӣ [13, с.105]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

34. Шохи гуле ба дасти ту, эй гул хуш омадӣ,

Дар саҳни гул ба соғари пурмул хуш омадӣ [13, с.107]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

35. Омад аёғ дар кафи дасташ зи хушдилӣ,

Аз дил бибурд ёри маро ҷумла мушкилӣ [13, с.111]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

36. Омад баҳори хайр, ки то тарки май кунем,

Якбор гӯши ҳуш ба овози най кунем [13, с.138]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

37. Дилтангам аз фироқи рухи ҳамчу моҳи ту,

Озурда гашт дил зи хаданги нигоҳи ту [13, с.144]

**– – У / –У –У / У – – У / – У –**

мафъулу фоилоту мафоилу фоилун (фоилон)

2). Баҳри музореи мусаммани ахраб

мафъулу фоилотун мафъулу фоилотун

Аз миёни ғазалҳои шоир 1 шеър дар ин вазни пуртаҳаррук ва муҳайиҷ бо матлаи зер суруда шудааст:

Дар ҳазраташ расонед, арзи мани гадоро,

Мурдам зи ҳаҷри рӯяш фарёдрас Худоро [13, с.8]

– – У / –У – – / – – У / – У – –

мафъулу фоилотун мафъулу фоилотун

Мазмуни ин шеър дар бораи накӯҳиши чарх ва бозиҳои рӯзгор, даъвати одамӣ ба парҳез аз ғафлату хобу хур аст, ки албатта шоир барои муассир афтодани мафоҳими мавриди назар чунин оҳангеро интихоб кардааст.

Мазомин ва мафоҳими ашъори сурудашуда дар ин баҳр ҳамон панду ҳикмат ва гилаву шиква аз рӯзгор ба ҳамроҳи мабоҳиси фалсафист ва шоири огоҳ ба арузу мусиқии шеър низ ҳама ин мабоҳисро ба сурате ба ҷо ва шоиста дар ҷомаи чунин мусиқии пуртаъсир ва дархури ҷилваи зуҳур бахшидааст.

в) Баҳри мутақориб

Аз маҷмуи ашъори «Девон»-и шоир 7 шеър шомили ғазал, қитъа ва маснавӣ дар баҳри аслии мутақориб ва яке аз мутафарруоти он суруда шудааст. Гуфтанист, ки интихоби баҳри мутақориб, ки аз салобати ҳамосӣ ва шукӯҳи вежае бархурдор аст, барои мазомини пандомӯз ва танбеҳ кори бисёр санҷида ва дархури таваҷҷуҳ аст ва, хушбахтона, ки Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ низ

тавонистааст, ин мазомини арзишманд ва волоро дар ин баҳри арузӣ сохта ва пардохта ва бад-ин тартиб пайванде устувор миёни мазомин ва колбуди мусиқоии ашъор барқарор созад. Инак, баррасии авзони муҳими ин баҳр.

1).Мутақориби мусаммани солим:

фаъулун фаъулун фаъулун фаъулун

Ашъори сурудашуда дар ин баҳр муштамил аст, бар 5 ғазал ва маснавӣ, ки матлаи ин ашъор чунин аст:

1. Назар бо мани хаста ҷонон надорад,

Ки меҳру вафо расми хубон надорад [13, с. 44]

**У – – / У – – / У – – / У – –**

фаъулун фаъулун фаъулун фаъулун

2. Дило ишратамро ба ғам мефурӯшам,

Мар ин ҳастиам дар адам мефурӯшам [13, с. 89]

**У – – / У – – / У – – / У – –**

фаъулун фаъулун фаъулун фаъулун

3. Чаро чашм хунбор кардиву рафтӣ?

Ҳавохоҳи дидор кардиву рафтӣ? [13, с.111]

**У – – / У – – / У – – / У – –**

фаъулун фаъулун фаъулун фаъулун

4. Ҷаҳони фаноро абас зиндагонӣ,

Ба нодон макун рози дил то тавонӣ [13, с.117]

**У – – / У – – / У – – / У – –**

фаъулун фаъулун фаъулун фаъулун

5.Нагирӣ ба назмам ту мазмун бародар,

Ки мастам дамодам зи ҷому зи соғар [13, с. 134]

**У – – / У – – / У – – / У – –**

фаъулун фаъулун фаъулун фаъулун

Тамомии ин ашъори шикваомез ва пурбор дар бардорандаи мазомини муҳимест, чу накӯҳиши рӯзгор, шикоят аз нодонӣ ва ҷаҳолати авом, интиқод аз норостиҳо, мавъиза дар ёфтани даму вақт ва ғайра, ки дар либоси мусиқии

сангин ва ҷунбиши ҳиҷоҳои баланд, ки албатта дар печу хами зиҳофоти арузии фаровон устувории бас муассире меёбад, ваҷҳи хонандаро ба худ ҷалб мекунад.

Мазмуни ин ашъор иборат аст аз дил буридан аз дунё ва накӯҳиши таалуқоти дунявӣ, тохтан бар кӯҳнаработи ҷаҳон, ибратгирӣ аз рӯзгор ва гузари он, даъват ба ростиву некӣ ва росткирдорӣ ва ғайра, ки ҳамагӣ дар қолаби баёни ҳамосӣ ва устувору муносиб тасвир мегардад.

2). Баҳри мутақорибi мусаммани маҳзуф (мақсур):

фаулун фаулун фаулун фаъал (фаул)

Он чи дар ин вазн суруда шуда шомили 2 қитъа шеър аст, бо ин матлаъҳо:

1. Биё, бишкан ин ҷому паймонаро,

Зи лаъли лабат бахш он донаро [13, с.4]

**У – – / У – – / У – – / У –**

фаулун фаулун фаулун фаъал (фаул)

2. Маро гашт он ҷоми гулгун писанд,

Биёвар, аё соқии ҳушманд [13, с. 32]

**У – – / У – – / У – – / У –**

фаулун фаулун фаулун фаъал (фаул)

3). Баҳри мутақорибi мусаммани аслам

фаълун фаъулун фаълун фаъулун

1. Аз ишқ рӯяш андар биёбон,

Гаштам, нагуфтам ғам бо рақибон [13, с.94]

**– – / У – – / – – / У – –**

фаълун фаъулун фаълун фаъулун

Мазомини ин ашъор бештар ҳамонҳоест, ки дар баҳри мутақорибi мусаммани солим сурудааст. Танини ҳамосӣ ва пуршӯри сухани шоир аз устуворӣ ва шукӯҳи абёти танбеҳомез ва ибратомӯзи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бархурдор аст, ки дар таволии ҳиҷоҳои баланд ва мусавватҳои мумтад ва пурмусиқӣ ҷилваи дигар меёбад ва чи басо ҳамин вежагӣ сабаб шуда, ки дар саросари «Девон»-и ӯ ҳама ашъоре, ки дар ин баҳр суруда, муассир ва пурбор гардад.

г) Баҳри хафиф

1. Баҳри хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф (мақсур, аслам, аслами мусаббағ):

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

Аз миёни ашъори «Девон» 24 ғазал ва маснавӣ дар ин вазн ва баҳр суруда шудааст, ки матлаи онҳо чунин аст:

1. Ҳар ки бо як бало гирифтор аст,

Зи чи аҳмақ ба аблаҳ хушдор аст [13, с.19]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

2. Гул ба дасти ту, дил ба дасти кист?

Эй санам хотират парешони чист? [13, с. 20]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

3. Тири кокулрабост мижгонат,

Ҷони ошиқ фидои чашмонат [13, с.20]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

4. Эй басо ғам зиёда афтодаст,

Ёри мо сахт сода афтодаст [13, с.24]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

5. Субҳи васлам даридапираҳан аст,

Ёри мо дар сарочаи бадан аст [13, с. 26]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

6. Партави оразаш бувад чу сироҷ,

Ҳаст гӯӣ ду зулфи ӯ шаби доҷ [13, с.27]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

7. Эй мухаттат мухосима то чанд?

Бо ман дили шикаста сарви баланд [13, с. 29]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

8. Дилам аз ишқи рӯш пурхун шуд,

То ки дилдор оразаш бинмуд [13, с.41]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

9. Хубрӯе, ки сарбаланд бувад,

Назди ушшоқ нописанд бувад [13, с.47]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

10. Раҳраве бо ман ҳаминон гардид,

Ҳаминон буд, ҳамзабон гардид [13, с.48]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

11. Як азиз мaрост бадри мунир,

Ки надорад дар ин замона назир [13, с.55]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

12. Шоҳи хубон туро мабод завол,

Оразат бадру абрӯи ту ҳилол [13, с.75]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

13. Ошиқи чашми масти ёр шудам,

Бехуду маҳву дилфигор шудам [13, с. 79]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

14. Ёр моро ба ноз мекашадам,

З-абрувони дароз мекашадам [13, с.83]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

15. Дам ба дам аз фироқ дар ҷӯшам,

Бори ғамро фиканда бар дӯшам [13, с.89]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

16. Дӯстӣ боз тоза аз сар кун,

Мункиронро ба хеш мункар кун [13, с.95]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

17. Гулрухон ҳар гуле ҳамедидан,

Бӯй нокарда дастае чидан [13, с.97]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

18. Дилбаро, ганҷи шойгон шудаӣ,

Халқро қудваи замон шудаӣ [13, 103]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

19. Писаре буд, оразаш чун моҳ,

Балки маҳро намуда номасиёҳ [13, с.104]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

20. Чашми ман чашмҳо басе дида,

На чунин чашми нописандида [13, с.105]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

21. Дил зи ман бурд чашми масти касе,

Мижаҳаш гашт дилнишасти касе [13, с.107]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

22. Кардӣ бо ман ту аҳду паймонӣ,

Ки нагардам зи шарти инсонӣ [13, с.115]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

23. Гар ба каф орӣ як дили дамсоз,

Беҳтар аст аз ҳазор ҳаҷҷу намоз [13, с. 135]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

24. То ки маст аз майи муғона шудам,

Дар раҳи ошиқӣ ягона шудам [13, с.139]

**– У – – / У – У – / – –**

фаилотун фаилотун фаълан (фаилон фаълан фаълон)

Ин баҳри арузӣ, баҳрест орому сангин ва на чандон тунду зарбӣ, агарчи аз назари наққодони арузӣ муносибате бо мазомини пандомез надорад, аммо дар асари арзишманде чун «Ҳадиқа»-и Саноӣ, ки пур аст аз панду ваъзу ҳикмат, истифода шуда ва дар он таносуби хуб миёни вазну муҳтаво барқарор шудааст.

Дар «Девон»-и Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ низ ин баҳр дар хидмати мазомини ҳакимона ва панду мавъиза ва ситоиши дониш қарор гирифта, аз лобалои мусиқии ором ва афсусу андуҳи ҳоким бар ашъор, пайванди устувори вазну муҳтаво ба хубӣ ошкор аст.

д) Баҳри муҷтаси мусаммани махбуни маҳзуф (мақсур, аслам, аслами мусаббағ):

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

Аз маҷмуи ашъори «Девон» 39 шеър дар ин баҳри арузӣ бо ин матлаъҳо суруда шудааст:

1. Зи теғи меҳр барафрӯхт машъали дилро,

Зи шабнами рухи гул об дод маҳфилро [13, с. 10]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

2. Зи нури бода барафрӯхт табъи зишти маро,

Зи хуни духтари раз кард сарнавишти маро [13, с.11]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

3. Ба сар мароcт мудоман ҳавои он маҳбуб,

Харобу хастадилам аз барои он маҳбуб [13, с.14]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

4. Маро зи ишқи рухи ёр сина лабрез аст,

Биёр соқӣ, шаробам, ки бод гулбез аст [13, с. 17]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

5. Макуш маро зи чунин шӯхиҳои ширинат,

Нигоҳ дор дил аз хандаҳои рангинат [13, с.8]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

6. Бародар аз рухи ту гул дар изтироб шудааст,

Ки сурх оразат аз нашъаи шароб шудааст [13, с. 22]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

7. Шаҳо, гушоиши бахти ту рӯзафзун бод,

Ҳумои шаъну ҷалоли ту бод маймун бод [13, с.31]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

8. Лаби ту соғари дилро пур аз шароб кунад,

Рухи ту ошиқи ғамдидаро кабоб кунад [13, с. 33]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

9. Дилам зи ҷаври ҳаводис чу ғарқаи хун шуд,

Канори ҳаҷлаи чашмам чу рӯди Ҷайҳун шуд [13, с.34]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

10. Хабар расид, ки ёрам расид, бода расид,

Ба кӯҳу дашт рухи дилкушои хайма кашид [13, с. 39]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

11. Саводи чашми ту нур аз дили зиё бибарад,

Камони абруят офоқро зи ҷо бибарад [13, с.41]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон**)**

12. Баҳор рафт, маро ин ҳубоб мемонад,

Ба наргиси ту мар ин офтоб мемонад [13, с.43]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

13. Насими субҳ чунин мушкбор меояд,

Ба пурсиши мани саргашта ёр меояд [13, с.46]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

14. Ба манзари ту расидааст дилрабо, Нодир,

Дигар чи металабӣ, гӯй аз Худо Нодир [13, с. 52]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон**)**

15. Мақар чи ҷои қарору мақолат аст гуфтор,

Дурӯғи муфтарӣ омад, муқомир аст қимор [16, с. 57]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

16. Пиёла бахш, аё соқии накӯкирдор,

Зи нури бода мунаввар кунам дили зангор [13, с.57]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

17. Чаҳор модар марост, ҳамчу панҷ писар,

Ки ҳар яке зи яке нур гашта бас анвар [13, с.58]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

18. Расид мужда маро дӯш зи утоқи сурӯш,

Сироҷи миллати динрост давр, бода бинӯш [13, с. 61]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

19. Ба фарқи ошиқи ғамгин ба теғи қаҳру диҳиш,

Вале шароб бинӯшон зи меҳри подшаҳаш [16, с.64]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

20. Бути айёр туро хоҳам аз Худо маҳфуз,

Анису муниси ман гардӣ аз бало маҳфуз [13, с.68]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

21. Хуш аст шеъри ту ширинтар аз шакар, Ҳофиз,

Навишта назми ту ҳар котибе ба зар, Ҳофиз [13, с. 68]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

22. Зи чашм хун бичаконам, бар остони фироқ,

Ки омадаст, чи созам кунун замони фироқ [13, с.72]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

23. Зи дайри пири муғонам, кунун чи ғам дорам,

Ки маст аз майи ишқаш миёни бозорам [13, с.77]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

24. Чаман зи рашки рухат гашта қиргун ин дам,

Дили шақоиқу сурӣ шудаст хун ин дам [13, с.78]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

25. Ба гардиш ор қадаҳ, соқиё, ки махмурам,

Ба маҷлис аст маро турфа ёри мастурам [13, с.81]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

26. Зи дастат, эй бути бадхӯ бигӯ чи чора кунам,

Куҷо равам зи ғамат, чанд ҷома пора кунам? [13, с.85]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

27. Дило, рафиқи сафаркарда боз мерасадам,

Азизи ман чу зи роҳи дароз мерасадам [13, с.86]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

28. Сухан зи мутрибу май гӯй, дилбаро чандон,

Ки ошиқон ба рухат ҳамчу гул шавад хандон [13, с.93]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

29. Аҷал куҷост, ки ояд маро баранд кашон,

Ба қабр бинҳаду осуда гардамаш зи ҷаҳон [13, с.93]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

30. Буто, бирез шаробе, шавем тоза аз ӯ,

Муяссар аст маро ин замон рухи неку [13, с.101]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

31. Чаро ту шона занӣ зулфи ёр машшота?

Макун шикаста дилам, беқарор машшота [13, с.102]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

32. Биё, маро набувад тоқати муфосила,

Намефиристиам, эй гул чаро муросила [13, с.106]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

33. Ту гар зи мо шудаӣ дур, аз Худо дурӣ,

Надода узри туро Кирдгор манзурӣ [13, с.114]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

34. Назар намекунӣ сӯям, чи муддао дорӣ?

Қасам ба ҷони азизат, бигӯ Худо дорӣ? [13, с.117]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

35. Чи хуш маро, ки арусе чу духти ангур аст,

Сарам зи соғари ишқаш чи маст махмур аст [13, с.120]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

36. Расид фасли баҳору вазид бодаи ноб,

Биё, нигор ба ушшоқ деҳ аёғи шароб [13, с.128]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

37. Расид мужда ба гӯшам, ки дилрабо омад,

Барои уқдаи дилҳо гиреҳкушо омад [13, с.133]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

38. Сарам хуш аст зи ҷоми қашанги симинбар,

Хуш он замон, ки ба ман ёр гардад ҳамбистар [13, с.134]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

39. Маро ба даҳр ҳамин муддаост Шоҳ Маҳмуд,

Муроди банда висоли шумост Шоҳ Маҳмуд [13, с.147]

**У – У – / У У – – / У – У – / – –**

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун (фаълон, фаълан, фаълон)

Муҳимтарин мазомини ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар ин баҳр ва зиҳофоти он иборат аст, аз шиква аз аҳволи нобасомони хеш ва шикоят аз рӯзгори сустпаймон ва нопойдори дунё, сарзаниши авоми нодон ва динфурӯшон, накӯҳищи ҳирсу оз ва мақомталабӣ, ситоиши ҳикмату фазлу хирад, дил набастан ба сарои зудгузар ва ғайра мебошад.

Лаҳну оҳанги сухани шоир дар ҳамаи ин сурудаҳо пандона ва итоболуду гоҳ дардомез аст. Гӯйӣ шоир бо интихоби чунин вазну баҳре барои баёни мафоҳими мавриди назар, дар танини мусаввитҳо ва ҳиҷоҳои баланду кашида оҳанги нарму пӯён ба сухани худ бахшида ва талош намуда, то руҳи озурдааш тасаллӣ ва оромиш ёбад ва дар натиҷа шоир тавонистааст, миёни мусиқӣ ва фаҳвои абёт таносуби нек барқарор созад.

е) Баҳри раҷаз

Аз ашъори «Девон» танҳо як ғазал дар ин баҳр, баҳри аслии раҷаз ва 3 ғазал дар зиҳофоти он суруда шудааст, ки матлаи онҳо чунин аст:

1. Баҳри раҷази мусаммани солим:

мустафъилун мустафъилун мустафъилун мустафъилун

Ташриф овар, эй санам, мурдем ҷонон аз фироқ,

Аз ҳаҷри рӯят сӯхтам, дорем ҳирмон аз фироқ [13, с.71]

**– – У – / – – У – / – – У – / – – У –**

мустафъилун мустафъилун мустафъилун мустафъилун

2. Раҷази мусаммани матвии махбун:

муфтаилун мафоилан муфтаилун мафоилан

1. Сӯи мани гадо, гадо, эй маҳи дилрабо рабо,

Як назаре намо, намо, зуд барам биё, биё [13, с.7]

**– У У – / У – У – / – У У – / У – У –**

муфтаилун мафоилан муфтаилун мафоилан

2. Эй бути ман мадеҳ зи каф, шеваи дӯстонаро,

Ёд чаро намекунӣ ошиқи ғоибонаро? [13, с. 13]

**– У У – / У – У – / – У У – / У – У –**

муфтаилун мафоилан муфтаилун мафоилан

3. Орази нимранги ӯ, то кӣ кашид ҳусни хат,

Шамс шуду Қамар намуд, кӯчаи хешро ғалат [13, с. 67]

**– У У – / У – У – / – У У – / У – У –**

муфтаилун мафоилан муфтаилун мафоилан

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар бештари девонҳои форсӣ, дар мутафарруоти баҳри раҷаз, аз ҷумла раҷази матвӣ ва раҷази матвии махбун: муфтаилан мафоилан муфтаилан мафоилан ашъоре ҳарчанд кам ёфт мешавад, аз ин авзон дар девони Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ҳам чанд намуна дар ҳар ду шакли солим ва мутафарруоти он омадааст. Чунонки, аз баррасии авзони ашъори ӯ метавон дарёфт, ки мусиқии бештари ашъори ӯ сангин ва муносиби фаҳвои калом аст, ки баҳри раҷаз ин мусиқиро тадоъӣ мекунад.

ё) Баҳри муқтазаб

Он чи шоир дар ин баҳр сурудааст, танҳо 4 ғазал аст, бо ин матлаъҳо:

Баҳри муқтазаби мусаммани матвӣ мақтуъ

1. Ҷон аст он лаъли дилбари сухандон аст,

Дилфигор бар чашму ғамзаҳои мижгон аст [13, с. 25]

**– У – У / – – – / – У –У / – – –**

Фоилоту мафъулун фоилоту мафъулун

2. Ёр бо мани мискин, сахт чун аду печид,

Ҳарф то баланд омад, сар зи гуфтугӯ печид [13, с.45]

**– У – У / – – – / – У –У / – – –**

Фоилоту мафъулун фоилоту мафъулун

3. Ёри бевафоеро бесабаб гирифторам,

Кай шавад ба мо ҳамдам, дилбари ҷафокорам [13, с.82]

**– У – У / – – – / – У –У / – – –**

Фоилоту мафъулун фоилоту мафъулун

4. Сарвро ба бар гирам, бӯса аз дилороме,

Кош мақдами ёрам, бӯса дод инъоме [13, с.110]

**– У – У / – – – / – У –У / – – –**

Фоилоту мафъулун фоилоту мафъулун

Гуфтанист, ки шоир дар бархе аз буҳури арузӣ, аз ҷумла, дар баҳрҳои: басит, мадид, тавил, вофир, комил, қариб, ҷадид, мушокил ва сареъ дар китоби «Девон»-и худ аслан шеъре насурудааст.

Он чи ба гуфта омад, нигарише буд, бар вазни ашъори «Девон»-и Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ки аз хилоли он метавон ба пуркорбурдтарин ва камкорбурдтарин вазн дар ин девон бай бурд.

Аз маҷмуи 389 шеъри баррасишуда дар «Девон»-и шоир баҳри ҳазаҷ бо 199 шеър пуркорбурдтарин ва баҳри муқтазаб бо 4 шеър камкорбурдтарин баҳри арузии «Девон»-и ӯст.

Корбурди авзони арузии маҷмуи ашъори «Девон» ба тартиб чунин аст:

1. Баҳри ҳазаҷи мусаммани солим 25 ғазал.

2. Баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф 29 шеър.

3. Баҳри ҳазаҷи маҳзуф 3 дубайтӣ.

4. Баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф 21 ғазал.

5. Баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷдуъ 35 рубоӣ.

6. Баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷдуъ 1 ғазал.

7. Баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар 20 рубоӣ.

8. Баҳри ҳазаҷи мусаммани ахрами маҷбуб 35 рубоӣ.

9. Баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтам 30 рубоӣ.

Дар баҳри ҳазаҷ 199 шеър.

10. Баҳри рамали мусаммани маҳзуф 21 ғазал.

11. Баҳри рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур 21 ғазал ва маснавӣ.

12.Баҳри рамали мусаммани махбуни маҳзуф 26 ғазал.

13. Баҳри рамали мусаммани машкул 2 ғазал.

Дар баҳри рамал 70 шеър.

14. Баҳри музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф 37 ғазал.

15. Баҳри музореи мусаммани ахраб 1 ғазал.

Дар баҳри музореъ 38 ғазал.

16. Баҳри мутақорибиби мусаммани солим 6 ғазал.

17. Баҳри мутақорибi мусаммани маҳзуф 2 ғазал.

18. Баҳри мутақорибi мусаммани аслам 1 ғазал.

Дар баҳри мутақориб 9 шеър.

19. Баҳри хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф (мақсур, аслам) 24 маснавӣ.

20. Баҳри муҷтаси мусаммани махбуни маҳзуф (мақсур, аслам) 40 ғазал.

21. Баҳри раҷази мусаммани солим 1 ғазал.

22. Баҳри раҷази мусаммани матвии махбун 5 ғазал.

Дар баҳри раҷаз 6 ғазал.

23. Баҳри муқтазаби мусаммани матвии мақтуъ 4 ғазал.

Бо мутолиа ва таҳқиқ дар авзони ашъори Нодири Каёнӣ метавон дарёфт, ки:

1. Пуркорбурдтарини баҳри арузӣ дар «Девон»-и шоир баҳри ҳазаҷ аст, ки шоир 199 шеърро дар ин баҳр ва вазн сурудааст. Ва пас аз он баҳри рамал ва шохаҳои он аст, ки шоир дар ин баҳр 70 шеър сурудааст ва баъд аз он баҳри муҷтас қарор мегирад, ки дар ин баҳр 40 ғазал ва қитъа суруда шуда, пас аз он баҳри музореъ аст, ки 38 ғазал ва қитъа дар ин баҳр суруда шуда ва баъд аз он баҳри хафиф мебошад, ки 24 қитъа шеър шомили ғазалу маснавӣ ва дубайтӣ дар ин баҳр суруда шуда ва низ баҳри раҷаз, ки 6 қитъа шеър дар он суруда ва камтарин шеър дар баҳри муқтазаб суруда шудааст, яъне 4 ғазал.

Шоир дар баҳрҳои арабӣ ва буҳури камистеъмол дар ин «Девон» шеъре надошта, аммо бо ин вуҷуд аз 8 баҳри арузӣ ва 30 вазни шеърӣ истифода карда, ки нишон аз танаввуи вазнӣ дар «Девон»-и ӯст

2. Агарчи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ авзони на чандон ғарибистеъмол ва нодирро барои ашъори худ баргузида, аммо ашъори ӯ аз назари мусиқӣ ва вазни шеър, дар дастандозҳои мутааддади арузӣ афтода, ки сабаб шуда авзони ашъораш гоҳе ба сурати авзони нодир ҷилва намояд.

3. Бо муқоисаи вазни арузии ашъори девони дигар шоирони муосир бо «Девон»-и Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ пайдост, ки ӯ дар заминаи баҳрагирӣ аз буҳури арузӣ ва пайванд додани вазни арузӣ бо муҳтавои ашъор, бисёр

устодона амал карда ва аз назари нигоранда дар ин роҳ як тан аз мумтозтарин шоирони муосир ба ҳисоб меравад.

4. Беҳтарин ва таъсиргузортарин ашъори «Девон»-и шоир ҳамонҳоест, ки дар 6 вазни сангин, яъне ҳазаҷи мусаммани солим, рамали мусаммани махбуни маҳзуф, муҷтаси мусаммани махбуни маҳзуф, музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф, хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф ва раҷази мусаммани солим суруда шуда ва аз бештарин зиҳофоти арузӣ бархурдор аст.

**Қофия ва радиф.** Қофия аз рӯзгорони гузашта то кунун дар шеъри форсӣ аҳаммияти асосӣ доштааст. Шамс Қайси Розӣ қофияро яке аз аркони шеър, ҳатто муҳимтар аз вазн мешуморад: «Сухани беқофиятро шеър нашмаранд, агарчи мавзун афтад»[41, с.196]. Нимо Юшиҷ, падари шеъри муосири форсӣ, бо вуҷуди инқилобе, ки дар шакл ва сурати шеъри форсӣ падид овард, ҳамчунон, қофияро рукни асосӣ дар шеър мешуморад: «Шеъри беқофия хонаи бе сақфу дар аст ва агар қофия набошад чи хоҳад буд? Ҳубоби миёнхолӣ. Шеъри беқофия монандӣ одами беустухон аст» [64, с.104].

Дар боби нақши мусиқоии қофия, фақат ба ин нукта ишора мекунем, ки қофия низ аз нахустин авомиле будааст, ки дар миёни ақвоми ибтидоӣ ба унвони омили муассир дар растохези калимаҳо ба ҳисоб омадааст ва ҷодуи алфозро дар саҷияи коҳинон, ки беморонро шифо медодааст, метавон дид.

Дар мавриди қофия ва аҳаммияту мақоми он дар шеър то кунун чунон ки бояд сухане ба форсии дарӣ нагуфтаанд ва агар гуфтаанд, бар асоси ҳамон суннатпарастӣ ва пайравӣ аз ақида ва тарзи кори пешиниён будааст, агар ба китобҳои форсӣ, ки дар бораи илми шеър ва қофия навиштаанд, руҷуъ кунем, мебинем, ки дар бораи ҳунари аслии қофия камтарин таваҷҷуҳе накардаанд. Ва ҳаргиз маълум надоштаанд, ки қофия дар шеър чӣ аҳамият ва мақоме дорад ва ҷойи ба кор рафтани он куҷост. Дар ин ҷо ба нақш ва таъсири қофия дар шеър бо ишора ва гузаро таваҷҷуҳ дода шуда, баъд ин ҳунарро дар ашъори «Девон»-и Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба баррасӣ мегирем:

Нақш ва таъсири қофия дар шеър:

1. Таъсири мусиқӣ.

2. Ташхисе, ки қофия ба калимоти хоси ҳар шеър мебахшад.

3. Лаззате, ки қофия аз бароварда шудани як интизор ба вуҷуд меоварад.

4. Зебоии маънавӣ ё танаввуъ дар айни ваҳдат.

5. Танзими фикр ва эҳсос.

6. Истеҳкоми шеър.

7. Кӯмак ба ҳофиза ва суръати интиқол.

8. Эҷоди ваҳдати шакл дар шеър.

9. Ҷудо кардан ва ташхиси мисраъҳо.

10. Кумак ба тадоии маонӣ.

11. Таваҷҷуҳ додан ба зебоии зотии калимот.

12. Таносуб ба қаринасозӣ.

13. Эҷоди қолаби мушаххас ва ҳифзу ваҳдати шеър.

14. Тавсеаи тасвирҳо ва маонӣ.

15. Илқои мафҳум аз роҳи оҳанги калимот.

Радиф шакли дигаре аз мусиқии шеър ва дар ҳақиқат такмили мусиқии қофия ё шакли ғанитаршудаи қофияҳост, судҳои фаровоне ба шеъри форсӣ дорад ва дар ҳақиқат радифро бояд яке аз неъматҳои бузурги шеъри форсӣ донист, зеро он аз чанд ҷиҳат ба шеър зебоӣ ва аҳамият мебахшад:

1. Аз назари мусиқӣ.

2. Аз назари маонӣ ва кумак ба тадоиҳои шоир.

3. Аз назари эҷоди таркибот ва маҷозҳои бадеъ дар забон.

Аз баррасии шеърҳои форсӣ, арабӣ ва туркӣ ба хубӣ дониста мешавад, ки радиф хоси шеъри форсии дарӣ ва ихтирои форсизабонҳост [89, с.142].

Ҳамон гуна, ки дар фасли саввуми боби якуми диссертатсия ишора шуд дар гузаштаҳо, лозимаи як шеър, назму тартиб ва вазну қофияро медонистанд, аммо акнун илова бар мавзун будан, хаёлангезӣ ва бо муҳтаво будани шеър низ, яке дигар аз шароити муҳим барои як сароянда ва соҳибсухан аст, аммо ба ҳар ҳол риояти вазн, қофия ва радиф дар ашъор бидуни шак каломро мутантан, барангезонанда, таъсиргузор ва қобили фаҳм месозад, аз ин рӯ ҳеч паёми тахайюли асарноку дилхоҳ нахоҳад буд, то мавзун ва муқаффо набуда бошад,

зеро муқаффо будан, омили ташхису оҳангин сохтани масореъ, мукаммалии вазн ва афзоишдиҳандаи хаёлангезӣ, интиқолдиҳандаи мафҳум ё манзури шоир ва интизомбахшандаи ваҳдату таносуби андоми мукаммалаи шеър мебошад, ки ин ҳама вижагиҳо ва мавсуфот дар калому сурудаҳои Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба мушоҳида мерасад.

Қофия ва радиф ҳамчун вазни арузӣ дар ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ҳузури малмус ва машҳуде дорад ва ин суботи ҳузурро низ метавон аз тавонмандии баланди ӯ дар истифода ва корбурди авзони мухталифаи арузӣ дарёфт; чун як суруда, замоне бо муваффақият ҳамроҳ ва аз ҷойгоҳи лозиму муносибе бархурдор хоҳад шуд, ки робитаи занҷирӣ ва истеҳкомӣ миёни вазн, муҳтаво, қофия ва соири вижагиҳои шеърӣ дар он барқарор гардида бошад.

Қофия, ки дар луғат ақиби гардан ва аз пайравандаро маъно медиҳад, ба ҳарфу калимаи охири абёт гуфта мешавад, ки дар талаффуз ва вазн ҳамсони ҳам буда бошанд.

Ё қофия ба ҳарфи аслӣ ва муштараки калимоти ҳамоҳанги интиҳоии ҳар мисраъ ишора гардида, ки онро ҳарфи «равӣ» низ мегӯянд.

Ва ё калимаҳои номукаррари охири абёт ва масореъро, ки тамом ё қисмате аз онҳо ҳамоҳанг ва ҳарфи аслии охири онҳо, яксон буда бошанд, калимоти қофия гуфта мешавад.

Масалан, дар ин абёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ:

Ақлро бишнос, то ёбӣ наҷот,

То абад набвад ҳаётатро мамот. [13, с.122].

***

Ақл сӯйи охират дорад шитоб,

Нафс бошад дур аз роҳи савоб.[13, с.90].

Дар ин ду байт калимоти «наҷот», «мамот», «шитоб» ва «савоб» қофия ҳастанд ва агар чунончи калимоти ҳамшакл дар охири абёт ва мисраъ оварда шавад, ба онҳо радиф мегӯянд ва калимаҳои қабл аз он қофия аст, яъне радиф ҳамеша айни ҳам буда, баъд аз қофия оварда ва ба кор бурда мешавад; масалан:

Нозам рухи он моҳи шабистони фарангӣ,

Хун мехурам аз ғамзаи мижгони фарангӣ [13, с.108]

Ва ё:

Бурди дилам эй мӯймиён, духтари русӣ,

Кам гӯ сухан ай нимзабон, духтари русӣ [13, с.108].

Ин ҷо, дар ду мисраи аввалӣ вожаҳои «шабистон» ва «миҷгон» қофия ва калимоти ҳамсони «фарангӣ» радиф ва, ҳамчунон, дар ду мисраи баъдӣ, калимоти «миён» ва «забон» қофия ва калимоти «духтари русӣ» ки пас аз қофия дар охири масореъ омадааст, радиф гуфта мешавад.

Бо ин ваҷҳ, агар калимоти охири абёт бо ҳам яксон буда бошанд, дар он сурат бо он вожаҳо радиф ва ба ҳуруфи якранги ахири вожаҳои қабл аз он, қофия гуфта мешавад.

Қофия дар ашъори суннатии забони порсии дарӣ, ки ба калимоти ҳамоҳанги охири абёт ва масореъ гуфта мешавад, дар бахши адабиёт ба унвони яке аз саноеи муътабари адабӣ, қисмати васееро эҳтиво мекунад, ки мо бо инсироф аз баҳси густурда дар ин боб, фақат ба зикри маҳдуде аз вижагиҳои қофия, аз ҷумла муаррифии ҳуруфи қофия ва алқобу ҳудуди қофия, он ҳам бо овардани мисолҳои мушаххас аз ашъори шоири мавриди назар (Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ-М.Р.) басанда менамоем.

Мавҷудияти ашъори нағз дар буҳур ва авзони мухталифи шеър миёни маҷмуаи ғазалиёти шоир (Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ-М.Р.), ин дасти бозро ба мо медиҳад, ки баҳси марбут ба шинохти қофияро бо такя бар ашъор ва мисолҳои худи ин шоир барҷаста созем.

Дар баҳси марбут ба қофия, он чи ки мусаллам аст, ин аст, ки асос ва бунёди қофия дар воқеъ бар ҳарфи «равӣ» ва ё ҳамон ҳарфи охирини калимаҳои қофия, ниҳода шудааст ва ба ҳамин хотир гоҳе мегӯянд, ки қофия дар асл фақат «як ҳарф» асту бас; бинобар ин дар мавзуи марбут ба қофия ҳамон ҳарфи «равӣ» ва «ҳаракати моқабли» он, аз ниёзҳои аслӣ ва меҳварии мост.

Меҳрубоно, зи фироқат шудаам хуни ҷигар,

Хастаро васл ва ё бода хурад шому саҳар [13, с.50].

Дар ин байт калимаҳои «ҷигар» ва «саҳар» қофия ва ҳарфи «р» ҳарфи «равӣ» аст ва ҳам дида мешавад, ки ба ҷуз аз ҳарфи «р» равии дигар ҳуруфи ин қавофӣ, ҳамшакл ва ҳаммонанд нестанд. Ва гоҳе ҳам, ба истиснои ҳарфи «равӣ», дигар ҳуруфи қофия низ метавонанд ҳамсони ҳам бошанд, масалан:

Эй балопеша туро фитна ба дунбол чи қадар?

Фитна меборӣ ту аз ҳар сари мижгон чи қадар? [13, с.51].

Дар ин ҷо дида мешавад, ки калимаи «чи қадар», ки ҳамсон ва айни ҳаманд, худ қофия қарор гирифтааст, бо онки чунин ҳолоте миёни ашъори шоирон дар ҳадди камтаре дида мешавад.

Ҳамчунон, гоҳе абёти зуқофиятайн ё ду қофиявӣ дар миёнаи ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба мушоҳида мерасад, масалан:

Макаш маро аз чунин шӯхиҳои ширинат,

Нигаҳ дор дил аз хандаҳои рангинат [13, с.18].

Дар ҳар мисраи ин байт дида мешавад, ки ду қофия вуҷуд дорад; Монанди калимоти «шӯхиҳои» ва «хандаҳои» ва вожаҳои «ширинат» ва «рангинат», ки ҳар кадом билмуқобил, қофияҳои ин байтро ташкил медиҳанд. Ва ҳам баъзе абёте дар ашъори шоир дида мешавад, ки соҳиби ду қофия ва як радиф мебошанд, монанди:

Резиш аз чашмони шӯхат дур бод,

Чашми бад афтад ба рӯят кӯр бод [13, с.45].

Зуқофиятайн аз назари тақаррур ду гуна аст, яке он ки қавофии он бидуни фосила дар канори ҳам қарор гиранд; мисли намунаҳои «шӯхиҳои ширинат» ва «хандаҳои рангинат» дар байти болоӣ ва дигаре он ки қавофии масореъ дар фосила аз ҳам қарор бигиранд; масалан:

Чашмаш наргисест пур аз обу нимхоб,

Зулфаш чу сунбулест сияҳ пур зи печу тоб [13, с.15].

Дар ин ҷо «наргисест» ва «сунбулест» ва калимоти «хоб ва тоб» зуқофияҳои бофосила шумурда мешаванд.

Ҳузури зуқофиятайн дар шеъре, ки каломро некӯ ва хушоянд месозад, шоири соҳибандешаи моро водоштааст, то барои тазйини ашъораш, аз ин санъат кумаки зиёд бигирад.

Гарчанде ки мутолиаи кунунии қофия, аз ҳолати суннатии қадимии худ фосила гирифта ва ҳуруфи муайяни қабл аз «равӣ» ва баъд аз он ки дар адабиёти араб мураввиҷ аст, чандон корбурде дар ашъори забони порсии дарӣ надорад, аммо ба далели асарпазирии қофияи суннатии шеъри порсии дарӣ аз забон ва адабиёти арабӣ ба зикри фишурдаҳои аз мавқеият ва нақшҳои ин ҳуруф мепардозем.

Илова аз ҳуруфи «равӣ» ба теъдоди ҳашт ҳарфи дигар низ дар қофия нақш доранд, ки чаҳори он пеш аз ҳарфи «равӣ» ва чаҳори дигари он баъд аз ҳарфи «равӣ» меояд, аммо ҳуруфи таъсис, дахил, ридф ва қайд, ки ҷузъи қофияанд, аз ҷумла ҳуруфе ҳастанд, ки қабл аз ҳарфи «равӣ» меоянд ва ҳуруфи васл, хуруҷ, мазиду ноира, ҳуруфеанд, ки баъд аз «равӣ» меоянд, ки дар маҷмуъ кулли қофияро нӯҳ ҳарф дар бар мегирад.

Барои шинохтани ҳуруфи қофия ва ёдгирии саҳли он, масореи зер ҷолиб ва қобили таваҷҷуҳ аст:

Қофия дар асл як ҳарф асту ҳашт онро табаъ,

Чаҳор пешу чаҳор пас, дар маркази он доира.

Ҳарфи таъсису дахилу ридфу қайд, он гаҳ равӣ,

Баъд аз он васлу хуруҷ асту мазиду ноира [135, с.106].

Барои нишондиҳии ҳар чи беҳтари ҳуруфи қофия, инак ба мисолҳое аз матни девони ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, таваҷҷуҳ мабзул гардад:

1. Ҳуруфи таъсис

Агар садоноки баланд ва ё садодори «о» бо фосилаи як ҳарфи мутаҳаррик, пеш аз «равӣ» қарор гирад, ҳарфи таъсис гуфта мешавад, мисол:

Манеҳ Нодир зи дасти хеш ҷоми арғувониро,

Зи бун бармеканад анҷом, тухми зиндагониро [13, 6].

Дар ин байт нишонаи мафъулии «ро» радиф, калимоти «арғувонӣ» ва «зиндагонӣ» қофия ва ҳарфи «о», ки бо фосилаи як ҳарфи мутаҳаррик аз ҳарфи равии «ӣ» мавқеият дорад, ҳарфи таъсис хонда мешавад.

2. Ҳарфи дахил

Ҳарфи мутаҳаррикест, ки миёни ҳарфи «равӣ» ва ҳарфи таъсис қарор гирад. Дар байти боло, ҳарфи максури «н» дар калимоти «арғувонӣ» ва «зиндагонӣ» ки миёни ҳарфи равии «ӣ» ва ҳарфи таъсиси «о» воқеъ шудааст, ҳарфи дахил ёд мешавад.

3. Ридф

Ридф ду қисм аст:

а). Ридфи аслӣ

Агар садонокҳои баланди «о, у, ӣ» бидуни фосила аз ҳарфи «равӣ» биёянд, ридфи аслӣ ба даст меояд, масалан:

Бастаӣ корам бад-он зулфони доҷ,
В-аз лабонат деҳ ривоҷам, деҳ ривоҷ [13, с.27]

***

Нигорам бурд сабр аз дил, зи сар ҳуш,
Ниҳодаш ҳалқаи тадбир дар гӯш [13, 64].

***

Мухаттат кокулат монандаи қир,
Ба нӯки ғамза мехоҳӣ занӣ тир [13, с.53].

Дар мисолҳои боло дида мешавад, ки садонокҳои баланди «о» ва «у» бидуни фосила ва пеш аз ҳарфи «равӣ» қарор гирифтаанд.

б). Ридфи зоид

Ридфи зоид он аст, ки байни садонокҳои баланди «о» ва «ӣ» ва ҳарфи «равӣ» омада ва худаш ҳам сокин бошад, мисол:

Дилбари болобаландам хушнамост,
Дилакашу шаккарлабу соҳибҳаёст [13, с.25].

***

Қадри инсон бартар аз хулқи накӯст,

3-он, ки ахлоқи ту дорад бӯи дӯст [13, с.99].

***

Гул ба дасти ту, дил ба дасти кист?

Эй санам, хотират парешони чист? [13, с.20]

Дар ин се байти шоир садонокҳои «о», «у», «й» бо фосилаҳои як ҳарфи сокин аз ҳарфи «равӣ» мавқеият ёфтааст, яъне ҳарфи «с» дар абёти фавқ, ридфи зоид буда, ки ҳамроҳ бо ридфи аслӣ, ридфи мураккабро месозанд.

4. Ҳарфи қайд

Ба он сомити соките гуфта мешавад, ки пеш аз ҳарфи равӣ қарор гирифта ва қабл аз худаш ҳеҷ садоноки баланде наёмада бошад, масалан:

Дидам узори моҳи туро, дил зи даст шуд,

Аз қомати ту тубиву шамшод паст шуд [13, с.36]

***

Маъшуқи ман он сурхқабо рахти фаранг аст,

Май нӯшу тараб ҷӯй, ки ин даври шаранг аст [13, с.21]

Дар вожаҳои «даст» ва «паст» байти аввали ҳарфи «с» ва дар қофияҳои «фарангу шаранг» байти дувумӣ, ҳарфи «н» қайд гуфта мешавад, чунки пеш аз ҳарфи «равӣ» воқеъ шуда ва қабл аз худаш ҳеҷ садоноки баланде низ вуҷуд надорад.

Ҳуруфе, ки пас аз қофия омада ва пайваст ба қофия мешаванд, чаҳор гунаанд: васл, хуруҷ, мазид ва ноира.

Ин ҳам таърифи гунаҳо ва мисолҳо аз девони ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ:

1. Ҳарфи васл

Ҳар ҳарфе, ки бидуни фосила, баъд аз ҳарфи «равӣ» биёяд, ҳарфи васл гуфта мешавад, масалан:

Ҷаҳони фаноро абас зиндагонӣ,

Ба нодон макун рози дил, то тавонӣ [13, с.116].

Дар калимоти «зиндагонӣ» ва «тавонӣ» ҳарфи «о» ро ридфи аслӣ, «н» ро равӣ ва «й» ро ҳарфи васл номида мешавад.

2. Ҳарфи хуруҷ

Ҳар ҳарфе, ки бефосила пас аз ҳарфи васл биёяд, хуруҷ гуфта мешавад, масалан:

Аз ишқи рӯяш андар биёбон,

Гаштам, нагуфтам ғам бо рақибон.

Дар калимоти «биёбон» ва «рақибон» ҳарфи «б» равӣ, «о» васл ва «н» ҳарфи хуруҷ аст.

3. Мазид

Ҳарфе, ки бидуни фосила пас аз хуруҷ қарор бигирад, мисол:

Аз дасти дӯст ҷайби ҳаёро даридаам,

Азбаски ранҷ дида дароро кашидаам [13, с.79].

Дар қавофии дувумии «даридаам» ва «кашидаам» байти боло, ҳарфи «д» равӣ ва ҳуруфи «ҳ, о, м» биттартиб- васл, хуруҷ ва мазидро ташкил медиҳад.

4. Ноира

Як ҳарф ва ё изофатар аз он, ки пас аз ҳарфи мазид биёяд, мисол:

Корам зи даври чарх ба охир расиданист,

Руҳи маро зи қолаби хунин кашиданист [13, с.23].

***

Эй дӯст, гул зи рашки рухат пардадар шудаст,

Наргис зи чашми масти ту афгандасар шудаст [13, с.18].

Ҳарфи «д» дар калимоти «расиданист» ва «кашиданист» равӣ, «н» васл, «и» хуруҷ, «с» мазид ва «т» ҳарфи ноира ба шумор меравад. Аммо дар байти дувум, ҳарфи рабтияи «р» дар калимоти «дар» ва «сар» равӣ ва дигар ҳуруфи баъд аз он, биттартиб «васл, хуруҷ, мазид ва ноира» гуфта мешавад.

Қофия ба эътибори тақтеъ, ки ба он ҳудуд ва алқоби қавофӣ низ гуфта шуда, ба иттифоқи донишварони форсу араб, панҷ гуна аст, ки ин ки намунаҳои он, дар мисолҳои аз девони Сайиди Нодиршоҳи Каёнӣ нишон дода мешавад:

1. Мутародиф

Яъне паёпай шудан, ки дар охараш ду ҳарфи сокини пайиҳам дошта бошад, мисли:

Эй хушхабар биёр шамиме зи зулфи ёр,

Ин нақди ҷону дил, ба қудумаш кунам нисор [13, с.50]

***

Чаро ту шона занӣ зулфи ёр машшота,

Макун шикаста дилам беқарор машшота [13, с.102].

Дар қофияҳои «ёр» ва «нисор» байти аввал ва калимоти «ёр» ва «беқарор»-и байти дувум, ки пеш аз радифи «машшота» мавқеият гирифтаанд, ҳуруфи охирии «о» ва «р» сокин буда ва қавофии мутародифро шакл додааст.

2. Мутадорик

Ба маънои дарёфтан аст, ки вожаи қофия дорои ду ҳарфи мутаҳаррик ва як сокин дар охираш бошад, мисол:

Эй шӯх зи кӯи мани дилхаста гузар кун,

Аз баҳри Худо сӯи ман аз лутф назар кун [13, с.98].

Дар вожаҳои «гузар» ва «назар» дида мешавад, ки ду мутаҳаррик қабл аз ҳарфи сокин «р» воқеъ шудааст.

3. Мутарокиб

Мутарокиб бар ҳам нишастанро маъно медиҳад ва он дорои се ҳарфи мутаҳаррик ва як ҳарфи сокин дар охир мебошад, мисли:

Дили ман бурд нигорам ба ду чашми сияҳаш,

Дилу дин ҳар ду раҳо соз, ба дасташ бидиҳаш. [13, с.63].

Ё:

Эй балопеша туро фитна ба дунбол чи қадар?

Фитна меборӣ ту аз ҳар сари мижгон чи қадар? [13, с.51].

Дар калимоти «сияҳаш» ва «бидаҳаш» байти аввал, се ҳарфи мутаҳаррик, қабл аз ҳарфи сокини «ш» ва дар қофияи муштарак «чи қадар?» байти дувум, низ се мутаҳаррик бо як ҳарфи сокини «р» ҳузур дорад.

4. Мутавотир

Яъне, пай дар пайояндае, ки ду тарафаш ҳарфи сокин бошад, мисол:

Дам ба дам аз фироқ дар ҷӯшам,

Бори ғамро фиганда дар дӯшам. [13, с89].

Ё:

Соқӣ зи кафат бахш, ки бишкаста хуморам,

З-он лаъли лаби хеш қадаҳ бахш нигорам.[13, с.42].

Дида мешавад, ки дар байти аввал, ҳарфи мутаҳаррики «ш» дар миёни ду ҳарфи сокини қофияҳои «ҷӯшам» ва «душам» ва дар байти дувум, мутаҳаррики «р» миёни ду ҳарфи сокини қофияҳои «хумораму нигорам» қарор гирифтааст.

5. Мутаковус

Дар ин миён, бо васфи ҷустуҷӯи зиёд, ашъореро бо қофияи мутаковус, ки дорои чаҳор мутаҳаррик ва як сокин дар анҷомаш бошад, дар миёни ғазалиёти Сайид Нодирхони Каёнӣ (чи дар «Девон»-и ғазалиёт ва чи дар китоби «Паёми Шимол»-и вай) дарёфт нашуд ва мумкин аст ин қофия, дар ҷамъи дигар сурудҳояшон вуҷуд дошта ва саранҷом ин пурсишро посух ёбад.

Лекин радиф, ки аз ҳамон оғози падид омадани шеър, дар миёни суханварон ва сухансароёни порсигӯ ривоҷ дошт, дар қарни шашум то ҳудуди зиёди касирулистифода шуда, дар миёни адибон, ба вижа адибону шоирони сабки хуросонӣ умумияти мазид пайдо намуд ва қарори маълум Ҳакими Саноии Ғазнавӣ ҳам нахустин касе ҳаст, ки бештарин ашъорашро муррадаф суруда ва болотарин омору радифро дар ғазал доро мебошад.

Радиф дар асл вижаи забони порсии дарӣ аст ва дар ҳеҷ забоне ба андозаи забони порсӣ корбурд надорад ва агар чунончи дар ашъори арабӣ, туркӣ ва урду мушоҳида шавад, дар воқеъ аз забони порсӣ нашъат гирифта ва асар пазируфтааст.

Радиф, ки бар ҷилваҳои зебоии сухан меафзояд, санъате аст, ки ба таври чашмгир дар девони ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ба мулоҳиза мерасад.

Радиф, ки дар луғат-раста, саф, хат ва пушти сари ҳамро маъно медиҳад, истилоҳи арузӣ буда ва ҳамонгуна, ки қаблан мутазакир шудаем, радиф ба калимоте гуфта мешавад, ки комилан айни ҳам буда ва баъд аз қофия қарор бигирад ва ҳамин тавр ба ҳама сурудаҳои радифдор, ашъори мурадаф итлоқ мегардад.

Ин ҳам мисолҳое аз маҷмуаи ашъори девони айид Нодиршоҳи Каёнӣ:

Дар ҳазраташ расонед арзи мани гадоро,

Мурдам зи ҳиҷри рӯяш, фарёдрас Худоро [13, с.275].

***

Расид мужда ба гӯшам, ки дилрабо омад,

Барои уқдаи дилҳо, гиреҳгушо омад [13, с.133].

***

Ду чашмонат бигӯям наргиси ҷодуст, меранҷӣ,

Ҳилоли ид гӯям мар туро абрӯст, меранҷӣ [13, с.109].

Дар байти аввал ҳарфи изофа ё нишонаи мафъули «ро», дар байти дувум, калимаи «омад» ва дар байти севум калимаҳои «меранҷӣ» радифро ташкил медиҳанд. Яъне радиф ба калимоте гуфта мешавад, ки аз назари хондан, навиштану маъно яксон буда ва дар охири масореъ, баъд аз қофия такрор шавад.

Олимони арсаи адабиро иттифоқи қавл бар ин аст, ки истифода ва мавҷудияти радиф дар сухан, асосан сабаби гирой, ҷаззобият ва зебоии ҳар чи бештари асари шеърӣ мегардад, аммо боз ҳам овардани радиф дар шеър баръакси қофия, як амри ихтиёрист, аз ҳамин ҷиҳат дида мешавад, ки баъзе аз ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дорои радифанд ва баъзеҳо ҳам бидуни радиф, масалан дар ин байт:

Чун ба айрон мастаму дар каф шароб,

Зулфи ёрам дошт бӯ аз мушки ноб (399, 194)

Вожаи «шароб» ва «ноб» дар ин байт қофия буда ва кадом радифе дар ин ҷо вуҷуд надорад.

Аммо аксари ашъор ба вижа ашъори ғазалии ин шоир ва дигар шоирон, мураддафанд, бо як радиф ва гоҳе ҳам бо ду радиф, масалан:

Омад фироқ боз дигар бор алғиёс,

Дидам зиёд заҳмати бисёр алғиёс [13, с.247].

Ва:

Хаёли васли ҷонон мекунад дил,

Ба пояш хеш қурбон мекунад дил [13, с.74].

Ҳамон тавр, ки дида мешавад, байти аввал дорои як радиф «алғиёс» буда ва дар байти дуввум калимоти «мекунад» ва «дил», ки пас аз қофияи «ҷонон» ва «қурбон» омадааст, ду радифро дар як байт нишон медиҳад.

Аммо агар ду калимаи ҳамсон ва ҳаммаъно, пеш аз қофия биояд ба он радиф гуфта намешавад, мисол:

Шоҳи хубонам ба сар дорад ҳавои Нодирӣ,

Шавкату шаъни шаҳӣ дорад адои Нодирӣ [13, с.118].

Калимоти «дорад», ки дар ҳар ду мисраъ қабл аз қофияи «ҳавои» ва «адои» омадааст, радиф шумурда намешавад, чун мавқеияташ фарқ мекунад.

Ҳамчунон, агар дар байте, як вожаи ҳамшакл вале, бо маънои мутафовит, айнан дар ҷойгоҳи радиф қарор гирифта бошад, боз ҳам ба он радиф гуфта намешавад, чун бархилофи авсофаш, ҳаммаъно нестанд; мисли ин намунаҳо:

Соқиё ид аст, акнун бодаро дар ҷом кун,

З-он ду зулфи анбарин дар гардани мо дом кун [13, с.92].

Ё:

Тифли махмурам зи мастӣ соғари мул бишканад,

Рӯи ошиқ сурх созад, қимат аз гул бишканад [13, с.30]

Дар байти аввал «кун» ки аз масдари кардан аст ва дар байти дуввум калимаи «бишканад» ҳар кадом ду маъноро бозтоб медиҳанд, «кун» яке- рехтан ва дуввум- халқа намуданро мерасонад ва «бишканад» дар мисраи аввали байти дуввум – шикастан ва хурду рез шуданро ва дар мисраи дувум – поин омадан ва таназзул намудани қимматро маъно медиҳад.

Бо ин васф гуфта метавонем, ки вуҷуди ва ҳузури вожаҳои ҷаззоб ва ҳамоҳанг дар қавофӣ ва назм ва тартиби тародуфи маъну ва дилпазир дар ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, иҳотаи ӯро бар дастгоҳи вожагоне ва дасти болои ӯро дар дарк ва фаҳми аҳамияти чунин вежагиҳо мерасанд; зеро ӯ медонанд ки қофия нақши калонеро дар танзим ва шаклдиҳии ашъор дошта ва каломро намудор, серистифода, ҷолиби таваҷуҳ ва хиёлангез месозад; ба ҳамин лиҳоз, дар сар то сари сурудаҳои ӯ, анвоъ ва ҳолатҳои мухталифе аз қавофӣ ва тародуф, ҳатто бо тафовутҳои муайяни лаҳн ва кашиш дида мешавад, ки

мавриди истеъмол қарор гирифтааст ва радиф ҳам ки сабаби эҷоди тавозун, барқарории таносуб ва омили бурузи оҳанги қофия буда ва сатҳи дид ва зарофати шоирро барои гузиниш ва интихоби вожаҳо ва таркиботи зебо ва бадеъ нишон медиҳад, ҳамчунон дар ашъор Сайид Нодиршоҳ Каёнӣ ба вузуҳ ба мушоҳида мерасад.

## 3.3. Хусусиёти бадеӣ

Дар ҳавзаи калони адабиёт, ба хусус дар баҳси марбут ба осори адабии шоирон ва нависандагон, асосан огоҳӣ ва тасаллут бар улум ва фунуни балоғат матраҳ ва мавриди назар буда ва шоир бо истифода аз шеваҳо ва шигарфҳои ин фунун калом ва сурудаҳояшро зебо, ҳунарӣ ва тартибу инсиҷом мебахшад.

Аз оғози зуҳури улуми балоғии ило қарни панҷуми ҳиҷрӣ, маҷмуи мубоҳиси марбут ба фунуни адабӣ бидуни ҳеҷ тақсимбандӣ мавриди истифода қарор дошт, чунончи матолиби мундариҷаи ин фунун дар китоби «Асрор-ул-балоға» ва «Далоил-ул-эъҷоз»-и Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ ва ҳам нафси заҳамот ва фаолиятҳои теъдоде аз донишварон ва адибони пеш аз вай, шоҳиди ин муддаост. «Ал-бадеъ» нахустин китоби ҷомеи мабоҳиси маонӣ, баён ва бадеъ аст, ки тавасути Абдуллоҳ ибни Муътаз халифаи якрӯзаи дудмони Аббосӣ дар соли 274-и ҳиҷрии қамарӣ таълиф гардидааст [103, с.31].

Қудома ибни Ҷаъфар, Абуҳилоли Аскарӣ, Ибни Рашиқи Қайрувонӣ, Хаффоҷӣ ва Марғинонӣ, то замони Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ ба пайравӣ аз Муътаз, ин илмро густариш доданд, вале ҳеҷ як аз шохаҳои ин саноеъ ва фунунро аз якдигар ҷудо накарданд, аммо ин фақат Саккокӣ буд, ки миёни улуми риштаҳои балоғӣ хат ва нишон кашид ва тафовут қоил шуд ва дар китобаш, маъруф ба «Мифтоҳ-ул-улум», илми бадеъро аз зери сояҳои сойири бахшҳои фунуни адабӣ ҷудо ва ба баҳс кашонид.

Бо ин васф, пас яке аз шохаҳои улуми балоғӣ санъати бадеъ аст, то таърихи пайдоишаш ба авохири қарни саввум ва авоили қарни чаҳорум мерасад, бадеъ, ки ба он ороиши калом низ гуфта мешавад, илмест, ки дар бораи чи гунагии ороишҳои лафзӣ ва маънавӣ баҳс менамояд. Бадеъ, ки аз ҷиҳати аҳамияташ дар калом, ба адвияи ғазо ташбеҳ гардида, аз назари зебоишиносӣ, донишест, ки ба василаи он зебоии сухан ошкор мегардад. Каломи санҷида ва ороста ва музайян ба зароифи адабӣ ва саноати бадеӣ ҳам сабаби камол ва ғаробати сухан мешавад ва ҳам мавриди таваҷҷуҳ ва дилнишинии одамӣ қарор мегирад.

Ба иборои дигар, бадеъ баррасӣ ва шинохти абзор ва шеваҳое аст, ки ба ба василаи онҳо дар байни аҷзои калом, таносуб ва равобити хосе ба вуҷуд меояд, аҷзои калом ба василаи риштае аз таносубот ва равобити лафзӣ ва маъноӣ ба якдигар гиреҳ мехӯранд ва шабакаи мунсаҷим аз иртибототи овоӣ ва маъноӣ падид меояд ки бад-он каломи адабӣ мегӯянд [130, с.8].

Ба қавли Ҳумоӣ, ин вижагиро дар сурудае метавон ёфт, ки ба зевари фасоҳату балоғат ва муҳассаноти лафзӣ ва маънавӣ ороста бошанд. Биноан, қувваи ташхиси ин санъат, ҷуз ба донистани фанни ин санъат ва дигар фунуни адабӣ ки маҷмуи онро фунуни балоғат ё улуми балоғӣ ва саноати бадеӣ мегӯянд, муяссар намешавад [Ҷалолиддин Ҳумоӣ. Фунуни балоғат ва саноати бадеӣ.-Теҳрон: Ҳумо, 1368.- с. 4].

Лизо баҳрагирии донишмандони фунуни адабӣ аз улуми маонӣ, баён ва бадеъ ва вазн ва қофия, дар осор ва ашъорашон ҳамчунон ба ҷиҳате аст, то сухан ва офаридаҳояшон зебоӣ ва ҳаловати бештар ёбад ва муассирият, ҷозиба ва таолуқи хотири афзунтаре эҷод намояд. Чун истифода аз саноеву орояҳои адабӣ бе ҳеҷ шубҳае осор ва офаридаҳоро оҳангин ва шигифтофарин месозад, сабаби инбисоти хотир ва фарҳати руҳ ва равон мешавад, ҳаяҷон эҷод мекунад одамиро самт ва сӯ мебахшад, эҳсосотро бармеангезад ва дар вуҷуд шӯру ғавғо барпо мекунад.

Бо ин васф Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ низ аз зумраи он идда сухансароёне аст, ки бо бархурдорӣ аз дониши лозим ва қареҳаи баланд, бо чанг устувор намудан ба хони густурдаи фунуни балоғӣ, табъозмоии хубе намудааст.

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ин шоири камтар шинохташудаи кишвар, ки сабки шеъриашон миёни сабки хуросонӣ ва ҳиндӣ ҷойгир аст, низ ба сони соири шоирон, ба манзури баёни андеша, авотиф, тахайюлоти руҳӣ ва интиқоли паёмаш хостааст аз орояҳои номаҳдуди каломӣ- тасвирпардозӣ ва анвои саноати бадеъӣ дар сурудаҳои девони марбут истифодаи лозимро ба амал оварад.

Аз ин рӯ, ба ғарази риоёти ихтисор ва ҷилавгирӣ аз татвили калом бархе аз саноати адабиро бо овардан аз мисолҳое аз ашъорашон ба баррасӣ мегирем:

1. Мувозина

Мувозина, ки дар доираи саноеи лафзӣ мутолиа мешавад, дар луғат ба маънои муқоиса ва санҷиш ва эҷоди тавозун дар ду тарафи як чиз ва дар истилоҳи бадеъ навъе аз саҷъи мутавозин буда, ба калимоте дар ду мисраъ гуфта мешавад, ки ё кулли калимоти қаринаи ду тараф ва ё аксарияташон бо ҳам ҳамвазн бошад, монанди:

Тӯйӣ маҳҷур, ман ранҷури ишқам,

Туйӣ ранҷур, ман махмури ишқам.[13, с.78].

Дар ин байт калимоти «туйӣ» бо «туйӣ» ва «маҳҷур» бо «ранҷур», «ман» бо «ман» ва «ранҷур» бо «махмур» ва калимаи «ишқам» бо «ишқам» ҳамвазнанд ва ҳатто ҷо ба ҷойии ин ду мисраъ ҳам наметавонад вазнашонро аз байн барад. Ё ин мисол:

Назар дорӣ ба мо ҷонона ё на?

Гузар кардӣ ту дар майхона ё на? [13, с.144].

Дар ин ҷо ҳам калимоти «назар» бо «гузар» ва «дорӣ» бо «кардӣ» ва «ба» бо «ту» ва «мо» бо «дар» ва «ҷонона» бо «майхона» ва «ё на» бо «ё на» ҳамвазн дида мешавад ва ҳамин гуна мисолҳои зиёди дигар низ дар миёни маҷмуаи ашъори ғазали Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба мушоҳида мерасад.

2. Ҷинос

Ҷинос, ки ҳамҷинс буданро маъно медиҳад, аз муҳассаноти лафзӣ ба шумор рафта ва ба ду калимаи мушобеҳ бо ҳам гуфта мешавад, ки дар талаффуз ва нигориш яке, аммо дар маъно мухталиф бошад. Ин санъат ва шакли мухталифи он дар ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ мавҷуд аст, вале дар ин ҷо сирф ба гунаи том ва ҷиноси зиёд басанда шудааст;

а) ҷиноси том

Муташаккил аз ду калимаи басит ва яксон ва аммо аз назари маънӣ ва мафҳум мутафовит:

Гар нигорам ба чаман як ду се соғар шиканад,

Табъам аз нутқи хушаш қиммати гавҳар шиканад [13, с.42].

Калимаи «шиканад» дар байти аввал «шикастан ва хурду рез шудан» вале дар мисраи дуввум «таназзул ва пойин омадани қиммат»-ро маънӣ медиҳад.

б) ҷиноси зоид

Ҳолате аз таҷнис аст, ки дар охири яке аз ду калимаи мушобеҳ як ё чанд ҳарф изофа биояд, мисли вожаи «чашм» ва «чашмҳо» дар ин байт:

Чашми ман чашмҳо басе дида,

На чунин чашми нописандида. [13, с.105].

Ва ё вожаи «нур» ва «мунаввар» дар ин мисол аз ашъори девони Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ:

Пиёла бахш, аё соқии некукирдор,

Зи нури бода мунаввар кунам дили зангор.[13, с.57].

Ҷиноси зиёд гоҳе дар калимот низ меояд, мисли ин ду байти шоир дар китоби «Паёми Шимол»:

Бидеҳ соқӣ шароби ноб моро,

Зи дарду ғам наёяд хоб моро.

Ғариқи баҳри фикру ҳайратам ман,

Зи дуд аз дидагон хуноб моро [13, с/9].

Дар ин ҷо миёни калимаи «хоб» ва «хуноб» сарфи ҳарфи як ҳарфи «нун» зиёд аст ва он ҳам дар васати калима воқеъ шудааст.

3. Таносуб (муроотунназир)

Таносуб аз муҳассаноти маънавия буда ва овардани ду ва ё чанд калимаи муртабит ва ҳамхон ва ҳамоҳанг бо ҳам дар як мисраъ ва ё дар як байт мебошад.

Риояти таносуб ва корбурди санъати муроотунназир, ки аз назари шуаро ва удабо аҳаммияти босазое дар ороиши сухан дорад, аз диди Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ низ ба дур намондааст. Ба ин мисолҳо нигоҳ кунед:

Бирезон бодае чун рӯи доно дар қадаҳ моро,

Гиребон чок гардонад зи мастӣ сад Масеҳоро [13, с.8].

Миёни калимоти «бода ва қадаҳ» аз як тараф ва байни калимоти «доно ва Масеҳо» ва «гиребончокӣ ва мастӣ» таносуб вуҷуд дорад.

Ё:

Лабони дилбарам гӯӣ, ки лаъли маъдан аст имшаб,

Сари зулфаш маро чун чанбаре дар гардан аст имшаб [13, с.121].

Миёни «лаб ва лаъл» ва «маъдан» аз як тараф ва калимоти «зулф» «чанбар» ва «гардан» таносуб вуҷуд дорад.

Ва ё:

Шаробе бахш ҳамчун рӯи доно,

Бирезон дар қадаҳ аз ҷаҳди мино [13, с.6].

Дар ин ҷо байни калимоти «шароб» ва «рӯй» ва миёни вожаҳои «қадаҳ» ва «мино» таносуб дар назар гирифта шудааст.

Ду чашмаш наргиси ҷодуст моро,

Ҳилолаш бандаи абрӯст моро [13, с. 11].

Калимаи «чашм» бо «наргис» ва «ҳилол» бо «абрӯ» калимотеанд, ки бо ҳамдигар таносуб доранд.

Мастем соқиё, майи гулнор боядам,

Мансури вақти хешаму бар дор боядам. [13, с.88].

Миёни вожаҳои «соқӣ», «маст» ва «май» аз як ҷониб ва калимоти «мансур» ва «дор» таносуб ва ҳамоҳангӣ вуҷуд дорад.

4. Таззод

Таззод аз ҷумлаи саноеи маънавӣ буда ва он иборат аз овардани калимоте аст, ки дар шеър ки зид ва мухолифи якдигар буда бошад, мисли сиёҳӣ ва сапедӣ, некӣ ва бадӣ, ширинӣ ва талхӣ ва ғайра, мисли:

Ёри бевафоеро бе сабаб гирифторам,

Кай шавад ба мо ҳамдам дилбари ҷафокорам [13, с.82]

Дар ин байт байни калимоти «вафо ва ҷафо» ва ё «бевафоӣ ва ҷафокорӣ» сифати таззод воқеъ шудааст.

Дило ишратамро ба ғам мефурӯшам,

Мар ин ҳастиямро дар адам мефурӯшам[13, с.89].

Миёни калимоти «ишрат ва ғам» аз як тараф ва байни калимоти «ҳастӣ ва адам» таззод дида мешавад.

Оқилонро кор набвад бо риё,

Ҷоҳилон доранд шӯру моҷаро [13, С.124].

Дар ин ҷо миёни калимаҳои «оқилон ва ҷоҳилон» таззод ба мушоҳида мерасад.

Ба фарқи ошиқи ғамгин ба теғи қаҳру даҳаш,

Вале шароб бинӯшон зи меҳри подшаҳаш [13, с.64].

Дар ин мисраъ байни калимоти «қаҳр» ва «меҳр» санъати таззод иттифоқ афтодааст.

Ва ҳамин тавр, миёни вожаҳои «муфосила» дар мисраи аввал ва калимаи «муросила» дар мисраи дуввум ҳолати таззод ва табоин амалан дида мешавад.

Биё, маро набвад тоқати муфосила,

Намефиристиам эй гул, чаро муросила [13, с. 106].

5. Иҳом

Иҳом (тахайюл ва таврия) дар луғат ба маънои пиндор ва гумон ва ба шакку ваҳм андохтан аст ва дар истилоҳ истеъмоли калимаҳое аст дар байт, ки ду маънои (дур ва наздик)-ро ифода кунад, дар ҳолате ки мақсуди гӯянда ҳамон маънои дур бошад, масалан:

Бастаам дил ба сари зулфи яке раъное,

Дилбаре, сарвқаде, ишвагаре, зебое [13, с. 118].

Дар ибтидо эҳсос мешавад ки гӯё «дил ва ё қалби гӯянда ба сари зулфи кадом раъное» баста шуда бошад, дар ҳоле ки шоир маънои баъдии дувумиро дар назар дорад, ки «дил додан ва муҳаббат варзидан» аст, на дил ба мӯйи сари зулфи касе баста кардан аст. Ва ё:

Раҳраве бо ман ҳаминон гардид,

Ҳаминон буд, ҳамзабон гардид [13, с.48].

Маънои зоҳир ва наздики ин байт маълум аст, ки ба гуфтаи шоир (Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ) ҳини сафар бо ман як раҳраве ҳамлагом шуд, яъне савор ба ду аспе будем, ки дар як масир ва ба як суръат ба ҷилав мерафт ва дар ҳамин ҳолат ба як забон такаллум ҳам мекардем, ин маънои якум ва наздики байт аст, аммо шоир дар ин ҷо маънои дигареро дар назар дорад, яъне ҳаминониро ба

маънои ҳамроҳӣ, ҳамдӯшӣ ва ҳамқадамӣ ва ҳамзабониро ба маънои ҳамдамӣ, ҳамсуханӣ ва ёр, мунис ва надим ва муттаҳид будан, ки баидтар аз маънои аввалӣ аст, малҳузи назар доштааст.

6. Талмеҳ

Талмеҳ дар луғат ба маънои ишора, киноя, имо ва тамсил ва ё нигоҳ кардан ба гӯшае аст ва дар истилоҳ овардани суханест, ки дар он ба достон, оят, ҳадис ва ё каломи машҳуре аз бузургони гузашта ишора шавад. Ин санъат дар ҳунари суханварӣ ва суханронӣ бисёр ҳойизи аҳамият буда ва коргирии зарофати лозими истифода аз он ҷомеият ва нерумандии суханро баланд мебарад.

Дар ин пажуҳиш дида мешавад, ки шоир низ мисли гузаштагон бештарин бори маънои ашъори худро бар дӯши санъати талмеҳ ҳамл намудааст. Масалан:

Ба раъно гӯй, кам кун Хусрави ман меҳрубониро,

Зи Ширин ёд бояд дошт, тарзи дилситониро.

Ба сар дорам хумор аз бодаи гулгун, намедонӣ,

Накисо лаҳзае бардор, роҳи хусравониро.

Туро нозам ба зулфат, кай расад дасти яди байзо,

Нахоҳӣ дид Мусо, гар бидонӣ лантарониро [13, с.12].

Дар ин абёт ба Хусрав ва Ширин аз шахсиятҳои аслии достони «Хусрав ва Ширин» ишора шудааст, масъалае ки достони марбут ба он ба ҳамагон маълум ва ошкор аст, ба «Накисо» мусиқидони машҳури дарбори Хусрави Парвиз, подшоҳи машҳури Сосонӣ ба «яди байзо ё дасти тобон» аз ҷумлаи муъҷизоти нуҳгонаи ҳазрати Мусо (а) матраҳ дар ин ояи каримаи ***«Ва адхил ядака фӣ ҷайбика тахруҷ байзоа....»*** ва боз ҳам ба ҳазрати Мусои Калимуллоҳ (а) ва ба ояти ***«лантаронӣ***» яъне ҳаргиз набинӣ маро баргирифта аз ояи каримаи ***(143)-и «Аъроф»: «Ва ламмо ҷоа Мусо лӣ миқотино...»,*** ки аз ҷумлаи масоили бисёр равшан ва ошкоро аст, ишораи талмеҳ гардидааст.

Дар дайр чи ҷоми Ҷамнамо мебинам,

Дар ойина рӯйи кибриё мебинам [13, с.90].

Мурод аз ҷоми Ҷам ё ҷоми ҷаҳоннамо ҳамон пиёлаи Ҷамшед - подшоҳи Пешдодии ориёист, ки василаи ҳукамо сохта шуда буд ва аҳволи афлоки ҳафтгона дар он ба мушоҳида мерасид.

Сурати маъшуқи ман дар ҷоми мино уфтад,

Аксе аз рухсори ӯ бар Тури Сино уфтад [13, с.42].

Агар аз ҷоми мино бигзарем, ёдшуди «Тури Сино» номи кӯҳе машҳур дар сарзамини Миср, ки дар он кӯҳ воқеиёти зиёде аз ҷумла, ҳамкалом шудани ҳазрати Мусо алайҳиссалом бо Худованди ҷаллат азамата, ба вукуъ пайваст, каломи шоирро арзишманд ва вазнин месозад.

Меравам аз хеш ҳар дам бар сари бозори ишқ,

Ҳамчу Мансурам аналҳақ мезанам бар дори ишқ [13, с.71].

Аналҳақ ё «ман ҳақиқатам», ки мансуб ба Ҳусайни Мансури Ҳаллоҷ аст, шарҳи мушаххасе дар мутуни таърихӣ дорад ки ба унвони нуқтаи талмеҳ дар ин мисраъ зикр ёфтааст.

7. Иғроқ (муболиға, ғулув):

Муболиға дар луғат ғулув, ифрот ва зиёдаравӣ ва ба ниҳоят расонидан буда ва дар истилоҳ – ифрот ва зиёдаравӣ дар мадҳу замми касе ва ё ҳадафе, ё зиёдаравӣ дар баёни ҳолату сифатеро гӯянд, ки он ҳолат бисёр бузургтар ва ё кӯчактар аз ҳолати аслиаш, зоҳир сохта шавад.

Донишмандони ин арса, ҳолатҳои сухан дар ин чаҳорчубро ба се даста тақсим намудаанд: муболиға, иғроқ ва ғулув.

Муболиға он аст, ки урфан ва ақлан имкони вуқуъ дошта бошад.

Иғроқ он аст ки ақлан имкони вуқуъ дорад, аммо урфан ва одатан воқеъ намешавад.

Ғулув он аст ки ақлан ва урфан имкони пайдоӣ ва вуқуъро надорад. [103, с.115].

Санъати муболиға, иғроқ ва ғулув дар забони порсии дарӣ, афзунтар аз дигар забонҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, ки дар ин зумра ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ низ ба навбаи худ музайян ба ин авсоф мебошад. Мисолҳо:

Рухат гул шуд, чаман шуд, боғ шуд, гулзор шуд, хуб шуд,

Ду зулфайни ту шаб шуд, ришта шуд, зуннор шуд, хуб шуд [13, 40]

***

Маҳваше дидам, қадаш чун шохаи шамшод буд,

Мижааш хунрез ҳамчун ханҷари ҷаллод буд [13, с.30]

***

Эй рухат ҳуру кафат абри баҳор,

Офтоб аз меҳри рӯят шармсор [13, с.56].

***

Пеши қаддат сарвро қад шуд сақат,

Шуд табаҳ сунбул, кашидӣ ҳусни хат. [13, с. 66].

***

Хирмани оҳи маро шуъла ба кошона заданд,

Сарфи хокам зи азал дар раҳи майхона заданд [13, с.36]

***

Саводи чашми ту нур аз дили зиё бибарад,

Камони абрӯят офоқро зи ҷо бибарад [13, с.11]

***

Дилам зи ҷаври ҳаводис чу ғарқаи хун шуд,

Канори ҳиҷлаи чашмам чу рӯди Ҷайҳун шуд. [13, с.34]

***

Ба мактаб дод тифли бодахуйе рубъи байзоро,

Ба абрӯ дод пушти чархи хам барбаст дарёро [13, с.2]

Хонанда бо мурури ин абёт, ки дар авзони мухталиф суруда шуда, ҳолатҳои сегонаи сухан (муболиға, иғроқ ва ғулув)-ро ба роҳатӣ метавонад дар он мушоҳида намояд.

8. Ирсол ул-масал

Ирсоли масал он аст, ки шоир як зарбулмасали маъруферо дар шеъри худ истифода намояд ва гоҳе ҳам як мисраъ ва ё як байт ҳам метавонад ба мурури замон ҳукми ирсоли масалро ба худ бигирад.

Ба мулоҳизаи ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, вуҷуди чунин мисолҳои равшане ба нақли қавл аз бузургон ва донишмандони гузашта, дар дафтари ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба хубӣ дида мешавад.

Мансаби дилхоҳ намехоҳам зи кас,
Ҳар чи аз Ҳақ мерасад моро бас. [13, с.61]

***

Гурбаи бечора муше сайд кард,
Саг рабудаш, гуфт эй марди набард:
Сайди моро аз чи мегирӣ, магир,
Нест дархурад, ту эй нохӯрда сер [13, с.126]

***

Мерасад бар мани майхора шаб аз ғайб сурӯш,
Саъй кун, ҳосили имрӯза ба фардо мафурӯш [13, с.65]

***

Гар ба каф орӣ як дили дамсоз,
Беҳтар аст аз ҳазор ҳаҷҷу намоз [13, с.135]

***

Ҷаҳони фаноро абас зиндагонӣ,
Ба нодон макун рози дил то тавонӣ [13, с.45]

9. Таҷоҳули ориф

Нодоннамоӣ, худро ба нодонӣ задан, ё худро ба нофаҳмӣ ҷилва додан бо васфи вуқуф ва огоҳӣ.

Дар истилоҳ, иборат аз овардани матлабе аст дар шеър, ки шоир ва ё гӯянда, бо васфи огаҳӣ аз мавзуъ худро ба нофаҳмӣ мезанад.

Таҷоҳули орифона, ки яке аз саноoти бадеӣ ба шумор меравад, ки ҳамвора ҷиҳати муболиға дар ташбеҳ, шигифтӣ ва тааҷҷуб ҷалби таваҷҷуҳи таҳрики зеҳни мухотаб, таҳқир ва сарзаниш ва ё барои зарофату ороиши калом ба кор гирифта мешавад.

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ низ ба сони соири шуаро, аз ин санъат суди вофир ҷуста ва ба василаи он сухану каломи хушро зебу зиннат бахшида аст;мисли ин абёт:

Бо дил шуда он шӯхназар дошта бошад,
Аз ҳоли дили хаста хабар дошта бошад. [13, с.43]

***

Хуршед чу маҳ кард туро гашт сазовор,
Шуд қомати болои туро сарв парастор. [13, с. 55]

***

Сим аст танат, барги гулу ёсуман аст ин,
Ё ғунчаву ё тунги шакар ё даҳан аст ин [13, с.96]

***

Мекушад моро зи шӯхӣ тифли махмурам чаро?
Аз нигоҳи чашми масташ сахт ранҷурам чаро? [13, с.9].

***

Аҷал куҷост, ки ояд маро баранд кашон,
Ба қабр бинҳад осуда гардамаш зи ҷаҳон. [13, с.93]

***

Назар намекунӣ сӯям, чи муддао дорӣ,
Қасам ба ҷони азизат бигӯ Худо дорӣ [13, с.117]/

10. Ташбеҳ

Ташбеҳ, ки аз муҳимтарин аркони балоғат ва марбут ба ҳавзаи илми баён мешавад, дар воқеъ ҳокии авзоъ ва аҳволи муҳити зиндагӣ ва баёнгари тиҷорату хостаҳои дарунии гӯянда ва сароянда буда, ба сабаби аҳаммият ва барҷастагии он дар сухан, бо пораи дигаре аз мабоҳисаи марбут ба маонӣ, то ҳанӯз дар бахши саноеи бадеӣ, ба баррасӣ гирифта мешавад ва бар ҳамин мабно, дар густураи улуми балоғӣ ташбеҳро метавон аз истилоҳоти муштараки фанни баён ва бадеъ донист. Бад-ин лиҳоз сазовор дониста шуд, то корбурди ин санъати ҷомеи адабиро дар лобалои ашъори девони ғазалиёти шоир (Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ) ба баҳсу таҳлил бикашонем.

Ташбеҳ дар луғат шабеҳсозӣ, қиёс, муқоиса ва монанд карданро маъно медиҳад ва дар истилоҳ чизеро ба чизе шабеҳ ва монанд кардан ба сурате аз суратҳо ва ё ба сифате аз сифатҳо мебошад, ба он шарт, ки ин ду чиз аз як ҷинс набошанд ва ё ташбеҳ он аст ки мушорикати ду чизро дар як маъно нишон бидиҳад, ки аз он ду он чи ташбеҳ мешавад, мушаббаҳ ва он чи ба он ташбеҳ мешавад, мушаббаҳ биҳӣ ном дорад дорад ва ин ду чиз «мушабаҳ ва мушабаҳ биҳӣ» ду рукни аслии ташбеҳ маҳсуб мешавад [95, с. 50].

Ташбеҳ ду рукни дигар ба номҳои «ваҷҳи шабеҳ ва адоти ташбеҳ»- ро низ дар худ дорад, ки яке аз он яъне ваҷҳи шубҳ, сифати муштарак байни мушабаҳ ва мушабаҳ биҳӣ ва дигараш, калимоти далолаткунанда бар ҳаммонандиро мерасонад.

Аз ҷумлаи ин чаҳор рукн дуи аввалӣ он «мушабаҳ ва мушабаҳ биҳӣ» аркони аслӣ ва ё тарафайни аслии ташбеҳ ва дуи баъдӣ он (ваҷҳи шабаҳ ва адоти ташбеҳ) аркони фаръӣ гуфта мешавад, ки дар сурати ғайри ҳузури онҳо дар ашъор ва сухани адабӣ ташбеҳ сохтмони аслии худро аз даст намедиҳад.

Дар ташбеҳ, ки бар хилофи истиора ва маҷоз, лафз дар маънои ҳақиқӣ ба кор бурда шуда ва ҷонмояи аслии онро муболиға, иғроқ ва хаёлангезӣ дар мадҳу замм ё баёни моҳияти касе ва ё чизе ташкил медиҳад [71, с.85] аз назари заъфу қувват ба се ҳисса тақсим мешавад: ташбеҳи заиф, ташбеҳи мутавассит ё миёна ва ташбеҳи аъло ва инак саъй меварзем, то ин ҳолотро бо овардани мисолҳое аз сурудаҳои нағзи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ташхис ва ба барасӣ бигирем,

а) Ташбеҳи адно ва ё заиф

Ташбеҳи адно ба ташбеҳе дар як сухан гуфта мешавад, ки илова аз ҳузури тарафайни ташбеҳ, ваҷҳи шубҳ ва одоти ташбеҳ низ дар он ҳузур дошта бошад, мисли ин байт:

Писаре буд оразаш чун моҳ,

Балки маҳро намуда нома сиёҳ [13, с. 105]

Дар ин ҷо «ораз ва ё рухсор» бо «моҳ ё маҳтоб» ташбеҳ шуда, ки ораз «мушаббаҳ» ва моҳ «мушаббаҳ биҳи» ба тарафайни ташбеҳ буда ва бо доштани

адоте «чун» дар мисраи аввал ва «номасиёҳ ё сиёҳии саҳифа», ки сифати муштарак миёни аркони аслии ташбеҳ мебошад, ташбеҳи адноро сохтааст.

Ё:

Ёр бо мани мискин сахт чун адӯ печид,

Ҳарф то баланд омад, сар зӣ гуфтугӯ печид. [13, с. 45]

Дар ин байт, ҳам тарафайни аслии ташбеҳ ва ҳам аркони заифи ташбеҳ, дар маҷмуъ ҳузур доранд, калимаҳои «ёр» ва «аду» аркони аслӣ ва ҳарфи «гуфтугӯ ва печидан» ваҷҳи шубҳ ва ва «чун» адоти ташбеҳ буда, бад-ин гуна ташбеҳи заиф ва адно сохта шудааст.

Дар ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ҳолатҳои мутанаввее аз ташбеҳоти адно вуҷуд дорад, ки гоҳе ҳам ҳузури аркони аслӣ ва фаръии ташбеҳро дар каломаш метавон дучандон ва сечандон дид, мисли:

Партави оразаш буд чу суроҷ,

Ҳаст гӯйӣ ду зулфи ӯ шаби доҷ. [13, с.27].

Бодиққат ба ин байт, ба роҳатӣ дармеёбем, ки ҳар мисрае дар худ як мушобаҳ ва як мушаббаҳ биҳӣ ва, ҳамчунон, як ваҷҳи шубҳ ва як адоти ташбеҳро дар худ дорад, ба ин гуна: «ораз ва суроҷ» дар мисраи аввал ва калимоти «зулф ва шаб» дар мисраи дуюм, аркон ва ё тарафайни аслии ташбеҳ ва «партаву доҷ» ба ҳайси вижагии тарафайни ташбеҳ дар ҳар ду мисраъ ва, ҳамчунин, мавҷудияти «чу ва гӯӣ» дар мақоми адоти ташбеҳ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, дар байти зер, касрати ҳузур аркони ташбеҳотро метавон ба хубӣ мушоҳида намуд, ки дол бар қариҳаи баланд ва дасти бози шоир дорад;

Чашмаш чу наргисест пур аз оби нимхоб,

Зулфаш чо сунбулест сияҳ пур зи печутоб. [13, с.15].

б) Ташбеҳи мутавассит ё миёна

Ба ташбеҳе гуфта мешавад, яке аз тарафайни ғайриаслии ташбеҳ (ваҷҳи шубҳ ва ё одоти ташбеҳ) дар он ҳузур дошта бошад, мисли ин байти шоир:

Нависад дилбари дилдор қоғаз,

Фиристад бо парирухсор қоғаз. [13, с.49].

Дар ин мисол, вожаҳои «дилбар» ва «парӣ» биттартиб мушабаҳ ва мушаббаҳ биҳӣ ё ҳамон аркони аслии ташбеҳ ва вожаҳои «дилдор ва рухсор», ки авсофи муштарак миёни «дилбар ва парӣ»-ро мерасонад, ваҷҳи шубҳ ва он чи дар ин байт аз он зикре ба амал наёмада, адоти ташбеҳ аст.

Ё:

Хуш аст шеъри ту ширинтар аз шакар Ҳофиз,

Навишта назми ту ҳар котибе ба зар Ҳофиз. [13, с.68]

Дар ин ду мисраъ «шеър ва назм» ҳар яке ба «шакар ва зар» ташбеҳ шуда ва «ширинӣ ва котибӣ» ҳам ба унвони ваҷҳи шубҳ ё сифати муштарак миёни тарафайни ташбеҳро сохта ва боз ҳам дида мешавад, ки пойи адоти ташбеҳ дар ин миёна нест.

Лозим ба ёдоварист, ки бо ҳузури «ваҷҳи шубҳ» дар сухан, ташбеҳи муфассал ва бо ҳазфи он ташбеҳи муҷмал сохта мешавад.

Ва ё :

Нақши девор чун ту бисёр аст,

Дидаам ман ба хомаи Монӣ. [13, с.116].

Дар ин байт бархилофи мисолҳои боло таркиби»нақши девор» ба «хомаи Монӣ ё наққошии андешамандон» ташбеҳ шуда ва бо зикри адоти ташбеҳи «чун» дар мисраъи аввал ва дар набуди ваҷҳи шубҳ дар ин мисраъ ташбеҳи муҷмал ба вуҷуд омадааст. Ҳамчунон, гоҳе ташбеҳ ба сурати таркиби изофӣ навишта мешавад. Мисол: таркиб «нақши девор» ва «хомаи Монӣ»[1] дар ин байт, ки ба онҳо «ташбеҳи фишурда» ё «изофаи ташбеҳӣ» низ мегуянд.

Дар мисоли баъдӣ, ҳамчунон, дида мешавад, ки ба ҷуз аз тарафайни ташбеҳ ва адоти ташбеҳи «ҳамчу» дар мисраъи аввал ва «чу» дар мисраъи дувум дигар нишонае аз ваҷҳи шубҳ вуҷуд надорад.

Мани хаста ҳамчу Маҷнун назаре ба ҷуз ту бо кас,

Накунам, ки Лайлӣ ин дам, чу ба чашми мо нишаста. [13, с.104].

[1] Монӣ, ки дар луғат андешаманд маъно медиҳад, аз решаи авастоии (мон) ба маъноӣ андеша ва вожаи авастоии (моно) ба маънои андешидан гирифта шудааст, баъдҳо шахсияте аз як модари ашконї зуҳур кард, ки дар фанни наќќошии замони худ беҳамто буд ва ҳамон шахс пайравонашро монавиён, яъне андешамандон ном ниҳод.

Гуфтанист, ки бо зикри адот дар калом «ташбеҳи мурсал ё сареҳ» ва бо ҳазфи он ташбеҳи муаккад сохта мешавад, аммо каломе, ки орӣ аз «ваҷҳи шубҳ ва адоти ташбеҳ бошад, ташбеҳи балеғ гуфта мешавад, ки зеботарин ва расотарин ташбеҳ ҳам ҳамин аст.

в) Ташбеҳи аъло

Ташбеҳи аъло ба ташбеҳе итлоқ мешавад, ки сирф аркон ё тарафайни асли ташбеҳ (мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳӣ) дар он зикр шуда ва ваҷҳи шубҳи адоти ташбеҳ дар он дахолате надошта бошад, мисол:

Рухи ёрам гулситон аст, имрӯз,

Лабонаш шаккаристон аст имрӯз.[13, с.59]

Ҳузури «мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳӣ» ба унвони тарафайни асли ташбеҳ дар ин ду мисраъ мушаххас ва ошкор аст, аммо «ваҷҳи шубҳ ва адоти ташбеҳ» дар он вуҷуд надорад ва ба қавли донишмандони аҳли ришта, орӣ шудани сухан аз аркони фаръии ташбеҳ (ваҷҳи шубҳ ва адоти ташбеҳ) ташбеҳро таъсирнок ва неруманд месозад, чун мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳӣ, ба содагӣ айният пайдо намуда ва ташбеҳи олӣ ба даст меояд. Ҳарчанд ки мани (нигоранда) баръакс ташбеҳи адноро дар ҷойи ташбеҳи олӣ měписандам ва бар ин боварам, ҳар сухане, ки дарёфти тааллуқот ва муносиботи даруниаш ниёз ба диққати бештар дошта ва ҳадафаш ба сахтӣ ва душворӣ ба даст ояд, бояд ба ӯ ташбеҳи аъло гуфта шавад... хуб, метавонад, ин ҳам фақат як назар бошад на ангушти эътироз бар адибону донишварон! Ҳоло ин ҳам чанд мисоли дигар аз бадани ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ:

Шоҳи хубон туро мабод завол,

Оразат бадру абрӯи ту ҳилол. [13, с.75].

***

Аз самими дил нигоре доштам,

Боиси ғам ғамгусоре доштам. [13, с.83]

***

Дилбари болобаландам хушнамост,

Дилкашу шаккарлабу соҳибҳаёст. [13, с. 25]

***

Надидидам, чанд рӯзе рӯят эй моҳ, дӯстӣ кам шуд,

Маро васли ту иду фурқатат моҳи муҳаррам шуд. [13, с.37]

Дар байти аввалӣ «ораз ё чеҳра» ба «бадр ё моҳи чаҳордаҳ», «абрӯ ба ҳилол ё моҳи нав» ва дар байти дуввумӣ «нигор» ба «ғамгусор», дар байти савум «дилбари болобаланд» ба «хушнамо, дилкаш шаккарлабу соҳиби ҳаё» ва дар байти чаҳорумӣ «рӯ ба маҳ», «васл ба ид» ва «фурқат ба маҳрам» ташбеҳ шуда ва бад-ин шакл, дар адами мавҷудияти «ваҷҳи шубҳ ва адоти ташбеҳ» ташбеҳи аъло шакл гирифтааст.

Ногуфта намонад, ки ташбеҳоти боло, ҳолати таркибҳои изофӣ ва ё ташбеҳи фишурдаро ба худ доранд.

Ташбеҳи аъло аз назари қувват ва зебоӣ ба ду шакл, яъне ташбеҳи балиғ ва ташбеҳи музмар ё зимнӣ тақсим гардидааст:

а) Ташбеҳи балиғ

Дар ташбеҳи балиғ мисли ташбеҳи аъло, ба ҷуз аз тарафайни аслӣ ташбеҳи дигар «ваҷҳи шубҳ ва адоти ташбеҳ» дар он, аслан, вуҷуд надошта ва, комилан, ҳазф мешавад, масалан:

Лабат лаъл ораз аст хуршед Носир,

Илоҳӣ умри ту ҷовид Носир. [13, с.53]

Чун дар ин байт ба истисної тарафайни аслии ташбеҳ, ки «лабу лаъл» ва «оразу хуршед» аст, дигар кадом ваҷҳи шубҳ ва адоти ташбеҳ вуҷуд надорад, пас дар ин ҷо ташбеҳи балиғ рух додааст.

Лозим ба зикр аст, ки манзур аз шахси мамдуҳ ба номи Носир, дар ин байт «Сайидшоҳ Носир Нодирӣ» писари аршади Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ аст, ки бисёр мавриди таваҷҷуҳ ва тарафи лутфи Сайид Нодиршоҳ (падараш) қарор доштааст ва алон ҳам ӯ дар қайди ҳаёт буда ва ба ҳайси як тан аз вузаро ва ё мушовирони хоси Шаҳзода Карим Оғохон роҳбари исмоилиёни ҷаҳон дар Лондон ба сар мебарад.

Ё:

Ду чашмаш нигарист ҷодуст моро,

Ҳилолаш бандаи абруст моро. [13, с.11]

Бо ташбеҳи «чашм» ба «наргиси ҷоду» ва «ҳилол» ба «бандаи абрӯ» ташбеҳи балиғ ба даст омадааст, бо ин тафовут, ки дар мисраи аввал «мушаббаҳ» пеш аз «мушаббаҳ биҳӣ» омада ва аммо дар мисраи дуввум «мушаббаҳ биҳӣ» қабл аз «мушаббаҳ» зикр шудааст ва ҳамчунон мушаббеҳ биҳии «наргиси ҷоду» дар мисраи аввал ва мушаббаҳи «банди абру ё бандаи абрӯ» бо доштани касраи изофат, ба шакли таркиби изофӣ ё изофати ташбеҳӣ омада ва истеъмол шудааст.

Ва ё :

Имрӯз лаъли дилбари ман пур зи шаккар аст,

Ҳар тори зулф тудае аз мушку анбар аст. [13, с.16]

Дар ин ҷо ҳам мушаббаҳ бо изофаи ташбеҳӣ омада ва ҳам мушаббаҳ биҳии; мисли «лаъли дилбар», ки мурод ҳамон лаби дилбар аст, ба «шаккар» ва «тори зулф» ба «тудаи мушку анбар» ташбеҳ гардида ва дигар аз ваҷҳи шубҳ ва аз адоти ташбеҳ ҳеҷ суроғе нест.

Дар мисоли зер ҳамон гуна, ки дида мешавад, бо васфи адами мавҷудоти тарафайни ғайриаслии ташбеҳ дар баробари як мушаббаҳ, чандин мушаббаҳ биҳи зикр гардида ва ба ин шакли ташбеҳи балиғро ба бор оварда ва суханро марғуб гардидонидааст.

Баҳор омад, баҳор омад, нигори гулъизор омад,

Гул омад, сабза омад, сарв омад, лолазор омад.

б) Ташбеҳи музмар ё зимнӣ

Ташбеҳи музмар ба ташбеҳе гуфта мешавад, ки иловае аз набуди тарафайни ғайриаслӣ (ваҷҳи шубҳ ва адоти ташбеҳ) дар он тарафайни аслӣ ҳам дар он ғайри ошкор ва мустатар буда ва фақат аз қаринаҳои маъноӣ ташхис ва фарочанг меояду бас, масалан:

Нигорам шона созад, тори зулфи анбаринбӯро,

Мушавваш менамояд дар Хутан он нофи оҳуро. [13, с.8]

Бо як нигоҳи гузаро дар ин байт, ҳатто намешавад аркони аслии ташбеҳро ҳам ташхис дод. Чӣ бирасад ба ташбеҳи тарафайни ғайриаслӣ, аммо аз қаринаҳои маъноӣ дармеёбем, ки мумкин миёни «тори зулфи анбаринбӯ» ва «нофи оҳу» кадом иртиботе вуҷуд дошта бошад. Бале, ноф як гунае аз оҳувон, машҳур ба оҳувони Хутан, мушкзо буда ва ба ин ном бисёр машҳуранд, вагарна шона шудани торҳои зулфи як нигор дар як ҷуғрофиёи аз ин бекарона чи гуна метавонад бӯйи хушоянди мушки нофи оҳувони Хутани Чинро бишканад ва онро нигарону камранг созад. Пас, ба ҳар ҳол, «хушбуйии зулфи ёр» ба «хушбуйии усораи нофи оҳувони Хутан» ба гунаи пӯшида ва мактум ташбеҳ шуда ва ба ин тартиб ташбеҳи музмар ва ё зимниро ба вуҷуд овардааст.

Ё;

Дилбарам дар бари ман омаду ханҷар заду рафт,

Ба ҳарифон ба чунин шуъбада соғар заду рафт [13, с.23].

Ба калимоти афтода дар мисрае, ки дида шавад, андар миёнашон, зоҳиран, кадом силк ва риштаҳои мушобеҳат дида намешавад, магар ин ки «ханҷар задан» ва «шуъбадабозӣ»-ро он ҳам ба таври ғайриаланӣ, ба унвони тарафайни аслӣ бипазирем ва қиёс кунем, ки «ёр ё дилбар» бо воруд ба маҳфили ёрон ва ҳарифон, даст ба «ханҷарнамойӣ ва найрангбозӣ» зада ва дар воқеъ бо ин «тарфанд ва шуъбада» ҷоми шароберо ба даст оварда ва сар кашидааст.

Дар байти баъдӣ, Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ боз ҳам афкори одамеро ба водии маҷҳулот кашонида ва ҳарф аз «хат ва хиттаи райҳонӣ» ва аз «чашм барҳамзани имон» дар меоварад ва бад-ин сон дастрасӣ ба ҳадафро, ки ҳамоно дарёфти ташбеҳот ва робитаи ташбеҳоте аст, мушкил мегарданд.

Хатти райҳонӣ, ки дар асл яке аз ақсоми хутути машҳур миёни нависандагон аст, ба сабаби зарифӣ ва кучакиаш, ҳамвора ба гулу барг ва шоха ва райҳон ва дар ин ҷойгоҳ ба хутути тозаи риш, ки аз рухсори ҷавонон зуҳур мекунад, ташбеҳ шудааст. Ва аз зовияи дигар, хиттаи райҳон ё ҳамон «риши наврастаи рухсор», ки бидун аз «зебоӣ» аз иборати «бе чизе нест» дигар истинботе намешавад кард. Асарнокии ҷуз «барҳамзани имон»-ро дар канор

надорад, яъне «зебоии хиттаи райҳон ё решаи тозадами рухсор» ба «падида ё чашм барҳамзани имон» ташбеҳ шудааст.

Хати он хиттаи райҳони ту бе чизе нест,

Чашм барҳамзани имони ту бе чизе нест [13, с.22].

Бад ин тавр, намунаҳои зиёде дар миёни ашъор ва сурудаҳои Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ки як шай ба шайи дигар, чунон рабт дода шуд, ки дар зоҳири амр ташхиси он ба унвони мушаббеҳ ва мушаббеҳ биҳӣ, мушкил ба назар мерасад, аммо аз назари қаробат ва наздикии маъноӣ ва мафҳумӣ, манзури аслӣ аз нафси сухан ба даст меояд.

**Хулосаи боби сеюм.** Боби мазкур, ки зери унвони «Хусусиёти услубӣ ва бадеии ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ» матолиби муҳиммеро мисли забон ва тарзи баён, вазн, қофия ва радиф ва хусусиёти бадеии ашъор ба баррасӣ гирифта шудааст. Дар ин фаслҳо болои услуб ва равиши мавриди истифодаи шоир, ки умдатан таълимӣ ва ситоишӣ аст, сӯҳбат шуда ва ҳамин тавр дар заминаи корбурди вожагон ва тариқу методи баён, авзони шеърӣ ва қисмате аз шохаҳои улуми балоғӣ бо ироаи мисолҳои фаровон аз девони ғазалиёти шоир, сатҳи тавонмандии вай ба хубӣ нишон дода шудааст.

## ХУЛОСА

Айи Нодиршоҳи Каёнӣ дар таърихи муосир, як тан аз чеҳраҳои матраҳи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аст, ки аз нуқтаи назари бизоати илмӣ, пажуҳиш ва нависандагӣ ва кори адабӣ ва фарҳангӣ, шуҳрат ва овозаи лозими шаънашро ба ҳамроҳ надоштааст, яъне ба ҷуз аз ҳалқаи давр ва наздики шомили хонавода, ақрабо ва дӯстонаш, дигар соири мардум аз кору фаъолиятҳои илмӣ ва адабии ӯ огоҳии лозим надоштанд, он чӣ дар ростои кори адабӣ ва сароиши шеър аз ин хонавода зиёдтар забонзад буда, ва ба шуҳрат расидааст, Сайид Нуриддин Равнақ писари эшон аст, ки то ҳанӯз зикри хайри ӯ ва он чаҳор маҷмуаи ашъори нағзаш дар миёни фарҳангиён ва қаламбадастон зинда ва ҳатто он як тикка аз манзумаи интиқодиаш ба лаҳҷаи ширини ҳазорагӣ, то кунун бар забонҳо ҷорӣ ва замзама мешавад:

Ҳар дам шаҳидии мӯ, як ҳарфи нав нияста,

Гар дил мура кунӣ пас, ғайр аз алав нияста [40, с.68].

Ин бад-он маъно нест, ки Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ нисбат ба фарзандаш Равнақ аз шуҳрати камтаре бархурдор будааст, на хайр, балки ин Равнақ буд, ки бо вижагии мухтас ба худ, дар сояи баландии шуҳрати ӯ қарор дошт, чун Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар зимни тасаллути лозим бар қаламу сухани зоҳиран камовоза, як тан аз бузургони қавм, шахсияти иҷтимоӣ ва матраҳ назди ҳокимияти вақт ва аз ҳама муҳимтар қоид ва як тан аз бузургони муҳимми мардумӣ дар кишвар буд ва рӯйиҳамрафта, равияи нек ва мардумдориву русух ва нуфузи иҷтимоияш то ба он ҷо расида буд, ки сабаби нигаронӣ ва ташвиши низоми шоҳӣ шуда ва бо фарохонии табъидгунааш ба Кобул, таҳти назари давлат қарор гирифт.

Пас, ба далели шароити ноҳамвор, бадбинӣ ва изтироби давлат ва зери назар қарор доштани ӯ дар Кобул заминаи дурахшони вай дар арсаи корҳои адабӣ ва пажуҳишӣ дар берун аз муҳавватаи буду бошаш хелеҳо маҳдуд буд, чунки сукунатгоҳи эшон дар наздикии Вазорати дохилаи вақт қарор дошт ва

ҳатто омадшуди афрод ба наздаш, аз ҷониби пулиси вақт назора ва расад мегардид.

Ин адами огоҳии мардум мафҳуми онро надошт, ки Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар соҳаи нависандагӣ ва сухансароӣ гӯё мутаваққиф ва ғайрифаол будааст.

Ин тавр набуд, балки ӯ ба унвони як одами бисёр пӯё ва фаъол мутолиа мекарда, менавишта, шеър месуруда ва пажуҳиш менамудааст ва ҳатто дар ҳамон рӯзгор бахше аз осори эшон ба дур аз Афғонистон, дар шаҳри Бамбайи Ҳиндустон ва кишвари Эрон низ ба чоп расидааст, аммо ин ҳама сайъу талош ва фаъолиятҳо ба истисной наздикон, муридон ва теъдоде аз хавоси муосираш ба сатҳи омми мардум бозтоб наёфтааст ва рӯйи ҳамин ангеза рӯзе чунин сурудааст:

Назми моро қадру қимат нест, дар Афғонситон,

Мешавад кам-кам ба вақти худ муаззаз шеъри ман.

Ҳамон гуна, ки Мавлоно Холмуҳаммади Хаста, як тан аз нухбагони муосири кишвар, дар вокуниш ба каммеҳриҳо ва беилтифотиҳо ва шароиту муносиботи ҳокими ҳамон рӯзгор овоз дода буд, бо гуфтори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ҳамхунии комил дорад:

Дар зиндагиам Хаста, ки қадрам нашиносанд,

Баъд аз сари ман фахр ба ман аҳли ватанрост [111, с.116].

Дар даҳаҳои ахир, ки Афғонистон конуни рӯйдодҳои сиёсӣ, низомӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буд ва сабаб гардид, то ақшор, табақот ва гурӯҳҳои мухталифи мардумӣ дар курони ҳаводис ба пухтагӣ ва худбоварӣ расида ва дар садади пайдоиши ҷойгоҳи муайян ва муносиби худ дар нафси иҷтимоъ гарданд.

Аз ҳамин рӯ, навиштани як савонеҳи мухтасар ва чанд мақолаи норасо, ки эҳтивокунандаи нуқоти кӯчаке аз корномаҳои ӯст, ҳаргиз мукаффӣ набуда ва нахоҳад буд ва ҳамин амр сабаб шудааст, ки шуҳрати ин адиби мутавозеъ ва мардумӣ маҳдуд ва камдомана боқӣ бимонд.

Таҳқиқи зиндагинома ва эҷодиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ моро ба чунин хулоса овард:

1. Осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ба хусус, осори адабӣ ва таърихии мансур ва манзуми ӯ, дарёфт мешавад, ки таълифоти густурдаи вай ҳовии 57 ҷилд китоб ва рисола, аксаран, манзум буда, бахши умда ва қобили мулоҳизаи онро масоили диниву эътиқодоти мазҳабӣ ташкил медиҳад.

2. Дар доираи наср, муҳимтарин таснифи эшон китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Таърихи ғариб» мебошад, ки ҳар гоҳ аз назар гузаронида шавад, ба мушоҳида мерасад, ки насри он бо вуҷуди матну муҳтавои ҷолиб ва шоёни таваҷҷуҳ, аз назари шаклу сохтор, содда, равон, бидуни таъқид, ҳамроҳ бо гусастҳо ва қарин ба фаҳми авом буда ва дар ҳоле ки танаввуи мафоҳимро дар бар дорад, вале шигардҳои адабиро бар наметобонад, яъне забони насри ӯ дар воқеъ як забони шуста ва рӯфтаи тавъам бо мулоимат ва дидгоҳи муҳофизакорона аст, ки орӣ аз ҷанбаҳои нақду интиқоди тунд ва сареҳ дар худ мебошад.

3. Бахши осори манзум ва ба вижа маҷмуаи ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ки умдатан пас аз эҳрози курсии роҳбарии фирқаи исмоилия, суруда шуда ва ба ҷо монда аст, намоёнгари чигунагии шароити иҷтимоӣ, ҳолоти руҳӣ ва уфуқии диди шоир буда ва ороста бо ороёҳои ҳунарӣ, тахайюлоти шоирона, тасвирпардозиҳо, саноеи бадеӣ ва ҳамроҳ бо ороишҳои каломӣ мебошад, тасвир ва тахайюл ба унвони ҷавҳари аслии шеър, на танҳо дар сухан ва сароишҳои ғазали эшон машҳуд аст, балки буҳури мухталифаи вазнӣ, қофия, радиф ва абъод ва доманаҳои ин фунун дар ин ду таълифи вай («Девони ашъор» ва «Паёми Шимол») соя густурда ва боиси барқарорӣ ва ё ҳифзи таносуб ва ҳамоҳангии шакл ва муҳтаво дар кулли сохтори шеърӣ гардидаст.

4. Сабаби дасти боло ва тавонмандии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар халқу тавлиди болиғ бар панҷоҳу ҳафт асари мансур ва манзум, бахусус, сурудани ашъори нағз, пурмоя ва дилпазир, ки ҳатто то ҳудуди сӣ вазни арузиро, дар камоли пухтагӣ ва зарофати сухан дар девони ғазалаш ба кор бастааст, лозим аст рӯйи соири таълифот ва меросҳои қаламии вай низ ба таҳқиқоти бештар ва доманадортаре пардохта шуда ва бад-ин васила бо маъруфии вай ва

корномаҳои арзишмандаш, ҳаққи хидамату коркардҳои тулонӣ ва фарсоишии ӯ адо гардад.

Табоеи сириштӣ, уфуқҳои дид, нигоришҳои маънавӣ ва зароифи маҳоратии ҳар шахс ва ҳар фарди инсонӣ мусалламан аз ҳам мутамоиз ва мутафовит аст. Аз ин роҳгузар, боист ҳар ки дар ҷойгоҳи худаш, мавриди такрим ва ҳурмат қарор гирад.

5. Нодиршоҳи Каёнӣ симои бодирояте аст, ки бештар аз ним қарн ҳаёти самарабахши хешро, сарфи корҳои фикрӣ, таҷрибӣ ва қаламӣ намуда, набоист мавриди камлутфӣ ва бетаваҷҷуҳӣ қарор бигирад, чун татаббуъ ва ковишу таҳқиқ ва пажуҳиш болои619 меросҳои илмӣ ва фарҳангии муҳаққиқон ва донишпажуҳон, мушаххасан як вазифа ва як ваҷиба буда ва музофан ҳеҷ маслиҳат ва мулоҳизаи сиёсӣ, қавмӣ ва забониро дар тарки ин воҷиба намепазирад.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1. Дастхатҳо ва осори номураттаб ва чопнашудаи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ҷамъоварӣ ва танзим гардида ва табъ бирасад.

2. Бо барпойии нишастҳо ва маҳофили фарҳангӣ, адабӣ ва бо баргузории семинорҳои донишӣ, пажуҳишӣ, заминаи шинохти бештар ва беҳтари вай фароҳам шавад.

3. Маҷмуи навиштаҳо, таҳлилҳо ва баррасиҳои нависандагон ва фарҳангиён дар мавриди шахсияти илмӣ ва адабии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ҷамъоварӣ, тадвин ва дар як ҷилд ба зевари чоп тазйин ёбад.

4. Дар як тасмими корсоз ва вижа тамоми осори адабии эшон чоп шуда ва дар ихтиёри китобхонаҳо ва марокизи омӯзишии кишвар қарор гирад.

5. Ба ҷо хоҳад буд, то кадом ниҳоди илмӣ сақофатӣ ва ё мактаб ва мадрасае дар вилояти Бағлон ва ё пойтахт - Кобул ба исми эшон номгузорӣ шавад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

### I. Сарчашмаҳо:


1. Абусаиди Абулхайр. Девон. [Матн] / Абусаиди Абулхайр -Теҳрон: Нашри Муҳаммад Оламгири Теҳронӣ, 1369. - 618 с.

2. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / С.Айнӣ. - Душанбе: Адиб, 2010. - 448 с.

3. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад. Куллиёти Шамси Табрезӣ, ҷилди аввал, чопи саввум. [Матн] / Ҷ. Балхӣ. - Теҳрон: Интишороти Баргнигор, 1385. - 1492 с.

4. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад. Маснавии Маънавӣ.Дафтари аввал, бо кӯшииши Озари Яздӣ. [Матн] / Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад Балхӣ. - Теҳрон: Интишороти Пажӯҳиш, 1386. - 1318 с.

5. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Ғазалиёти Бедил. [Матн] / Мирзо Абдулқодир Бедил. - Теҳрон: Нигоҳ, 1364. - 649 с.

6. Баҳор, Маликулшуаро Муҳаммадтақӣ. Қитаъоти Маликулшуаро. Чопи аввал [Матн] / Маликулшуаро Муҳаммадтақӣ Баҳор. - Теҳрон: Озодмехр, 1382. - 159 с.

7. Бунафша, Мансурӣ Ҳасан. Иншо ва номанигорӣ. [Матн] / Мансурӣ Ҳасан. - Теҳрон: Мехрдод, 1375. - 240 с.

8. Виқорӣ, Мирзо Аҳмади Шерозӣ. Девон. Бо таҳқиқи Моҳруӣ Навобӣ. [Матн] / Мирзо Аҳмади Шерозӣ. - Табриз, 1348. - 514 с.

9. Гулрухсор. Ашки туфон (гулчини ашъор). [Матн] / Гулрухсор Сафиева. - Теҳрон: Нашри густариши забони форсӣ, 1378. - 471 с.

10. Ғафуров, Бобоҷон. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Бобоҷон Ғафуров. - Душанбе: Дониш, 2008. - 870 с.

11. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Лоҳутӣ. - Нашри конуни фарҳангии Носири Хусрави Балхӣ. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ. - Кобул, 1394. - 88 с.

12. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ.Таърих ғариб. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ. - Бомбай, 1276. - 328 с.

13. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Девони ашъор. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ. - Бомбай: Раҳимӣ, 1277. - 153 с.

14. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Паёми шамол. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ. - Бомбай: Тоҷмаҳал, 1276. - 256 с.

15. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Шаҷараи тайиба. Дастхат. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ. - Карочи, 1317. - 300 с.

16. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Зибдат-ул-ҳақоиқ. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ. - Карочи-Покистон, 1330. - 248 с.

17. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Хамсаи Каёнӣ. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ - Кобул, 1394. - 196 с.

18. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Саодатнома. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ. - Теҳрон: Машъали озодӣ, 1343. - 254 с.

19. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Гулшани рози солис. Дастхат. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ. - Бағлон, 1349. - 280 с.

20. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Гули сурӣ. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ. - Бомбай, 1364. - 184 с.

21. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Навои қудсӣ. Дастхат. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ 1349. - 168 с.

22. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Нирӯи ишқ. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ. - Кобул, 1338. - 152 с.

23. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Ҷавҳари хаёл[Матн]. / Сайид Нодиршоҳ. - Карочӣ, 1379. - 169 с.

24. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Машъали тур. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ. - Кобул: Конун, 1394. - 99 с.

25. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Андарзҳои паёмбар. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ. - Теҳрон: Асотир, 1391. - 339 с.

26. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Ду маснавии ирфонӣ. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ. - Кобул: Конун, 1393. - 149 с.

27. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Бахр-ул-маонӣ. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ. - Кобул: Конун, 1394. - 115 с.

28. Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Ганҷинаи асрор. [Матн] / Сайид Нодиршоҳ. - Кобул: Конун, 1393. - 198 с.

29. Корвони шеър. [Матн]. - Кобул: Созмони Осиёи бузург, 1383. - 186 с.

30. Кӯҳдоманӣ, Беранг. Салом ба шақоиқ. [Матн] / Беранги Кӯҳдоманӣ- Кобул: Вазорати дифоъ, 1360. - 141 с.

31. Қори Абдулло, Маликушшуаро. Куллиёт. [Матн] / Қорӣ Абдулло. - Кобул: Маориф, 1332. - 515 с.

32. Қубодиёнӣ, Носири Хусрав. Ваҷҳи дин. [Матн] / Носири Хусрави Қубодиёнӣ. - Теҳрон: Асотир, 1390. - 320 с.

33. Қудсӣ, Саидфазлуллоҳ. Хокистари садо (маҷмуаи шеърҳо). [Матн] / Саидфазлуллоҳ Қудсӣ. - Машҳад: Ҳавзаи ҳунарӣ, 1375. - 92 с.

34. Қаноат, Муъмин. Баргузидаи ашъор. [Матн] / Муъмин Қаноат. - Теҳрон: Алҳудо, 1373.- 424 с.

35. Махфӣ, Сайиднасаби Бадахшӣ. Гузидаи ашъор. [Матн] / Сайиднасаби Бадахшии Махфӣ. - Кобул: Кумитаи давлатӣ, 1366. - 90 с.

36. Мирзоев С. Андешаҳои маорифпарварӣ дар адабиёти се даҳаи аввали асри 20 Афғонистон [Матн] / С. Мирзоев. - Душанбе, 1993. - 134 с.

37. Назриқул М. Муқаддимаи шеършиносӣ (вазни шеър). [Матн] / М. Назриқул. -Душанбе: Сино, 2004. - 79 с.

38. Осӣ, Абдуқаҳҳор. Куллиёт. [Матн] / Абдуқаҳҳор Осӣ- Кобул: Саид, 1383.- 300 с.

39. Пидром, Абдулатиф. Шеърҳои инзиво. [Матн] / Абдулатиф Пидром. - Кобул: Кумитаи давлатӣ, 1366. - 49 с.

40. Равнақ, Нодирӣ. Армуғони зиндон. [Матн] / Нодири Равнақ. - Кобул: Конун, 1394. - 216 с.

41. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-мӯъҷам фӣ маъоир ашъор-ул Аҷам [Матн] / Шамси Қайси Розӣ. - Теҳрон: Огаҳ, 1342. - 553 с.

42. Сабзаворӣ, Муллоҳодӣ. Девони ашъор (Ғазалиёт). [Матн] / Муллоҳодии Сабзаворӣ. - Теҳрон, 1341. - 316 с.

43. Сабуҳӣ, Шотир Аббос. Дафтари ғазалиёт. [Матн] / Шотир Аббос Сабуҳӣ. - Теҳрон, 1375. - 298.

44. Савдо, Абдулқодирхоҷа. Мунтахаботи Савдо. [Матн] / Абдулқодирхоҷаи Савдо. - Сталинобод, 1959. - 195 с.

45. Самарқандӣ, Рӯдакӣ. Девон. [Матн] / Рӯдакии Самарқандӣ. - Теҳрон: Тиргон, 1387. - 239 с.

46. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро [Матн] / Давлатшоҳи Самарқандӣ. Таҳияи Мухлиса Нуруллоева. - Хуҷанд: Ношир, 2015. - 544 с.

47. Самарқандӣ, Низомии Арузӣ. Чаҳор мақола [Матн] / Низомии Арузии Самарқандӣ. Таҳия ва тавзеҳи Фахриддин Насриддинов. - Хуҷанд: Ношир, 2015. - 192 с.

48. Саъдӣ, Шерозӣ. Куллиёти Саъдӣ. [Матн] / Саъдии Шерозӣ. - Қум: Нақшнигорони қалам, 1381. - 818 с.

49. Табарӣ, Эҳсон. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳ ва ҷунбишҳои иҷтимоӣ дар Эрон. [Матн] Эҳсон Табарӣ. - Теҳрон, 1348. - 412 с.

50. Табрезӣ, Мирзо Соиб. Девони Соиби Табрезӣ. [Матн] / Мирзо Соиби Табрезӣ. - Теҳрон: Нигоҳ. - 1386. - 1457 с.

51. Тирмизӣ, Адиб Собир. Девон. [Матн] / Адиб Собири Тирмизӣ. - Теҳрон: Алҳудо, 1380.- 394 с.

52. Тоҳиров У. Каломи мавзун. [Матн] / У. Тоҳиров. - Душанбе: Шарқи Озод, 2005. - 455 с.

53. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. [Матн] / Абулқосими Фирдавсӣ - Теҳрон: Омӯзиши инқилоб, 1369. - 674 с.

54. Фурӯғӣ, Бастомӣ. Девон. [Матн] / Фуруғии Бастомӣ, 1389. - 168 с.

55. Хайём, Умар. Рубоиёт. [Матн] / Умари Хайём. - Теҳрон: Тос, 1369. - 425 с.

56. Халилӣ, Халилуллоҳ. Маҷмуаи ашъор. [Матн] / Халилуллоҳ Халилӣ. - Кобул: Матбааи давлатӣ, 1340. - 280 с.

57. Хоқонӣ, Шарвонӣ. Девони Хоқонии Шарвонӣ. [Матн] / Хоқонии Шарвонӣ. - Теҳрон: Гулоро, 1379. - 762 с.

58. Ҳофиз, Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад. Девони Ҳофиз. [Матн] / Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад Ҳофиз. - Теҳрон: Ҷайҳун, 1384. - 499 с.

59. Чоҳобӣ, Абдулло Ориф. Девони Орифи Чоҳобӣ. [Матн] / Абдулло Орифи Чоҳобӣ. - Лоҳур, 1373. - 480 с.

60. Шералӣ, Лоиқ. Гулчине аз ашъори Лоиқ Шералӣ. [Матн] / Лоиқ Шералӣ. - Теҳрон: Алҳудо, 1372. - 320 с.

61. Шерозӣ, Виқор. Девон. [Матн] / Виқории Шерозӣ. - Табриз: Муассисаи таърих ва фарҳанг, 1348. - 380 с.

62. Шоҳин, Муҳаммад Шамсиддин. Ашъори муктахаб. [Матн] / Муҳаммад Шамсиддин Шоҳин. - Сталинобод, 1959. - 441 с.

63. Эътисомӣ, Парвин. Девон. [Матн] / Парвини Эътисомӣ. - Теҳрон: Ривоят, 1375. - 384 с.

64. Юшич, Нимо. Ҳарфҳои ҳамсоя. [Матн] /Нимо Юшич. - Теҳрон, 1374. - 104 с.

**II. Асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ:**

65. Абдулло, Фотеҳ. Шеъри зиндагиофарин. Маҷмуаи мақолаҳо / Ф. Абдулло. - Душанбе: Ирфон, 1986. - 112 с.

66. Абдуманнонов, А. Нуқтаи назар / А. Абдуманнонов. - Душанбе: Адиб, 1990. - 240 с.

67. Акбаров, Юсуф. Қисмати инсон ва қисмати шеър. Баъзе масъалаҳои лирикаи муосир / Ю. Акбаров. - Душанбе: Дониш, 1980. - 197 с.

68. Аминӣ, Муқаддаси Абулҳасан. Адабиёти татбиқӣ бо такя ба муқоисаи Маликушшуарои Баҳор ва Аҳмади Шарқӣ / А. М. Муқаддасӣ. - Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1386. - 200 с.

69. Асозода, Худойназар. Адабиёти садаи XX-и форсии тоҷикӣ. Ҷилди 2. - Душанбе, 1996. - 162 с.

70. Асозода, Худойназар. Адабиёти тоҷик дар садаи XX. Ҷилди сеюм /Х. Асозода. - Душанбе: Маориф, 1999. - 448 с.

71. Аҳмаднажод, Комил. Фунуни адабӣ. - Теҳрон: Поё, 1382. - 162 с.

72. Аҳмаднажод, Комил. Маонӣ ва баён. - Теҳрон: Заввор, 1382. - 150 с.

73. Банувол, Муҳамадавзал. Вазни шеъри дарӣ / М. Банувол. - Кобул: Саид, 1393. - 136 с.

74. Банувол, Муҳамадавзал. Вазни шеъри дарӣ / М. Банувол. - Кобул: Саид, 1393. - 136 с.

75. Бароҳанӣ, Ризо. Тилло дар мис. Чопи дувум / Р. Бароҳанӣ. - Теҳрон: Замон, 1347. - 655 с.

76. Барзинмеҳр, Абдунабӣ. Куллиёти масоили адабӣ / А. Барзинмеҳр. - Афғонистон (Мазори Шариф): Анҷумани нашриёти Дониш, 2004. - 177 с.

77. Бомиёнӣ, Сайид Муҳаммад Иброҳимӣ. Каёниён ва хонаводаи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ / С. Бомиёнӣ. - Кобул, 1380. - 320 с.

78. Бохтарӣ, Восиф. Вожаномаи арӯз ва қофия // Хуросон, 1362, №6, соли сеюм.-180 с.

79. Бохтарӣ, Восиф. Симои дирӯзӣ ва имрӯзини вазни шеър // Ной, шумораи аввал, моҳи қавси 1369. - 129 с.

80. Бетоб, Абдулҳақ. Илми маонӣ / А. Бетоб. - Кобул: Матбааи давлатӣ, 1334. - 92 с.

81. Бетоб, Абдулҳақ. Гуфтори равон ва илми баён / А. Бетоб. - Кобул: Нашри факултаи адабиёт, 1334. - 83 с.

82. Ваҳҳоб Рустам. Бӯи ҷӯи мулиён. Тазкираи сад соли охири шеъри тоҷикӣ / Р. Ваҳҳоб. - Теҳрон: Анҷумани шоирон, 2014. - 400 с.

83. Ваҳҳоб, Рустам. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритми назми муосири тоҷик / Р. Ваҳҳоб. - Душанбе, 2009. - 195 с.

84. Давронов С. Сохти шеъри тоҷикӣ / С.Давронов. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 28 с.

85. Донишпажӯҳ, Манучеҳр. Тафаннуни адабӣ дар шеъри форсӣ / М. Донишпажӯҳ. - Теҳрон: Таҳурӣ, 1380. - 506 с.

86. Жубл, Муҳаммадҳайдар. Таърихи адабиёти Афғонистон / М. Жубл. - Кобул: Майванд, 1388. - 303 с.

87. Зарринкӯб, Абулҳусайн. Чашмандози шеъри нави форсӣ. Ҷилди аввал. / А. Зарринкуб. - Теҳрон: Тӯс, 1358. - 300 с.

88. Илҳом, Муҳаммадраҳим. Расмулхатти забони форсӣ ба унвони забони илм // Ҳуҷҷат, шумораи сеюм, 1370.

89. Кадканӣ, Муҳаммризо Шафеъӣ. Мусиқии шеър / М.Кадканӣ. - Теҳрон: Огаҳ, 1368. - 721 с.

90. Кадканӣ, Муҳаммризо Шафеъӣ. Сувари хайёл дар шеъри форсӣ / М. Кадканӣ. - Теҳрон: Огаҳ, 1385. - 732 с.

91. Кобулӣ, Эраҷ. Вазншиносӣ ва арӯз / Э.Кобулӣ. - Теҳрон: Огаҳ, 1376. - 469.

92. Комёр, Тақии Ваҳидиён. Вазн ва қофияи шеъри форсӣ / Т.Комёр. - Теҳрон: Нашри донишгоҳӣ, 1367. - 110 с.

93. Коллектив. Кофӣ, ҷилди аввал, ҷузъи аввал «Китобул ақл вал ҷаҳл». - Теҳрон, 1374. - 1015 с.

94. Қавим Абдулқаюм. Таърихи адабиёти дарӣ / А. Қавим. - Кобул: Интишороти Нависо, 1388. - 280 с.

95. Қавим, Абдулқаюм. Муруре ба адабиёти муосири дарӣ / А. Қавим. - Кобул: Интишороти Саид, 1387. - 306 с.

96. Мавлоӣ, Муҳаммад Сарвар. Шеъри муосири Афғонистон / М.Мавлоӣ. - Теҳрон: Раз, 1350. - 220 с.

97. Маънавӣ, Сайид Иршод. Зиндагиномаи Сайид Нодиршоҳ Каёнӣ / С. Маънавӣ. - Кобул, 1393. - 37 с.

98. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари адабиётшиносӣ / Х. Мирзозода. - Душанбе: Маориф, 1992. - 240 с.

99. Мирсодиқӣ, Майманат Зулқадрӣ / М. Мирсодиқӣ. - Вожаномаи ҳунари шоирӣ. - Теҳрон: Қатра, 1383. - 240 с.

100. Моҳёр, Аббос. Арӯзи форсӣ / М. Аббос. - Теҳрон: Қатра, 1383. - 192 с.

101. Муваҳҳид, Зиё. Шеър ва шинохт / З. Муваҳҳид. - Теҳрон: Марворид, 1385. - 286 с.

102. Мусулмониён, Раҳим. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. - Душанбе: Маориф, 1990. - 334 с.

103. Муҷтабо Маҳдӣ. Бадеъи нав / М. Муҷтабо. - Теҳрон: Сухан, 1380. - 170 с.

104. Назир, Додмуҳаммад. Фуруқ ва мазоҳиби каломӣ ва исломӣ / Д. Назир. - Кобул: Ҳомид Рисолат, 1395. - 350 с.

105. Некпай, Қадамалӣ. Аҳвол, шахсият ва осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ /Қ. Некпай.- Кобул, 1388- 64 с.

106. Ориёнфар, Шамсулҳақ. Шахсиятҳои калони Афғонистон / Ш. Ориёнфар. - Кобул: Майванд, 2012. - 563 с.

107. Пурҷонӣ, Алии Ҳасан. Баррасӣ ва таҳлили сабки шахсии Мавлоно дар ғазалиёти Шамс / А. Пурҷонӣ. - Теҳрон: Самт, 1366. - 115 с.

108. Размҷӯй, Ҳусайн. Нақд ва назаре ба шеъри гузаштаи форсӣ / Ҳ. Размҷӯй. - Машҳад: Донишгоҳи Фирдавсӣ, 1382. - 154 с.

109. Раҳмонов, Абдуҷаббор. Шамсиддини Шоҳин ва суннати ғазалсароӣ дар адабиёти тоҷик / А. Раҳмонов. - Душанбе: Пажуҳишгоҳи фарҳанги форсӣ, 1387. - 153 с.

110. Раҳмдил, Ғуломризо. Арӯз / Ғ. Раҳмдил. - Рашт: Донишгоҳи Гелон, 1378. - 156 с.

111. Рустоӣ, Мирзомуҳаммад. Мавлоно Холмуҳаммади Хаста аз назари дӯстон ва муосиринаш / М. Рустоӣ. - Кобул: Чопи Аҳмад, 1388. - 128 с.

112. Сарватиён, Беҳрӯз. Баён дар шеъри форсӣ / Б. Сарватиён. - Теҳрон:Барг, 1369.- 175.

113. Сатторзода, Абдунабӣ. Куҳна ва нав / А. Сатторзода. - Душанбе:. Пайванд, 1384. - 250 с.

114. Сатторзода, Абдунабӣ. Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ (дар заминаи навиштаҳои пешиниён ва имрӯзиён) / А. Сатторзода. - Душанбе: Адиб, 2011. - 380 с.

115. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон Ҷилди аввал / З. Сафо. - Теҳрон: Фирдавс, 1372. - 716 с.

116. Тобиш, Қамбаралӣ. Чашмандози шеъри муосири Афғонистон / Қ. Тобиш. - Теҳрон: Алҳудо, 1374. - 225 с.

117. Фармониён, Маҳдӣ. Дарсномаи таърих ва ақоиди исмоилия / М.Фармониён. - Қум: Адён, 1395. - 238 с.

118. Фарманд, Ғуломҳусайн. Ду маликушшуарои ҳамрӯзгор- Кобул: Вазорати иттилоот ва фарҳанг, 1385. - 219 с.

119. Фарҳат, Фиребо. Ирфон дар шеъри Сайид Нодиршоҳ Кайёни / Ф.Фарҳат. - Кобул, 1394. - 64 с.

120. Фурӯғ, Холида. Гомҳои бетаваққуфи шеъри муосири порсии дарии тоҷикӣ / Х. Фуруғ. - Кобул: Барг, 1390. - 156 с.

121. Хонларӣ, Муҳаммад Нотил. Вазни шеър / М.Хонларӣ. - Теҳрон: Тус, 1368. - 285 с.

122. Хуросонӣ, Шуҷоуддин. Шеъри муосири дарӣ / Ш. Хуросонӣ. Кобул. Амирӣ, 1394. -228 с.

123. Хуросонӣ, Шуҷоуддин. Ҳанҷараи сабзи ғазал.Аз Ҷаъфари Рӯдакӣ то Восифи Бохтарӣ / Ш. Хуросонӣ. - Кобул: Неъмонӣ, 1384. - 456 с.

124. Ҳабиб, Асадуллоҳ. Адабиёти дарӣ дар нимаи нахустини садаи бистум / А. Ҳабиб. - Пешовар: Мултаҳиб, 1381. - 215 с.

125. Ҳайдарӣ, Абдулваҳҳоб. Сабкшиносӣ (ҷузваи дарсии Донишкадаи адабиёт) / А. Ҳайдарӣ. - Кобул: нашри шуъбаи забон ва адаби форсӣ, 1384. - 88 с.

126. Ҳоҷсан, Маршал. Фирқаи исмоилия (тарҷумаи Фаридуни Бадраӣ) / М.Ҳоҷсан. - Теҳрон, 1387 хуршедӣ.

127. Ҷаъфарӣ, Маҳмуд. Шеър чист? / М. Ҷаъфарӣ. - Кобул: Қалам, 1386. - 322 с.

128. Ҷаъфарӣ, Муҳаммад Тақӣ / М. Ҷаъфарӣ. Зебоӣ ва ҳунар аз дидгоҳи ислом. - Теҳрон, 1381. - 340 с.

129. Шамисо, Сирус.Сайри ғазал дар шеъри форсӣ / С.Шамисо. - Теҳрон: Фирдавсӣ, 1367. - 127 с.

130. Шамисо, Сирус. Бадеъ / С.Шамисо. - Теҳрон: Донишкадаи паёми нур, 1389. - 75 с.

131. Шарифӣ, Муҳаммадфозил. Раванди шеъри нави дарӣ дар Афғонистон / М.Шарифӣ. - Кобул: Амирӣ, 1385. - 181 с.

132. Юшич Нимо. Дар бораи ҳунари шеъру шоирӣ / Н. Юшич. - Теҳрон, 1375. - 300 с.

133. Ямин, Муҳаммадҳусайн. Дастури муосири форсии дарӣ / М. Ямин. - Кобул: Майванд, 1383. - 180 с.

### III. Фарҳангҳо ва луғатномаҳо:

134. Амид, Ҳасан. Фарҳанги Амид / Ҳ.Амид. - Теҳрон: Амири кабир, 1382. - 2003 с.

135. Деҳхудо, Алиакбар. Фарҳанги луғати Деҳхудо / А. Деҳхудо. - Теҳрон: Сирус, 1334. - 500 с.

136. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо, ҷилди 38 / А.Деҳхудо. - Теҳрон: Сирус, 1339. - 565 с.

137. Мӯин, Муҳаммад. Фарҳанги Мӯин / М. Мӯин. - Теҳрон: заррин, 1386. - 1035 с.

138. Саъдиён, Абдулҳусайн / А.Саъдиён. Доиатулмаорифи адабӣ. - Теҳрон: Илму зиндагӣ, 1374. - 1033 с.

139. Шарифӣ, Муҳаммад. Фарҳанги адабиёти форсӣ / М.Шарифӣ. - Теҳрон: Мӯин, 1387. - 1657 с.

### IV. Манобеи интернет:

140. Биографии Саййид Нодиршоҳи Каёнӣ аз доиёни ба номи исмоилия дар Афғонистон. Vajheddin.blogfa.com Info@sayedkayan.com

141. Каён Миршоҳӣ Масъуд. Торихи ғариб ва таҷадуд дар Афғонистон, нашри вебсойти Роҳак, 1394 хуршедӣ.

142. Муккиҳои Исмоилиёни Афғонистон дар замони зимомдорон ва ҳокимони аср. Sabbah.blogsky.com 139.Нодиршоҳ.Fa.m.wikipedia.or

143. Сайиди каён/ хуросон.Wordpress.com

144. Саййид Нодишоҳ Каёни. galerybartar.rozblog.com

145. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома(достони Хоқони Чин). Сайти Ганҷур, бахши 16, https://ganjoor. Net

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**


**[1-М].** Рустоӣ М.М. Шинохте аз Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ / М.М. Рустоӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. №4 (76). – С.198-204.

**[2-М].** Рустоӣ М.М. Сайри таҳаввули ғазал то замони Каёнӣ / М.М. Рустоӣ // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмӣ). Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. №2. – С.54-64.

**[3-М].** Рустоӣ М.М. Бозтоби ишқ дар ғазалёти Каёнӣ / М.М. Рустоӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. №6. – С.242-246.

**[4-М].** Рустоӣ М.М. Сохт ва таркиби ғазалиёти Каёнӣ / М.М. Рустоӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. №1 (84). – С.166-169.

**[5-М].** Рустоӣ М.М. Шахсияти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ аз диди дигарон / М.М. Рустоӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023, №8. – С.250-258.

**[6-М].** Худойдодов А.О., Рустоӣ М.М. Хусусиятҳои бадеии ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ / А.О. Худойдодов, М.М. Рустоӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. №3 (104). – С.125-131.


**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва маҷаллаҳои дигари илмӣ:**


**[7-М].** Рустоӣ М.М. Инъикоси мадҳ дар ашъори Саййид Нодиршоҳи Каёнӣ [Матн] / М.М. Рустоӣ (Маъруза) // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабии халқҳои тоҷику узбек: гузашта, ҳозира ва оянда», дар иртибот ба ифтихори 31 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 145 солагии сардафтари адабиёти муосири тоҷику узбек Садриддин Айнӣ, эҳёи нави густариши робитаҳои иқтисодӣ, илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Узбекистон (27-28.04.2023). – Душанбе, 2023. – С.235-236.

**[8-М].** Рустоӣ М.М. Мухтасарбаҳсе дар бораи шоистасолорӣ / М. М. Рустоӣ // Маҷаллаи илмии «Тубён»-и Академияи улуми Афғонистон. –Кобул, 1382. №5. – С.1-8.

**[9-М].** Рустоӣ М.М. Баррасии ҳолатҳои сегонаи санъати ташбеҳ дар ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ [Матн] / М.М. Рустоӣ (Маъруза) // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ» бахшида ба 1800-солагии таъсисёбии давлати Сосониён, Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 26 апрели соли 2024). – Душанбе, 2024. – С.281-285.